ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ КӮЛОБ БА НОМИ
АБУАБДУЛЛОҲИ РӮДАКӢ

Бо ҳуқуқи дастнавис

ВБД: 070.13 (575.3) (76.12. 2Т)

**САФАРАЛИЗОДА АБДУҶАББОР САФАРАЛӢ**

# ВИЖАГИҲОИ ГУЗАРИШИ ВАО АЗ НИЗОМИ ШУРАВӢ БА ДЕМОКРАТӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН: ДУРНАМО ВА МАСЪАЛАҲО (СОЛҲОИ 1991-2020)

**ДИССЕРТАТСИЯ**

барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) –
доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050400 – Рӯзноманигорӣ
(6D050401 – Рӯзноманигорӣ)

Роҳбари илмӣ:
доктори илмҳои филологӣ
Саъдуллоев Ҷамшед Муллокомилович

ДУШАНБЕ – 2026

## МУНДАРИҶА

**НОМГӮЙИ ИХТИСОРАҲО ВА (Ё) АЛОМАТҲОИ ШАРТӢ.................3**
**МУҚАДДИМА…………………………………..……...........………......4-14**

**БОБИ I. ЗАМИНАҲОИ СИЁСӢ ВА ҲУҚУҚИИ ТАШАККУЛИ НИЗОМИ НАВИ МАТБУОТИ ДАВРИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН..................................................................15-81**
1.1. Шароити сиёсию ҳуқуқии ташаккули низоми муосири матбуоти даврии Ҷумҳурии Тоҷикистон………………………………........……..15-28
1.2. Ташаккули заминаи қонунгузории низоми матбуоти даврии Ҷумҳурии Тоҷикистон ……………………...................………......28-53
1.3. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи матбуоти даврӣ ва дигар воситаҳои ахбори омма» ………….......................………………..…....53-81
1.3.1. Ҳифзи моликияти зеҳнӣ ва заминаҳои ҳуқуқии он…..................59-71
1.3.2. Танзими реклама дар воситаҳои ахбори омма…......……………....72-81

**БОБИ II. ТАШАККУЛИ НИЗОМИ НАВИ МАТБУОТИ ДАВРИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР СОЛҲОИ 1991-2020...82-110**
2.1. Оҷонсиҳои иттилоотӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон...................……......82-97
2.2. Хусусиятҳои амалкарди ВАО ва гуногунандешии сиёсӣ дар расонаҳои Тоҷикистон дар роҳи ба даст овардани Истиқлоли давлатӣ...............................................................................................97-110

**БОБИ III. НАҚШ ВА МАҚОМИ ВАО ДАР РАВАНДИ ДЕМОКРАТИКУНОНИИ ҶОМЕА................................111-147**
3.1. Нақши ВАО дар таҳаввул ва таҳкими ҳаёти ҷомеа...................111-133
3.2. Марҳилабандии фазои иттилоотӣ ва матбуоти даврӣ.….........133-147

**ХУЛОСА.................................................................................................148-153**
**ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚ...........................................................................................154**
**РӮЙХАТИ АДАБИЁТ.........................................................................155-168**

## НОМГӮЙИ ИХТИСОРАҲО ВА (Ё) АЛОМАТҲОИ ШАРТӢ

АДН – автореферат диссертации на соискание ученой степени доктора филологических наук.

АКД – автореферат диссертации на соискание ученой степени кандидата филологических наук.

ВАО – васоити ахбори омма.

ИДМ – Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил.

ИМА – Иёлоти Муттаҳидаи Амрико.

ИҶШС – Иттиҳоди Ҷамоҳири Шуравии Сотсиалистӣ.

КОА – Комиссияи олии аттестатсионӣ.

СҒҲ – созмонҳои ғайриҳукуматӣ.

СММ – Созмони Милали Муттаҳид.

ҶТ – Ҷумҳурии Тоҷикистон.

IP – моликияти зеҳнӣ.

# МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқ.** Таҳқиқи равандҳои табдилёбии васоити ахбори омма дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва муайянсозии тамоюлҳои калидии ташаккул ва фаъолияти матбуоти даврии муосири тоҷик имкон фароҳам меорад, ки таҳлилҳои мо дар бораи қонунмандиҳои рушди фазои иттилоотӣ дар давраи пасошуравӣ амиқтар гардад. Ин гуна таҳлил, хусусан, барои дарки таҷрибаи нодири Тоҷикистон аҳаммияти хос дошта, ҳамзамон, заминаи муқоисавии арзишмандро барои омӯзиши низомҳои медиявии кишварҳои дигари Осиёи Марказӣ муайян месозад. Солҳои пешин дар Ҷумҳурии Тоҷикистон кӯшишҳои мавриди баррасӣ қарор додани медианизомҳои тоҷикӣ ба харҷ дода шудаанд, аммо онҳо ҷанбаи маҷмуӣ ва бунёдӣ надоштанд. Дар ин замина, таҳқиқоте, ки дар кишварҳое чун Ҷумҳурии Демократии Олмони пешин, Лаҳистон (Полша) ва як қатор давлатҳои дигар анҷом дода шудаанд, аҳаммияти хосса пайдо мекунанд. Ҳамзамон, низоми расонаии Тоҷикистон, ки дар шароити ташаккули Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз соли 1991 ба вуҷуд омадааст, як объекти махсуси омӯзиш ба шумор меравад, ки таҳлили мунтазам, мукаммал ва амиқи илмиро тақозо мекунад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 1991-1997 раванди гузариш ба низоми нави иқтисодӣ оғоз гардид, ки онро унсурҳои ҷомеаи демократӣ ҳамроҳӣ мекард. Ин марҳила фарогири таъсиси ниҳодҳои парлумонӣ, рушди низоми ҳизбҳои сиёсӣ ва зуҳури пояҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ буд, ки ҳамагӣ ҷузъи ҷудонопазири сохтори нави сиёсиву ҳуқуқии кишвар маҳсуб меёфтанд. Дар ин давра (солҳои 1991-1997) сарнавишти Ҷумҳурии Тоҷикистон зери хатар монда буд, зеро дар ҷумҳурӣ ҷанги шаҳрвандӣ бошиддат ҷараён дошт. Ин тағйироти усулӣ ба медиафазои Тоҷикистон бетаъсир намонданд. То соли 2010 дар соҳаи танзими васоити ахбори омма ислоҳоти фарогир ва амиқ анҷом ёфт. Дар натиҷаи ин ислоҳот заминаи қонунгузории мукаммал ва амалӣ ташаккул

ёфт, ки механизмҳои ҳуқуқии фаъолияти матбуоти давриро дар шароити иқтисоди бозорӣ таъмин менамояд. Бар асоси ҳамин замина, навъҳои асосии нашрияҳо ташаккул ёфтанд, ки барои соҳаи ВАО-и амалкунанда бар пояи усулҳои соҳибкорӣ ва фаъолияти тиҷоратӣ хос мебошанд. Навъҳои асосии нашрияҳо, ки барои ВАО маъмул ва хоссанд ва дар асоси тиҷорату соҳибкорӣ амал мекунанд, пайдо шуданд, аммо худи матбуоти тоҷик қисмати таркибии медианизоми ҷаҳонӣ шуда монд.

Дар замони муосир марҳилаи камомӯхташудаи таҳаввули матбуоти даврӣ солҳои 1991-2020 мебошад. Таҳқиқи омӯзиши равандҳои таҳаввулотие, ки дар матбуоти тоҷик рӯй медиҳанд, аксаран арзиши лаҳзавӣ ва ё ғайримустақим доранд. Дар ин робита, рисолаи мазкур кӯшиши муайян ва барқарор намудани манзараи тағйироту таҳаввулотро, ки дар матбуоти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба вуқуъ омаданд, фаро мегирад.

Ба сифати фарзияи таҳқиқ эҳтимолияте пешбинӣ карда шудааст, ки низоми таҳаввулоти матбуоти даврии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ду самт сурат гирифтааст:

1. Аз амсилаи ҷумҳуриявии нашрияҳои ВАО, ки дар доираи фазои ягонаи иттилоотии ИҶШС амал мекард, гузаштан ба амсилаи умумимиллии ВАО-и нашриявӣ, ки рукни таркибии давлати соҳибихтиёр мебошад;

2. Аз амсилаи авторитарии матбуот, ки дар он нақши воситаю василаи ҳокимиятро мебозид, гузаштан ба амсилаи тиҷоратӣ, ки дар он нашри матбуот ба яке аз соҳаҳои соҳибкорӣ табдил ёфта буд.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ.** Таҳқиқи масъалаҳое, ки дар мавзуи диссертатсия пешбинӣ шудаанд, дар таълифоти гуногуни олимону муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷӣ дар соҳаи журналистика роҳандозӣ шудаанд.

Равандҳои таъсироти ҷаҳонишавӣ, амалкард ва таҳаввулоти ВАО тавассути осори илмии муҳаққиқон, аз ҷумла И. Усмонов, А. Саъдуллоев, А. Нуралиев, М. Имомзода, Ҷ. Саъдуллоев, Ҷ. Муқим, М.

Муродӣ, М. Абдуллозода, Н. Солеҳов, Б. Ҳошимзода, М. Кастелс, М. Маклюен, Р. Негрин, И.И. Засурский, Л.М. Землянова, С.Г. Мелник, С. Миронюк, Д. Стровский, А.Н. Тепляшина, А. Чернов ва дигарон роҳандозӣ шудаанд.

Проблемаҳои иттилоотонии ҷомеа, амалкарди мутақобилаи медиа ва ҳокимият, таҳаввулоти ВАО дар шароити ҷаҳонишавӣ (глобализатсия) мавриди таваҷҷуҳи муҳаққиқони тоҷик қарор гирифтаанд. Дар матбуоти тоҷик мафҳуми «фазои иттилоотӣ» дар таълифоти профессор И. Усмонов мушоҳида мешавад, ки дар он фазои иттилоотӣ вобаста ба «бозсозии ҷиддӣ, ки дар давлати собиқ Иттиҳоди Шуравӣ рӯй дода буд ва заминаи қудратманди он низоми ВАО буд, ки ҳар як унсури он ҳадаф, вазифаи худро дошт» [102, с. 110].

Таҳқиқи минбаъдаи ин мавзуъ дар таълифоти муҳаққиқон В.В. Кулакова [47], А.Н. Нуралиев [75; 76], А. Саъдуллоев [91; 92], М.М. Султонов [98; 99], Д.Б. Ҳомидов [113] ва дигарон инъикос шудааст.

Манфиатмандӣ нисбат ба вазифаҳои гуногуни ВАО дар таълифоти бунёдии назарияшиносони журналистика, аз қабили Е.К. Барабанов, И.М. Дзялошинский, Б. Дубина, С.Г. Корконосенко, В.В. Перевалов, Е.П. Прохоров, А.А. Тертичний, И.Д. Фомичева инъикос ёфтааст, ки мафҳумҳои асосии фаъолияту амалкарди таҳаввулотиро бунёд гузоштаанд. Дар таълифоти онҳо тавассути журналистика густариши мафҳумҳо оид ба фарҳанг, маълумот оид ба иқтисод, сиёсат, ҳуқуқ, маънавиёт ва илм низ кам нестанд. Ҷанбаҳои гуногуни падидаи мазкур дар таълифоти муҳаққиқон М. Лернер, А. Мол, Э. Тоффлер, С. Хангтингтон, Ф. Фукуям, А.И. Арнолдов, Л.М. Архангелский, И.Л. Бабич, Т.Г. Богатирева, П.С. Гуревич, Г.З. Замшел ва дигарон баррасӣ ва арзёбӣ гаштаанд.

Дар илми ватанӣ оид ба омӯзиши равандҳои дар журналистика ва фарҳангу санъат рӯйдодаи Ҷумҳурии Тоҷикистон андешаву таҳқиқотҳои зиёде ба миён омадаанд. Дар ин замина таҳқиқот ва таълифоти муҳаққиқон А. Аминов, Л. Додхудоева, Ф. Қузиев, А. Низомов, С.

Раҳимова, С. Ҳоҷиева, М.З. Шаҳидӣ, М. Одинаева ва Ф. Улмасова муҳим ва арзишманд мебошанд.

**Робитаи таҳқиқ бо барномаҳо ва ё мавзуъҳои илмӣ.** Кори таҳқиқӣ дар асоси барнома ва дурнамои корҳои илмӣ-таҳқиқии кафедраи журналистикаи факултети филологияи тоҷик ва журналистикаи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ таълиф шудааст.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚ

**Мақсади таҳқиқ** дар он ифода ёфтааст, ки омилҳои таъсиргузор ба таҳаввулоти сохторӣ ва мазмунӣ дар матбуоти даврии тоҷик дар давраи гузариш муайян ва самтҳои асосии ин дигаргуниҳо таҳлил ва табақабандӣ гарданд. Гузариш аз як низом ба низоми нав омилҳои гуногуни сиёсӣ, ҳуқуқӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва маънавиро фаро мегирад, ки омӯзиши бунёдӣ ва густурдаро тақозо дорад. Ба ин мақсад, гузоришу ҳалли чунин **вазифаҳои таҳқиқ** пешбинӣ мешавад:

– таҳлили амиқи ҷараёни ташаккул ва таҳаввули заминаҳои меъёрии ҳуқуқие, ки фаъолияти низоми матбуоти даврии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар давраи гузариш аз сохтори шуравӣ ба модели демократӣ танзим менамоянд;
– тавсифи илмии вазъ ва муҳтавои қонунгузории амалкунанда, ки самт, шакл ва доираи фаъолияти воситаҳои ахбори умумро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян месозад;
– тавсифи раванди ташаккули низоми нави матбуоти даврӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;
– муайян кардани дараҷаи иштирок ва нақши сармояи хориҷӣ дар раванди эҷоди низоми ВАО-и тоҷик;
– таҳқиқи вазъу ҳолати муосири ВАО-и нашрии умумимиллӣ ва минтақавии Тоҷикистон, ҳамчунин, матбуоти ақаллиятҳои миллӣ, ки зернизоми хоссаро ташкил мекунад.

**Объекти таҳқиқ** матбуоти интишории рӯзномавӣ ва маҷаллавии

умумимиллӣ ва минтақавӣ дар ҷумҳурӣ – аз соли 1991 то соли 2020, ҳамчунин, ВАО-и нашрии ақаллиятҳои миллӣ мебошад.

**Мавзуи (предмети) таҳқиқ** тағйироту таҳаввулоти миқдорию сифатии ВАО-и нашрии тоҷик, вижагиҳои ҷараёни гузариш аз як низоми ҷомеа ба дигар низом ва ташаккули амсилаи нави матбуоти даврии тоҷикро дар бар мегирад.

**Асосҳои назарии таҳқиқ.** Дар диссертатсия таълифоти назарӣ ва амалии муҳаққиқони соҳа, аз ҷумла И. Усмонов, А.Н. Нуралиев, А. Саъдуллоев, М.М. Султонов, Д.Б. Ҳомидов ва дигарон истифода шудаанд. Дар баробари онҳо, корҳои муҳаққиқони хориҷӣ низ ҳамчун манбаи назариявӣ истифода шудаанд, ки дар ин радиф аз осори М. Кастелс, М. Маклюэн, Р. Негрин, И.И. Засурский, Л.М. Землянова, С.Г. Мелник, С. Миронюк, Д. Стровский, А.Н. Тепляшина, А. Чернов ва дигарон метавон ёдовар шуд.

**Асосҳои методологии таҳқиқро** усулҳои бархурди маҷмуӣ ва низомнок, методҳои муқоисавӣ ва таҳлили функсионалӣ, пурсишҳои экспертӣ ташкил мекунанд. Дар диссертатсия таваҷҷуҳи зиёд ба истифодаи маводди таҳлили типологии матбуот зоҳир шудааст. Илова бар ин, барои омӯзиши заминаҳои назариявӣ ва амалии соҳаи журналистика усулҳои зерин ба кор гирифта шудаанд:

- таҳлили муқоисавии қонунгузории миллӣ ва байналмилалӣ;
- усули мониторинги мазмуну муҳтавои нашрияҳо;
- мусоҳиба бо роҳбарон ва кормандони матбуот;
- таҳлили оморӣ ва маълумоти расмӣ оид ба вазъи ВАО.

**Сарчашмаҳои таҳқиқро** инҳо фаро мегиранд:

– Аввалан, таълифоти муҳаққиқони тоҷик ва хориҷӣ, ки ба мавзуи баррасишаванда мустақим ё ғайримустақим тавъаманд.

– Дувум, қонунҳое, ки фаъолияти ВАО-и нашрии Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистонро то соли 1991 ва баъдан, аз соли 1991 то 2020 Ҷумҳурии Тоҷикистонро танзим менамоянд.

– Сеюм, таҳқиқоти умуминазариявӣ, ки ба ВАО бахшида шудаанд

ва ба арзёбии тамоюлоти умумии рушд ва усулҳои амалкарди ВАО-и ҷаҳонӣ мусоидат мекунанд.

– Чорум, санаду ҳуҷҷатҳои расмии Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон (сабти матбуоти даврӣ, ҳисобот ва дигар ҳуҷҷатҳо).

– Панҷум, маълумоти оморӣ (натиҷаҳои барӯйхатгирии аҳолӣ, пурсишҳои сотсиологӣ), ҳамчунин, маълумот оид ба нашрияҳои даврӣ, ки аз ҷониби ширкатҳои аудитории мустақил ва ҳам худи нашриёт пешниҳод карда мешаванд.

Гурӯҳи махсуси сарчашмаҳоро таълифоте ташкил мекунанд, ки ҳам ба ВАО-и даврӣ ва ҳам ба сомонаҳои махсуси интернет мансубанд. Инҳо маводди журналистие мебошанд, ки, аз як ҷониб, имкон медиҳанд нуқтаи назари худи журналистон ба тағйироти мансуб ба соҳаи фаъолияти онҳо муайян гардад, аз ҷониби дигар, сарчашмаи пураҳаммият барои таҳқиқу омӯзиши вижагиҳои фаъолияти нашрияҳо ҳастанд.

Зимни таҳлили матбуоти даврии муосир бо мақсади муайянсозӣ ва баҳогузории нашрияҳо методи мониторинги мазмуну муҳтаво, гузаронидани мусоҳиба бо роҳбарият ва кормандон роҳандозӣ шуд.

**Навгонии илмии таҳқиқ.** Навгонии илмии диссертатсияро ба тариқи зайл нишон додан мумкин аст:

- Бори аввал таҳлили фарогир ва ҳамаҷонибаи ҷараёни гузариши матбуоти даврии Тоҷикистон аз низоми шуравии иттилоотӣ ба сохтори демократии миллӣ дар солҳои 1991-2020 анҷом дода шудааст.
- Муайян карда шудааст, ки омилҳои калидии сиёсӣ, ҳуқуқӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ дар ташаккули низоми нави матбуоти тоҷик нақши асосӣ бозидаанд.
- Таснифоти нав оид ба самтҳо ва шаклҳои инкишофи ВАО пешниҳод шудааст, ки дар он матбуот ҳамчун унсури ҷудонопазири низоми иҷтимоӣ-сиёсӣ арзёбӣ мегардад.

– Собит шудааст, ки нашрияҳои хориҷӣ ва таҷрибаи байналмилалӣ дар ташаккули амсилаи тиҷоратии матбуоти тоҷик таъсири ҷиддӣ гузоштаанд.
– Сохтори муосири матбуоти тоҷик бо дарназардошти шароити иқтисодӣ ва ҳамгироии он ба фазои иттилоотии ҷаҳонӣ таҳлил ва арзёбӣ шудааст.
– Аз мавқеи назарияи рақамигардонӣ ва таҷрибаи давлатҳои пасошуравӣ навъи миллии гузариши ВАО-и тоҷик пешниҳод гардидааст, ки дорои хусусиятҳои вежаи таърихию иҷтимоӣ мебошад.

**Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда:**

1. Заминаи қонунгузории фаъолияти ВАО дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун асоси низоми иттилоотӣ ташаккул ёфтааст. Қонунгузории миллӣ, аз ҷумла Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи матбуоти даврӣ ва дигар воситаҳои ахбори омма» бо дарназардошти равандҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии давраи Истиқлол заминаи ҳуқуқии фаъолияти матбуоти давриро фароҳам оварда, онро ба меъёрҳои байналмилалӣ мутобиқ намуд.

2. Новобаста аз теъдоди каму маҳдуди нашрияи тоҷикӣ, таҷрибаи ВАО-и хориҷӣ, хусусан, дар заминаи иқтисодӣ ва технологияи расонаӣ ба ташаккули сохтори нави матбуоти даврии тоҷик таъсири назаррас гузоштааст.

3. Сохтори муосири матбуоти тоҷик бо он муайян карда мешавад, ки дар шароити иқтисоди бозаргонӣ нашри матбуоти даврӣ навъе аз соҳибкорӣ гардида, дар радифи дастрасӣ ба манбаи иттилоот барои ба даст овардани даромад нигаронида шудааст. Ҳамин тариқ, дар шароити муосир ин падида дорои як қатор хусусиятҳост, ки равандҳои тағйиротиро дар низоми васоити ахбори омма инъикос менамояд:

1) Дар сатҳи ҷумҳурӣ:

– Нашрияҳои ҳизбӣ то ҳол мавқеи худро нигоҳ дошта, ҳамчун яке

аз абзорҳои муҳимми сафарбарсозии сиёсӣ ва интиқоли идеологӣ дар фазои иттилоотӣ фаъолият мекунанд.

– Ҳамзамон, дар радифи матбуоти расмии давлатӣ, воситаҳои ахбори оммаи мустақил ва хусусӣ дар фазои иттилоотии кишвар ҷойгоҳи устувор касб намудаанд. Аз ҷумла, нашрияҳои босифати даврӣ бо сабаби гуногунрангии мавзуӣ ва муҳтавои замонавии худ тавонистаанд таваҷҷуҳи доимии хонандагонро ба худ ҷалб намоянд ва ҳамчун гунаи воқеӣ ба матбуоти расмӣ баромад кунанд.

2) Дар сатҳи минтақа:

– мушкилоти нашри матбуоти ноҳиявӣ (чопхонаҳои муосир дар аксар ноҳияҳо нестанд);

– теъдоди ками нашр;

– зуд-зуд ивазшавии кормандони эҷодӣ.

4. Равандҳои таҳаввулотӣ дар матбуоти тоҷик, ки мустақиман бо пошхурии низоми сотсиалистӣ ва оғози таҳаввулоти сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ алоқамананд, дар пояи ба даст овардани Истиқлоли дар самти ташаккули амсилаи тиҷоратии матбуоти даврии ВАО оғоз ёфтаанд. Нақши ВАО дар ҷомеаи муосир дар он ифода меёбад, ки онҳо ба ташаккули муҳити сиёсӣ ва иҷтимоӣ мусоидат намуда, ҳамчун «қувваи чаҳорум» дар ҷомеа баромад мекунанд. Аз як тараф, матбуоти даврӣ ба рушди гуногунандешӣ, озодии сухан ва ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ мусоидат намуда бошад, аз тарафи дигар, он бо мушкилоти рақамикунонӣ, рақобати ВАО-и нав ва зарурати риояи меъёрҳои ахлоқии журналистӣ рӯ ба рӯ гардид.

**Аҳаммияти назарӣ ва амалии таҳқиқ.** Таҳлил, таҳқиқ ва хулосаҳои ҳосилшуда имкон медиҳад, ки натиҷаҳои илмӣ оид ба равандҳои таҳаввулоти мазмунию моҳиятӣ, гузариш аз низоми вобастагии ВАО ба матбуоти даврии озоду демократӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ ғанитар гардида, нақш, мақом ва ҷойгоҳи онҳо дар фазои иттилоотии кишвар муайян карда шаванд. Хулоса ва натиҷаҳои таҳқиқ метавонанд, ки зимни гузаронидани таҳқиқоти нисбатан амиқтар ва густурда дар соҳаи

журналистикаи муосир истифода гарданд.

Мавод ва натиҷагириҳои рисола метавонанд зимни таҳияи китобҳои дарсӣ, дастурҳои таълимию методӣ, курсу семинарҳо барои донишҷӯёни бахшҳои журналистика истифода шаванд. Гузашта аз ин, онҳо метавонанд зимни коркарди консепсияҳои сиёсати иттилоотии ВАО дар соҳаҳои гуногун ва таҳияи меъёрҳои ахлоқӣ барои журналистон муфид бошанд. Нуктаю бахшҳои алоҳидаи таҳқиқ имкон дорад, ки дар фаъолияти касбии журналистон, барои афзоиш ва такмили самаранокӣ ва сифат ҳангоми равшаннамоии масъалаҳои вобаста ба самту соҳаҳои гуногун истифода гарданд. Натиҷаҳои таҳқиқ имкон фароҳам меоранд, ки моҳият ва вижагиҳои равандҳои таҳаввулот дар матбуоти даврии Тоҷикистон (солҳои 1991-2020) баррасӣ гардида, ҳамчунин, тавсифи муназзам ва маҷмуии сохтори муосири матбуоти рӯзномавӣ ва маҷаллавии кишвар муяссар гардад.

Маводди таҳқиқ ҳамчун асосу замина имкони коркарди назарияи минбаъдаи мавзуъ, ошкорсозии қонунмандиҳои умумии таҳаввулотӣ дар кишварҳои Осиёи Марказиро ба вуҷуд оварда метавонад. Маводди амалӣ ва хулосаҳои асосии рисоларо зимни таълими таърихи журналистикаи тоҷику хориҷӣ, курсҳои махсус ва семинарҳо истифода бурдан имкон дорад.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Диссертатсия дар мавзуи «Вижагиҳои гузариши ВАО аз низоми шуравӣ ба демократӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: дурнамо ва масъалаҳо (солҳои 1991-2020)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050401 – Рӯзноманигорӣ мувофиқат мекунад. Дар доираи ин ихтисос масъалаҳои зерин мавриди омӯзишу баррасӣ қарор гирифтаанд:

- таърихи ташаккул ва инкишофи воситаҳои ахбори умум;
- қонунмандиҳои фаъолияти матбуоти даврӣ ва расонаҳои иттилоотӣ;

- нақши ВАО дар раванди иҷтимоӣ-фарҳангӣ ва сиёсию ҳуқуқии ҷомеа;
- таҳаввулоти сохторӣ ва мундариҷавии матбуот дар шароити ҷаҳонишавӣ ва рақамикунонии иттилоот.

Диссертатсия маҳз ба таҳқиқи ҳамин масъалаҳо бахшида шуда, ба таври мустақим ба доираи таҳқиқоти пешбинишудаи шиносномаи ихтисоси илмии номбурда ворид мегардад.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқ** дар ҷамъоварии маводди зарурӣ, тасвиби натиҷаҳо, омода намудани мақолаҳо ва маърузаҳо доир ба мавзуъ зоҳир мегардад. Диссертант дар машварат бо роҳбари илмӣ дар коркарди мавзуъ, дараҷа ва робитаи таҳқиқ бо барномаҳо ва мавзуъҳои илмӣ, мақсаду вазифаҳои таҳқиқ, объекту предмети таҳқиқ, асосҳои назарию методологӣ ва навгонии илмӣ саҳми шахсии худро гузоштааст. Масъалаҳои асосии таҳқиқ тарҳрезӣ гардида, ҷустуҷӯ ва натиҷагириҳои илмии довталаб дар диссертатсия, мақолаҳои илмӣ, маъруза дар конференсияҳои донишгоҳӣ ва ҷумҳуриявӣ инъикос ёфтаанд.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Натиҷаҳои таҳқиқ дар конфронсҳои солонаи ҳайати профессорону омӯзгорони Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ (2015-2025), семинарҳои кафедраи журналистикаи ҳамин муассиса, конференсияҳои ҷумҳуриявӣ бахшида ба солҳои 2019-2021 – «Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ» (ш. Кӯлоб, 26-27-уми апрели соли 2019), бахшида ба солҳои 2020-2040 – «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ» (ш. Кӯлоб, 23-25 апрели соли 2020) ва «Таъсири интернет ва расонаҳои рақамӣ дар мусоидат ба таърихи васоити ахбори омма ва омӯзиш дар замони муосир» (ш. Кӯлоб, 3-юми майи соли 2025) мавриди баррасӣ ва муҳокима қарор дода шудаанд.

Диссертатсия дар ҷаласаи кафедраи журналистикаи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ (суратмаҷлиси №10, аз 15.05.2025) муҳокима ва ба ҳимоя пешниҳод шудааст.

**Интишорот аз рӯйи мувзуи диссертатсия.** Мазмуну моҳияти асосии диссертатсия дар 7 мақола, аз ҷумла 4 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 3 мақола дар маҷмуаҳои дигари илмӣ ба чоп расидаанд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Кори диссертатсионӣ аз номгӯйи ихтисораҳо ва (ё) аломатҳои шартӣ, муқаддима, се боб, ҳафт фасл, ду зерфасл, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ ва рӯйхати адабиёт иборат мебошад. Ҳаҷми умумии диссертатсия 168 саҳифаи чопи компютериро фаро мегирад.

# БОБИ I
# ЗАМИНАҲОИ СИЁСӢ ВА ҲУҚУҚИИ ТАШАККУЛИ НИЗОМИ НАВИ МАТБУОТИ ДАВРИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## 1.1. Шароити сиёсию ҳуқуқии ташаккули низоми муосири матбуоти даврии Ҷумҳурии Тоҷикистон

Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва маънавии мардум дигаргуниҳои кулливро ба вуҷуд овард. Табиист, ки матбуоти даврӣ низ дар ин радиф ба тағйироти бунёдӣ рӯ ба рӯ гардид.

Дар ин марҳила матбуоти даврӣ ҳамчун соҳаи муҳимми мафкурасоз ва неруи ташаккулдиҳандаи афкори умум аз як василаи таблиғотии идеологияи давлатии замон ба унсури фаъол ва мустақили муколамаи ҷомеа табдил ёфт. Ба ибораи дигар, матбуот тадриҷан аз зертобеияти қарорҳои ҳизбӣ ба бахши муҳимми мафкуравӣ, арзишҳои нави миллӣ ва давлатӣ табдил ёфт. Ин табдили вазифавӣ, бешубҳа, дар натиҷаи тағйироти сохторӣ дар низоми давлатдорӣ ва сиёсати иттилоотии кишвар сурат гирифт.

Таҳаввулоти мазкур дар пасманзари бознигарии арзишҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, нақши муҳокимаи озод ва эҳтироми назару тавҷеҳи афкори мухталиф ҷараён гирифт. Арзишҳои демократӣ, ки дар натиҷаи Истиқлол ба даст овардан ба ҳаёти ҷамъиятӣ роҳ ёфтанд, аз воситаҳои ахбори омма, бахусус, матбуоти даврӣ нақши фаъоли ҳимоят ва тарғибро талаб намуданд. Дар ин раванди гузариш, зарурати рушди илмии заминаҳо ва баррасиҳои таҳлилӣ, ки воқеияти навро бозтоб диҳанд, дучанд гардид.

Ҷомеаи замони мо ба журналистика ва публитсистика ниёзи бештар пайдо намуда, дар ин хусус Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон андешаҳои омӯзандае баён кардаанд: «Манфиятҳои миллӣ

тақозо мекунанд, ки воситаҳои ахбори омма ба сифати дастгоҳи тавонои иттилоотӣ дар муборизаи таҳмилии иттилоотӣ чун сипари боэътимоди халқу давлат хизмат намоянд, ба ҳифзи оромиву суботи ҷомеа фаъолона мусоидат кунанд ва эътимоди мардумро ба фардои нек таҳким бахшанд» [83, с. 1-2].

Воситаҳои ахбори омма, бахусус, матбуоти даврӣ дар раванди тағйирёбии сохтори иҷтимоӣ-сиёсӣ нақши муҳимро иҷро намуданд. Дар баробари аз байн рафтани таъсири идеологияи ягонаи ҳизбӣ ва низоми умумиташкилотии сензура, матбуоти миллӣ воридшавӣ ба фазои байналмилалии иттилоотӣ, мутобиқгардӣ ба низоми матбуоти ҷомеаҳои демократӣ, ҳимоя ва ҳифзи Истиқлоли давлатӣ, арзишҳои миллӣ ва манфиати мардумро пайдо намуд.

Ин раванд шароити мусоид барои ташаккули гуногунандешӣ ва таъсиси фазои нави иттилоотии боз ва бисёровозаро фароҳам овард, ки он яке аз нишонаҳои муҳимми оғози демократикунонии ҷомеаи Тоҷикистони соҳибистиқлол маҳсуб меёбад.

Аз ин лиҳоз, рӯзноманигорон на танҳо ҳаёти ҷомеаро инъикос мекарданд, балки ба ташаккули муҳити таҳлилии сиёсӣ ва афкори иҷтимоӣ таъсири муайян мерасонданд. Матбуоти навин ба платформае табдил ёфт, ки дар он масъалаҳои мубрами сиёсӣ, иҷтимоӣ ва ҳуқуқӣ мавриди баҳсу баррасӣ қарор мегирифтанд. Ба таъбири дигар, «...дар ҳошияи сохтани саҳифаҳои таърихӣ матбуот имкони дигар низ дорад, ки он қудрати таъсир расондан ба мафкураи одамон аст. Ин таъсирбахшӣ чизи одӣ набуда, он дар замони худ неруи тавоное мебошад» [48, с. 23].

Дар баробари ин, табдилоти мазкур матбуотро ба як унсури муҳимми низоми иттилоотии демократӣ табдил дод. Рушди матбуоти мустақил ва таҷрибаи озодии сухан тадриҷан ба ташаккули масъулияти иҷтимоии рӯзноманигорон ва ба эътирофи ҷойгоҳи онҳо ҳамчун нигаҳдорандаи арзишҳои миллӣ ва ҳуқуқи шаҳрвандон мусоидат намуд.

Барҳам хурдани назорати давлатӣ бар фаъолияти иттилоотӣ шароити ташаккулёбии ВАО-ро ҳамчун як сохтори нисбатан мустақили

иҷтимоию сиёсӣ фароҳам овард, ки қобилияти таъсиргузорӣ ба фаъолияти ниҳодҳои давлатии кишварро доро мебошад.

Дар фазои нави ҳуқуқӣ ва сиёсӣ, ки баъди Истиқлол ба вуҷуд омад , ВАО на танҳо ҳамчун «нигаранда» ва «поксозандаи» сиёсати расмӣ, балки ҳамчун шарики фаъоли муколамаи иҷтимоӣ ва сиёсии миллӣ шакл гирифт. Ин тағйирот бар он боис гардид, ки матбуот дар баробари сохторҳои сиёсӣ қарор гирифт ва ба рушди ҷомеа таъсири мусбии худро расонад.

Асоси заминаҳои ҳуқуқии фаъолияти ВАО қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи матбуоти даврӣ ва дигар воситаҳои ахбори омма» маҳсуб мешавад. Мустаҳкам гардидани асосҳои ҳуқуқии фаъолияти матбуот ба он имкон дод, ки бо шеваҳои гуногун фаъолият кунад: аз матбуоти расмӣ то рӯзномаю маҷаллаҳои мустақилу ҳизбию соҳавӣ. Ҳамин тавр, шаклгирии ВАО ҳамчун ниҳоди нисбатан мустақил, зинаи муҳим дар роҳи ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ ва низоми муосири иттилоотӣ гардид.

Тавре ки муҳаққиқ Ҷ. Яқубов таъкид менамояд, «Худи далели ҷаҳонишавӣ ва ВАО навъҳои гуногуни муносибатҳоро байни инсоният барои ягонагӣ дар миқёси ҷаҳонӣ водор мекунад» [134, с. 2].

Ин андешаи муҳаққиқ ба таври равшан зарурати мутобиқсозии матбуоти миллӣ ба равандҳои глобалиро таъкид мекунад. Ҷаҳонишавӣ на танҳо иқтисод, сиёсат ва фарҳанг, балки тарзи муошират ва модели иттилоотрасониро низ фаро гирифтааст. Аз ин рӯ, матбуоти даврии Тоҷикистонро зарур аст ба стандартҳои байналмилалӣ наздик шавад, аз ҷиҳати забон, шакл ва муҳтаво, то битавонад дар фазои иттилоотии ҷаҳон ҷойгоҳи худро пайдо кунад.

Дар ҳамин замина, зарурати омӯзиши равандҳои байналмилалӣ ва мутобиқ намудани ВАО ба талаботи ҷомеаи иттилоотии рақамӣ ба миён меояд. Гузариш аз шаклҳои анъанавии нашрияҳо ба платформаҳои рақамӣ, дар шароити ҷаҳонишавӣ, на танҳо як рукни ислоҳот, балки масъалаи мавҷудияти ВАО дар шароити рақобати глобалӣ мебошад.

Гуфтугӯ ва муколамаи тамаддунҳо тавассути ВАО имконпазир аст, агар он фарогиру андешаи фарох ва ҷаҳонбини пайванд то арзишҳои миллӣ бошад.

Омӯзиши масъалаҳои ВАО ва равандҳои сиёсӣ-ҷамъиятӣ аз назарияи модернизатсия канораҷӯӣ намудан, густариши зиёд касб кардааст. Зимнан, худи назарияи модернизатсия ва ВАО дар илми сиёсатшиносӣ дар Иёлоти Муттаҳидаи Амрико зуҳур кардааст. Солҳои 1950-1960 вобаста ба озодшавии якчанд давлатҳои «ҷаҳони севум» ин назария рушди минбаъдаи худро ба даст овардааст [119].

Назарияи модернизатсия, ки аз ҷониби муҳаққиқони маъруф Даниэл Лернер ва Уилбур Шрамм таҳия гардидааст, яке аз асосҳои муҳимми методологӣ барои таҳлили нақши васоити ахбори омма ҳамчун омили калидии рушди демократӣ ва иқтисодӣ дар кишварҳои соҳибистиқлолшуда ба шумор меравад. Ин назария имкон медиҳад, ки ВАО на танҳо ҳамчун василаи паҳнсозии иттилоот, балки ҳамчун абзори ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ, фарҳангӣ, сиёсӣ ва равандҳои модернизатсионӣ дар ҳаёти ҷамъиятӣ арзёбӣ карда шаванд.

Тибқи ин назария, ВАО ба унвони механизми иртиботи миёни элитаи сиёсӣ ва омма, инчунин, мусоидаткунандаи тағйироти иҷтимоӣ дар ҷомеаҳои анъанавӣ баромад мекунад. Таъкид мегардад, ки густариши маълумот, таъмини саводнокӣ ва афзоиши дастрасӣ ба иттилоъ шарти зарурии рушду муосиршавии ҷомеа аст.

Барои Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар давраи пасошуравӣ бо раванди давлатсозӣ ва ҷустуҷӯйи ҳувияти миллӣ рӯ ба рӯ шуд, истифодаи унсурҳои назарияи модернизатсия дар таҳлили матбуот имкони муайян фароҳам меорад. Он имкон медиҳад, ки нақши ВАО на танҳо ҳамчун воситаи иттилоотрасонӣ, балки ҳамчун ниҳод табдили арзишҳо, рушди шуури сиёсӣ ва густариши принсипҳои муосири давлатдорӣ баррасӣ гардад. Ҳамзамон, бо назардошти вижагиҳои минтақавӣ ва таъсири анъанаҳои иҷтимоӣ, матбуоти миллӣ наметавонад комилан ба қолаби моделҳои ғарбӣ мувофиқат кунад, балки бояд бо роҳи мутобиқсозии

барномавӣ ва методологӣ рушд ёбад.

Фақат дар охири асри XX масъалаи мазкур ба доираи таҳқиқоти муҳаққиқони дигар ворид мешавад. То чанде қабл назарияи ВАО ва модернизатсия дар кишварҳои пасошуравӣ баёни консепсияҳои ғарбиро оид ба масъалаи мазкур фаро мегирифт.

Дар ҳақиқат, то охири солҳои 90-уми асри XX ва оғози асри XXI, таҳқиқоти вобаста ба ВАО дар кишварҳои пасошуравӣ бештар ба такрори моделу қолабҳои назарии мактабҳои амрикоӣ ва аврупоӣ такя дошт. Ин таҳқиқот бештар ВАО-ро ҳамчун воситаи модернизатсия ва демократикунонӣ дар кишварҳои тозаистиқлол муаррифӣ мекарданд. Аммо чунин равиш норасоии дарки контексти таърихӣ, фарҳангӣ ва сиёсиро дар пай дошт.

Бо рӯй овардани муҳаққиқони маҳаллӣ ва мутахассисони минтақа ба таҳқиқи масоили ВАО ва иҷтимоиёт, тадриҷан ниёз ба таҳияи назария ва методологияҳои ватанӣ эҳсос гардид. Ин раванд ба таври назаррас заминаи гузариш аз бардоштҳои танҳо ғарбӣ ба баррасиҳои омехта муқоисавӣ гузошт. Зимнан, ин таҳаввул имкон медиҳад, ки модели рушди ВАО дар кишварҳои пасошуравӣ, аз ҷумла Тоҷикистон бо дарназардошти хусусиятҳои гузариш, анъанаҳо ва фазои миллии худ баррасӣ ва арзёбӣ гардад.

Воситаҳои ахбори омма метавонанд ҳамчун воситаи муассири дигаргунсозии демократӣ мавқеъ гиранд, зеро онҳо заминаи ташаккули ҷомеаи шаҳрвандиро фароҳам месозанд. Ба вуҷуд омадани ВАО-и мустақил ва рушди минбаъдаи онҳо яке аз омилҳои калидӣ ба шумор мерафт, ки ҷараёни пешрафти демократияро дар кишварҳо муайян намуд. Дар кори таҳқиқии мо таҳлили тамоюлҳо дар ташаккули матбуоти даврии Тоҷикистони мустақил чун яке аз қисмҳои марҳилаи нав ба роҳ монда шудааст.

Рушди матбуоти даврии Тоҷикистон вижагиҳои хосси худро дорад. Ин раванд дар шароите оғоз гардид, ки кишвар дар ибтидои Истиқлол ба бухрони шадиди иқтисодӣ ва ҷанги шаҳрвандӣ рӯ ба рӯ буд. Ҳарчанд

шароит ниҳоят мураккаб буд, маҳз дар ҳамин давра заминаҳои ташаккули низоми миллии ВАО гузошта шуданд, ки таҷрибаи мазкурро ба як арзиши нодири илмӣ ва амалӣ мубаддал сохтааст. Бино ба андешаи А. Набави, матбуот дар ин марҳила «қувваи муассири сиёсӣ ва воситаи давлатсозӣ гардид, ки бидуни он рушди истиқлолият ғайримумкин буд» [71, с. 6].

Матбуоти даврӣ дар солҳои душвори Ҷанги шаҳрвандии Тоҷикистон ва пас аз он ҳамчун майдони муҳимми муошрати сиёсӣ ва идеологӣ хидмат кард. Нашрияҳо, бо вуҷуди мавҷудияти таҳдидҳо, фишор аз ҷониби гурӯҳҳои силоҳбадаст ва имконоти маҳдуд ба пешниҳоди назари ҷонибҳои мухталиф, изҳори мавқеъҳои гуногун ва бозтоби талошҳои сулҳофаринӣ саҳм гузоштанд. Ба ин тартиб, матбуот на танҳо оинаи воқеият, балки заминаи муҳимми ташаккули тафаккури миллӣ ва аз байн рафтани муноқиша гардид.

Баъд аз имзои Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ (27 июни соли 1997) матбуоти даврӣ ба вазифаи таърихии худ – таҳкими Ваҳдати миллӣ ва ташаккули ҳувияти миллӣ гузашт. Дар ин марҳила мавзуъҳои таблиғи мусолиҳа, барқарорсозии ҳамбастагӣ ва таҳаммулгароӣ дар саҳифаи нашрияҳо афзоиш ёфтанд. Ҳамин нақши тарбиявию созанда, ки ВАО дар мустаҳкамсозии сулҳ ва суботи сиёсӣ иҷро намуд, дар шароити пасошуравӣ падидаи нодир ба шумор меравад ва як бахши зарурию арзишманди консепсияи таҷрибаи сулҳи тоҷиконро ташкил медиҳад.

Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дӯши матбуот на танҳо озодӣ, балки рисолат, масъулият ва вазифаҳои навро вогузор намуд. Дар муҳити бидуни назорати сензурӣ, матбуот ба майдони мубориза мафҳумҳо, манфиатҳо ва идеологияҳо табдил ёфт. Воқеан, «дар ҷомеаи иттилоотӣ иттилоот худ ба унсури асосии қудрат табдил меёбад» [8, с. 41]. Ҳамин тавр, Истиқлол барои соҳаи журналистика имкон ва фурсати таърихӣ ба миён овард, ки рӯзноманигорон нақш ва рисолати таърихии хешро дар назди ҷомеаю давлат иҷро кунанд.

Таъсиси Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон дар соли 1929 ҳамчун субъекти иттифоқӣ қадами муҳим дар расмиятбахшии ҳувияти миллии тоҷикон ва ташаккули зерсохторҳои фарҳангиву сиёсӣ, аз ҷумла матбуоти миллӣ буд. Маҳз дар ҳамин замина, нашрияҳои расмии давлатӣ бо забони тоҷикӣ ба вуҷуд омаданд, ки рисолати асосии онҳо таблиғи идеологияи ҳизбӣ дар қолаби маърифат ва фарҳанг буд. Ин марҳила оғозгари як давраи тулонӣ ва мураккаб гардид, ки дар он забони тоҷикӣ ба воситаи нашриёт тадриҷан ба қолаб ва вусъати функсионалӣ соҳиб шуд.

Истифодаи забони русӣ ҳамчун воситаи муоширати байни миллатҳо, ки дар тамоми фазои шуравӣ маъмул буд, ба дугонагии забонӣ дар ВАО замина гузошт. Аз як тараф, ин раванд ба афзоиши савияи касбии рӯзноманигорон ва дастрасии тоҷикон ба муҳтавои иттилоотии беруна мусоидат кард. Аз тарафи дигар, он боиси таҳдид ба мавқеъ ва тавсеаи пурраи забони тоҷикӣ дар риштаҳои касбӣ, аз ҷумла журналистика гардид. Дар натиҷа, рӯзноманигории тоҷикӣ дар тули даҳсолаҳо дар чаҳорчӯбаи идеологии шуравӣ ва вобастагии забонӣ рушд ёфт, ки пас аз Истиқлол ба таҷдиди назар ва навсозии куллӣ ниёз пайдо намуд.

Муҳаққиқи соҳаи рӯзноманигорӣ А. Қутбиддинов (Б. Ҳошимзода) қайд мекунад, ки «Дар замони шуравӣ ин масъала мушаххасу возеҳ буд ва танҳо аз руйи махсусияти ҳизбӣ ва иҷроиши уҳдадориҳои матбуот масъалаи муайян мавриди таҳқиқ қарор мегирифт. Идеологияи ягонаи ҳизбӣ ҳадафу мароми ягонаро дар чандин шохаҳо пешниҳоду тарғиб менамуд. Сарфи назар аз чигунагии ҳар як нашрия марому маслаки ягонаи ҳизбӣ дар саҳифаҳои онҳо дар ҷои аввал қарор мегирифт, ки акнун он ҳама ҳамчун анъанаи таърихӣ шинохта мешавад» [48, с. 22-23].

Вобаста ба низоми муосири матбуоти даврӣ дар шароити кунунӣ ва шаклҳои фаъолияти он ҳаминро қайд кардан лозим аст, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити нави сиёсӣ шаклҳои нисбатан мукаммалтари муносибатҳоеро ба роҳ мондан лозим аст, ки ба истеҳсол,

пахн кардан ва табодули муҳтавои сиёсӣ дар дохили шабакаҳое, ки мутақобила ва ҳамкориро дар бар мегиранд, мусоидат мекунанд.

Дар замони муосир, ки сиёсати иттилоотӣ бо равандҳои ҷаҳонишавӣ, рақамисозӣ ва муоширати шабакавӣ омехта шудааст, нақши ВАО аз инъикоси воқеият ба ташаккули он мубаддал мегардад. Аз ин рӯ, матбуоти даврии Тоҷикистон бояд дар асоси шарикии фаъол бо ҷомеа, шабакаҳои иҷтимоӣ, ниҳодҳои амал кунад. Муносибати анъанавии «нашркунанда – хонанда» иваз шуда, ҳоло низоми интерактивии «муҳтавосозӣ + табодули маълумот + вокуниш» талаб мешавад, ки дар фазои рақамӣ ва шароити муосир аз аҳаммияти хос бархурдор аст.

Дар ин замина, муҳтавои сиёсӣ бояд бо дарназардошти ҳассосияти иҷтимоӣ, фарқияти манфиатҳо ва аҳаммияти ҳуқуқии иттилоот ба роҳ монда шавад. Яъне, ВАО бояд на танҳо инъикосгари воқеият, балки мусоидаткунанда ба муколамаи шаҳрвандӣ ва рушди фарҳанги сиёсии ҷомеа бошад.

Барои Тоҷикистон, ки дар марҳилаи таҳким давлатдории ҳуқуқбунёд қарор дорад, нақши ВАО дар табодули андешаҳои гуногун ва баландбардории сатҳи маърифати сиёсии мардум аҳаммияти стратегӣ касб мекунад. Ин раванд ба шаклгирии муҳити сиёсӣ ва иҷтимоии солим мусоидат менамояд, ки дар ниҳояти кор ба суботи миллӣ ва ҳамгироии шаҳрвандон бо давлат хидмат мекунад.

Зикр кардан бамаврид аст, ки матбуот дар замони муосир хеле ташаккул ёфта, дар даҳсолаи охир босуръат рушд карда, бо роҳҳои нав, баъзан ғайричашмдошт инкишоф меёбад. Ба қавли А. Қутбиддинов (Б. Ҳошимзода), «Рӯҳияи иҷтимоиву сиёсии ҳар як нашрияро таъиноту мансубияти он муайяну мушаххас карда метавонанд ва чунин андешаҳо дар мавриди шинохти таъиноту хусусият ва самти фаъолияти нашрияҳо дар замони Истиқлолият ба мураттиб бештар гардид. Дар қиёс бо замони шуравӣ мо имрӯз уфуқҳои мавзуӣ ва ҷиҳатҳои фарогири онро бештар меомӯзему мушаххас менамоем» [48, с. 22].

Махсусан омӯзиши ҷанбаҳои сиёсии он аз аҳмияти вижа иборат аст ва дар кадом раванд чи гуна таъсир доштани он мӯҷиби дар оянда муаян кардани самтҳои инкишофи иҷтимоии алоҳида мегардад

Таъсиррасонӣ низ дар матбуот ва воситаҳои ахбори оммаи муосир ҳамчун омили сиёсӣ ба таҳаввулоти ҷиддӣ дучор шудааст. Чунончи, ВАО барои идоракунии демократӣ ва амалияи сиёсӣ таъсири зиёд дорад. Ҷанбаи фарққунандаи матботи даврӣ ҳамчун раванди сиёсӣ вижагиҳои худро дорад. Омилҳои сиёсии ВАО ва раванди муносибатҳои демократикунонии он дар ҷомеа бо он фарқият дорад, ки матбуоти даврӣ дар пешбурди фаъолиятҳои ҷамъиятӣ ва сиёсӣ пешқадам мебошад. Раванди сиёсати давлатӣ ба он мусоидат намуд, ки нақши матбуоти даврӣ дар ҷомеаи навин ҷойгоҳи шоиста дошта бошад. Барои мисол, давлату ҳукумати Тоҷикистон пайваста барои рушд ва пешрафти матбуоти даврӣ имкониятҳои нав ба нав фароҳам меорад. Мусаллам аст, ки нақши ВАО дар дигаргунсозии ҷомеа хеле муассир аст. Дар навбати худ, журналистикаи муосир, махсусан, журналистикаи касбӣ бо саҳми арзандаи хеш низоми ахбори сиёсиро дигаргун сохта, нақши журналистонро аз нав муайян намуд. Таҳқиқи заминаҳои ҳуқуқии соҳа собит менамояд, ки «қонуни асосӣ нақши устувортарин заминаи фаъолияти ВАО-ро бозид» [7, с. 17].

Таҳлили равандҳои муосир нишон медиҳад, ки таъсири ВАО дар идоракунии сиёсӣ на танҳо ба бозтоби воқеият, балки ба ташаккули воқеият равона шудааст. Ин таъсир ба воситаи такмил ва густариши механизмҳои иртиботи оммавӣ, фишор ба низоми тасмимгирӣ, шаклдиҳии афкори ҷамъиятӣ ва эҷоди фазои сиёсӣ амалӣ мешавад. ВАО, бахусус, матбуоти даврӣ бо интиқод, таҳлил ва муаррифии барномаҳои сиёсӣ дар ташаккули муҳити сиёсӣ саҳми назаррас мегузорад. Он ҳамчун «неруи чаҳоруми ҳокимият» дар шароити муосир бештар ба як институти назорат табдил ёфтааст.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин равиш дар ҷараён буда, давлат ва ҳукумат талош дорад, ки заминаҳои ҳуқуқӣ ва институтсионалии рушди

матбуоти касбӣ ва озодро таҳким бахшад. Қонунгузорӣ, дастгирии расмӣ ва барномаҳои ҳамкории байналмилалӣ имкони такмили касбияти журналистон ва муосирсозии инфрасохтори иттилоотиро ба миён овардаанд. Дар ин росто, рӯзноманигори муосири тоҷик на танҳо ба сифати интиқолдиҳандаи ахбор, балки ба ҳайси таҳлилгар, шореҳ ва иштирокчии фаъоли ҳаёти сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии кишвар баромад мекунад. Ин дигаргунсозии функсионалӣ ба ташаккули низоми нави сиёсисозии иттилоотӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон замина мегузорад.

Дар шароити пешравии илму техника, махсусан, технологияҳои иттилоотӣ дар фаъолияти ВАО ҳам имкониятҳои нав ва ҳам мушкилот мушоҳида карда мешавад. Афзоиши васоити ахбори оммаи нав системаи ахбори сиёсиро мураккаб кардааст. Ин падида ба таври равшан дар марҳилаи муосири инкишофи ВАО зоҳир мегардад, хусусан, дар муқоисаи миёни матбуоти анъанавӣ ва муосир.

Дар фазои иттилоотии Тоҷикистон ҳамзистӣ ва дарҳамтании воситаҳои анъанавии ахбори омма, ба монанди рӯзномаҳои чопӣ, барномаҳои радиоию телевизионӣ, – бо шаклҳои нави расонаӣ ба мушоҳида мерасад. Пайдоиши ин шаклҳои нав маҳсули пешрафти босуръати технологияҳои рақамӣ ва воситаҳои коммуникатсионӣ мебошад. Ин ҳамзистии расонаҳои анъанавӣ ва рақамӣ на танҳо табодули платформаҳои технологиро нишон медиҳад, балки тағйироти амиқро дар моҳияти истеҳсол ва истеъмоли иттилоот дар ҷомеаи муосир бозгӯӣ мекунад. Гарчанде ки ВАО-и анъанавӣ шаклҳои нисбатан устуворро нигоҳ медоранд, ҳудуди васоити ахбори омма, ки вебсайтҳо, блогҳо, платформаҳои мубодилаи видео, барномаҳои рақамиро дар бар мегиранд, пайваста бо роҳҳои инноватсионӣ васеъ мешаванд.

Инқилоби рақамӣ фазои ахборро табдил дода, ВАО-ро ба низоме мубаддал сохт, ки дар он хатти марз байни нашрияҳои анъанавӣ ва воситаҳои нав комилан канда шудааст. Журналистикаи анъанавӣ, ки қаблан аз як марказ ба самти омма паём мерасонд (one-to-many), ҳоло маҷбур аст бо форматҳои бисёрсамта (many-to-many), муоширати

интерактивӣ ва платформаҳои мубодилаи мустақими иттилоот рақобат кунад. Рӯзноманигорон бояд қобилияти кор бо муҳтавои рақамӣ, платформаҳои иҷтимоӣ ва воситаҳои рақамии таҳлилро дошта бошанд, то дар фазои нави иттилоотӣ ҷойгоҳи худро нигоҳ доранд.

Дар ин вазъ, масъалаи танзими ҳуқуқӣ ва этикии фаъолияти ВАО низ ҳассос мегардад. ВАО-и нав, ки ба мисли блогҳо, каналҳои иҷтимоӣ ва шабакаҳои видеоӣ дорои таъсири васеъ мебошанд, на ҳамеша ба меъёрҳои касбӣ ва ахлоқии журналистика риоя мекунанд. Ин боиси паҳн шудани иттилооти носаҳеҳ, хабарҳои бардурӯғ ва сиёсатбозиҳои рақамӣ мегардад. Барои Тоҷикистон, ки дар марҳилаи тақвияти фазои иттилоотии миллӣ қарор дорад, муҳим аст, ки ҳамзамон бо рушди технологӣ, принсипҳои касбӣ ва арзишҳои журналистикаи масъулро тақвият диҳад. Ҷаҳони рақамӣ на танҳо имконият, балки масъулияти нав низ бар дӯши рӯзноманигорон мегузорад.

Муносибати васоити ахбори омма ба аудиторияи хонандагон ва гурӯҳи муайяни корбарони соҳа равишҳои муайяни худро дорад. Матбуоти муосир, ки барои расонидани ахбори зарурӣ ба аудиторияи васеъ тарҳрезӣ шудааст, қобили таваҷҷуҳ аст. Матбуоти муосир метавонад иттилоотро мустақиман ба шахсони алоҳида бидуни дахолати таҳририӣ ё институтсионалӣ интиқол диҳад.

Тағйироти куллӣ дар муносибати ВАО бо аудитория маҳз бо рахна шудани системаи классикии «дарбонӣ» (gatekeeping) оғоз гардид. Дар шароити анъанавӣ, муҳаррирон ва муассисони расонаҳо нақши асосии интихоби ахборро мебозиданд. Онҳо муайян мекунанд, ки кадом хабар бояд чоп шавад, чӣ гуна, кай ва ба кадом тарз. Аммо бо пайдоиши шабакаҳои иҷтимоӣ, платформаҳои рақамӣ ва технологияи ирсоли мустақим, ин модел мавқеи худро аз даст дод. Ҳоло корбарони инфиродӣ на танҳо гирандаи ахбор, балки истеҳсолкунандаи он (prosumer) низ ҳастанд, ки мустақиман ахборро нашр, паҳн ва таҳлил мекунанд.

Дар натиҷаи ин тағйирот муносибати байни ВАО ва аудитория бештар хислати интерактивӣ ва тарҳсозишавандаро касб кард. Матбуоти муосир наметавонад танҳо бо модели пахши яксамта фаъолият кунад, балки он бояд бо ҷомеа дар муколама бошад, вокуниш қабул кунад ва баробарҳуқуқона муносибат намояд. Афзоиши воситаҳои сегментатсия-шудаи ахбор (масалан, алгоритмҳои матлубсозӣ ва мундариҷаи тақсимшуда) ба он овард, ки ҳар як шахс муҳтавои расонаро тибқи завқи инфиродӣ қабул мекунад. Ин раванд, гарчанде ки озодиро меафзояд, ҳамзамон, масъалаҳои ҷиддии ахлоқӣ ва сиёсии ахборрасониро низ ба миён мегузорад.

Ҳамин тариқ, дар шароити нави муносибатҳои сиёсӣ ва иҷтимоӣ имкониятҳои матбуоти даврӣ ҳамчун як қисми воситаҳои ахбори омма хеле калон аст. ВАО-и муосир имкон дорад, ки барои амалӣ гаштани ниёзҳои аудиторияи сершумори ҷомеаи шаҳрвандӣ хидмат намояд.

Дар шароити ҷаҳони рақамишаванда, ки ҳудудҳои миллӣ, забонӣ ва фарҳангӣ дар фазои иттилоотӣ тадриҷан коста мешаванд, нақши матбуоти муосир ҳамчун воситаи неруманд барои бунёди ҷомеаи ташаккулёфта ва иштироккунанда дучанд мешавад. Матбуоти муосир на танҳо ахборро мерасонад, балки сохторҳои маънавӣ ва арзишии ҷомеа, аз ҷумла таҳаммулгароӣ, масъулияти шаҳрвандӣ ва афкори интиқодиро ташаккул медиҳад. Он ба сатҳи нави «фаротар аз ҳудуд» мебарояд ва ҳузури он дар муҳити шабакавӣ имкон медиҳад, ки ҷомеа бо муҳити иттилоотии глобалӣ муошират кунад ва аз он таъсир гирад.

Муҳимтар аз ҳама, матбуоти рақамӣ дигар танҳо василаи иттилоърасонӣ нест, балки платформаи табодули дониш, арзишҳо ва афкор аст, ки дар он ҳар як фарди ҷомеа метавонад иштирок кунад. Ин бозгӯйи воқеияти нави иҷтимоӣ аст, ки дар он матбуот ҳамчун «катализатори тағйироти ҷамъиятӣ» амал мекунад. ВАО агар ба таври масъул ва касбӣ истифода шавад, метавонад ба таҳкими субот, ҳувияти миллӣ ва фазои солими муколамаи ҷамъиятӣ мусоидат кунад. Ҳамин аст, ки нақши матбуоти даврӣ дар ташаккули ҷомеаи иттилоотии

Тоҷикистон на танҳо вазифа, балки рисолати стратегии миллӣ мебошад.

Яке аз баҳсҳои классикӣ дар назарияи журналистика масъалаи бетарафӣ (objectivity) ва мавқеъгирии иҷтимоӣ мебошад. Дар шароити муосир, ки равандҳои сиёсӣ торафт шаклҳои пинҳонӣ ва таъсиргузории рамзиро касб мекунад, бетарафӣ ё мавқеи хомӯши рӯзноманигорон метавонад ба коҳиши иштироки фаъоли шаҳрвандон дар ҳаёти ҷамъиятӣ ва афзоиши сатҳи беэътимодӣ мусоидат намояд. Гарчанде ки ахлоқи касбӣ бетарафиро талаб мекунад, рӯзноманигор набояд ба як тамошобини беҷониб табдил ёбад, балки бояд бо масъулияти иҷтимоӣ ва огоҳӣ аз вазифаҳои шаҳрвандӣ амал кунад.

Инъикоси рӯйдодҳои сиёсӣ танҳо бозгӯии воқеа нест, балки роҳи ташаккули афкори умум, сиёсатпазирии омма ва неруи таҳлилии ҷомеа мебошад. Дар шароити Тоҷикистон, ки дар марҳилаи рушди институтҳои демократӣ ва афзоиши иштирок дар раванди сиёсӣ қарор дорад, саҳми рӯзноманигорон дар таблиғи иштирок, шарҳи сиёсатҳои давлатӣ ва фароҳамсозии фазои муколамаи ҷамъиятӣ аз аҳаммияти стратегӣ бархурдор аст. Рӯзноманигорони ҳирфаӣ бояд на танҳо ба тасвири хушки воқеият, балки ба фаъолсозии фаҳмиши сиёсӣ, баландбардории маърифати шаҳрвандӣ ва эҷоди муҳити эътимод дар ҷомеа мусоидат намоянд.

Таҳлили шароити сиёсӣ ва ҳуқуқии ташаккули низоми муосири матбуоти даврии Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон медиҳад, ки ин раванд дар таносуби мустақим бо тағйироти сохтории ҷомеа, гузариш аз низоми шуравӣ ба Истиқлол ва таъсири равандҳои ҷаҳонишавӣ сурат гирифтааст. Маҳз Истиқлоли давлатӣ ва амнияти миллӣ барои рушди ВАО заминаи воқеӣ ва мусоид фароҳам овард.

Дар марҳилаи гузариш аз низоми идеологиии шуравӣ ба сохтори демократӣ матбуоти даврии Тоҷикистон мазмун ва вазифаҳои нав касб намуд. Он аз як унсури таблиғотӣ ба воситаи муҳимми ташаккули шуури сиёсӣ, худогоҳии миллӣ ва таҳкими суботи иҷтимоӣ мубаддал гардид. Густариши озодии сухан ва барҳам хурдани сензураи давлатӣ имкони

шаклгирии нашрияҳои мустақил, танқидӣ ва таҳлилгарро фароҳам овард, ки дар шароити ҷанги шаҳрвандӣ ва пас аз он нақши сулҳофарӣ, ваҳдатсозӣ ва муътадилсозии муҳити сиёсиро иҷро намуданд.

Илова бар ин, таъсири интернет ва технологияи рақамӣ фазои ВАО-и кишварро аз лиҳози сохтору шакл ва муҳтаво тағйир доданд. Ҳамзамон, масъалаҳои нав, аз ҷумла мунокишаи байни ахлоқ ва озодӣ, бетарафӣ ва ё масъулияти шаҳрвандии рӯзноманигорон дар маркази диққати ҷомеа ва муҳаққиқон қарор гирифтанд.

Хулоса, таҳаввулоти ВАО дар Тоҷикистон ҳамчун ҷузъи фазои иттилоотӣ, дар заминаи шиддат ёфтани таъсири равандҳои ҷаҳонӣ ва ниёз ба муҳофизати арзишҳои миллӣ ниҳоди журналистикаро ба як самти муҳимми таҳқиқоти илмӣ табдил додааст. Нақши ВАО, хусусан, матбуоти даврӣ дар ин равандҳо танҳо дар чаҳорчӯби иттилоотӣ маҳдуд нашуда, балки ба ташаккули ҳувияти миллӣ, тавсеаи ҷаҳонбинӣ ва устувории фарҳангию сиёсӣ мусоидат мекунад.

## 1.2. Ташаккули заминаи қонунгузории низоми матбуоти даврии Ҷумҳурии Тоҷикистон

Аз 9-уми сентябри соли 1991, яъне пас аз эълон шудани Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун давлати соҳибихтиёру соҳибистиқлол ташаккули муназзами заминаи қонунгузории соҳаи ВАО оғоз ёфт, ки ба ташкили васоити ахбори оммаи мустақили миллӣ равона гардида буд.

***Кафолати конститутсионии васоити ахбори оммаи тоҷик.*** Асосҳои низоми ҳуқуқии ҳама гуна демократия Конститутсия мебошад. Яке аз хусусиятҳои муҳимми фаъолияти қонунэҷодкунии мақомоти қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар марҳилаи ташаккули Истиқлол, бунёди заминаи ҳуқуқие буд, ки ба меъёрҳои байналмилалии қонунгузорӣ мутобиқат дошта бошад. Раванди ташаккули заминаҳои меъёриву ҳуқуқии низоми демократии давлат бо дарназардошти принсипҳои гузариш ба иқтисоди бозорӣ, ҳамчунин, бо такя ба рукнҳои

низоми гуногунандешӣ сурат гирифта, ба таъсиси ҷомеаи демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявӣ мусоидат кардааст.

Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯзҳои аввали Истиқлол ба даст овардан низоми ҳуқуқии худро аз эътирофи санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ оғоз намудааст.

Яке аз санадҳои муҳимме, ки ҷомеаи ҷаҳонӣ онро эътироф намудааст, Эъломияи ҷаҳонии ҳуқуқи башар мебошад, ки аз ҷониби Маҷмааи Умумии Созмони Милали Муттаҳид 10-уми декабри соли 1948 пазируфта шудааст ва дар моддаи 19-и он чунин зикр мешавад: «Ҳар як инсон ба озодии ақида ва баёни озодонаи он ҳақ дорад; ин ҳуқуқ бемамониат нигоҳ доштани ақидаи худ, озодона, бо ҳар восита ва сарфи назар аз сарҳадоти давлатӣ, ҷустуҷӯ, дастрасу интишор намудани маълумоту ғояҳоро дар бар мегирад» [133, с. 5].

Дигар санади муҳимми байналхалқӣ «Дар бораи ҳуқуқҳои фитрӣ ва сиёсӣ» мебошад, ки он низ аз ҷониби Маҷмаи Умумии Созмони Милали Муттаҳид 16-уми декабри соли 1966 қабул шудааст. Тоҷикистон ба он аз соли 1999 ҳамроҳ гардидааст. Дар моддаи 19 ин паймон нуктаҳои зерин дарҷ гардидаанд: «1. Ҳар як инсон ҳақ дорад, ки ақидаҳои худро бемамониат пайравӣ намояд.

2. Ҳар як инсон ба изҳори озодонаи ақидаи худ ҳақ дорад; ин ҳақ озодии ҷустуҷӯ кардан, ба даст овардан ва паҳн намудани ҳама гуна маълумот ва ғояро, сарфи назар аз марзҳои давлатӣ, шифоҳӣ, хаттӣ ё тавассути матбуот ё шаклҳои бадеии изҳор ё дигар усулҳо бо интихоби худ дар бар мегирад.

3. Истифодаи ҳуқуқи дар банди 2 ҳамин модда пешбинишуда уҳдадориҳои махсус ва масъулияти махсусро тақозо менамояд. Истифодаи ҳуқуқи мазкур, бинобар ин метавонад аз маҳдудиятҳои муайяне иборат бошад, ки бояд тавассути қонун муқаррар карда шаванд ва иҷрои онҳо бо мақсадҳои зерин зарур мебошад:

a) барои эҳтироми ҳуқуқ ва обрӯи ашхоси дигар;

b) барои ҳифзи амнияти давлатӣ, тартиботи ҷамъиятӣ, саломатӣ ё

ахлоқи аҳолӣ» [131, с. 8].

Паймони аврупоӣ «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи инсон ва озодиҳои асосии ӯ» 4-уми ноябри соли 1950 қабул шудааст. Дар моддаи 10-и ин паймон чунин омадааст: «Ҳар инсон ба озодии сухан ҳуқуқ дорад; ин ҳаққи озодонаи пайравӣ ба ақидаи худ, бе дахолати ҳукуматҳои расмӣ ва сарфи назар аз марзҳо дастрас намудану интишор додани маълумоту ғояҳоро дар бар мегирад. Моддаи мазкур барои аз ҷониби давлатҳо талаб намудани иҷозатномаи ширкатҳои телевизиону радиошунавонӣ ва ё кино садди роҳ намегардад» [130, с. 3].

Баъд аз пошхурии ИҶШС Паймони аврупоӣ қисми ҷудонашавандаи низоми қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон гардид. Тоҷикистон, ки узви СММ гардида буд, дар қабул ва татбиқи ҳуҷҷатҳои ҳуқуқии байналмилалӣ кӯшишҳо ба харҷ дод. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки соли 1994 қабул шуда буд, озодии сухан ва ҳуқуқ ба иттилооти шаҳрвандонро кафолат додааст.

Дар заминаи Конститутсия муносибат ва вазъи ҳуқуқии фаъолияти журналистӣ дар Тоҷикистон бо қабули як қатор қонунҳои соҳавӣ танзим карда мешаванд. Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки фаъолияти матбуоти даврӣ ва дигар воситаҳои ахбори оммаро танзим менамоянд, инҳо мебошанд:

1. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи матбуоти даврӣ ва дигар воситаҳои ахбори омма» (19.03.2013);

2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи телевизион ва радиошунавонӣ» (14.12.1996);

3. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти ноширӣ ва полиграфӣ» (23.07.2016);

4. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳуқуқи муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста ба он» (13.11.1998);

5. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар барои иттилоот» (10.05.2002);

6. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар барои дастрасӣ ба иттилоот» (18.06.2008);

7. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сирри давлатӣ» (26.07.2014);

8. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи реклама» (01.08.2003) ва ғайра.

Аввалин санади меъёрии ҳуқуқӣ, ки пас аз барқарор гардидани сохти конститутсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул шуд ва ба фаъолияти воситаҳои ахбори умум ва нашриёт алоқамандӣ дошт, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи нусхаҳои ҳатмии нашрияҳои даврӣ ва ғайридаврӣ» (№93/1993 аз 24-уми марти соли 1993) мебошад.

Қабули ин қонун оғози марҳилаи танзими ҳуқуқии фаъолияти воситаҳои ахбори оммаро дар марҳилаи нави таърихӣ ифода менамояд. Ин ҳуҷҷат на танҳо зарурати асоси ҳуқуқӣ кардани соҳаи нашр ва расонаҳоро нишон дод, балки бозгӯйи кӯшиши давлат барои ташаккули заминаҳои ҳуқуқии фаъолияти матбуоти нисбатан мустақил дар фазои нави сиёсӣ ва ҳуқуқиест, ки дар марҳилаи гузариш ба низоми демократӣ ба вуҷуд омада буданд. Ин санад барои ҷамъоварии пурраи ҳамагуна осори чопӣ дар фонди иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба хотири ҳифзи мероси фарҳангии он пешбинӣ шудааст.

Қонун нашрияҳои даврӣ, ки дорои мақоми шахси ҳуқуқӣ ё воқеӣ мебошанд, дар қаламрави давлат ба таври доимӣ ё дар муҳлати кутоҳ иҷозати фаъолият карданро доранд, танзим менамояд. Ба қонуни мазкур соли 1997 тағйиру иловаҳо ворид гардида, ба он маводди аудиовизалӣ низ дохил карда шуд.

Дар асоси қонуни мазкур як қатор мафҳумҳо, аз ҷумла таърифи истилоҳи «нусхаи ҳатмӣ» дар робита бо маҳсулоти чопӣ пайдо шуд. Қонуни нав муҳлатҳои марбут ба интиқоли нусхаҳои ҳатмӣ (дар муддати се рӯз) ташкил ва масъулияти он ба ташкилоти мизоҷ, инчунин, андозаи ҷазо барои риоя накардани бандҳои қонунро муайян мекунад.

Озодии баён дар ВАО заминаи ташаккули афкори умум, назорати

шаҳрвандӣ ба фаъолияти ниҳодҳои давлатӣ ва намояндагони онҳо, инчунин, таъмини шаффофият ва ошкорбаёниро дар ҳаёти ҷамъиятӣ фароҳам месозад. Дар шароити гузариш аз низоми шуравии иттилоотӣ ба модели демократӣ ин вазифаи ВАО аҳаммияти хос касб мекунад, зеро муҳити иттилоотӣ тадриҷан аз идоракунии мутамарказ ба модели плюралистии робитаи миёни давлат, ҷомеа ва институтҳои медиявӣ табдил меёбад. Аммо бо вуҷуди муҳиммияти ин принсипҳо озодии баён дар ВАО бояд бемаҳдуд набошад. Он бояд дар чаҳорчӯби қонунҳо ва меъёрҳои ахлоқӣ, аз қабили дахолатнопазирӣ, манъи туҳмат ё суханони қабеҳ, дахолат ба шахсияти кас, ҳисси нафрат сурат гирифта, эҳтиром ба моликияти зеҳнӣ мавҷуд бошад. Илова бар ин, озодии баён дар ВАО масъулиятҳои дахлдор дорад. Рӯзноманигорон бояд кордон бошанд, принсипҳои ростқавлӣ, эътимоднокӣ ва саҳеҳиро эҳтиром кунанд, манфиатҳои ҷамъиятро ҳифз намоянд.

Яке аз вазифаҳои асосии озодии баён дар ВАО ин иттилооти оммавӣ мебошад. Ин нукта дар китоби «Назокати сиёсии сухан дар матбуоти Тоҷикистон» ба шакли зайл маънидод шудааст: «Журналист ва нашрияҳо ҳақ доранду вазифадоранд, ки ҳама гуна иттилооти барои ҷамъият зарурро кобанду ёбанду паҳн кунанд… Бо ҳамин роҳ ҳуқуқи шаҳрвандон оид ба сари вақт гирифтани иттилооти барояшон лозимӣ аз тариқи ВАО дар ҳудуди принсипҳои роҳ надодан ба сӯйистеъмол аз озодии сухан амалӣ мегардад» [25, с. 31].

Рӯзноманигорон вазифадоранд, ки маълумоти гуногун ва объективӣ пешниҳод намоянд, то ба шаҳрвандон имкон диҳанд, ки қарорҳои оқилона қабул кунанд. Илова бар ин, озодии баён дар ВАО дар ҳифзи ҳуқуқи инсон нақши муҳим дорад. Рӯзноманигорон метавонанд дар бораи нақзи ҳуқуқҳо гузориш диҳанд, ин иттилоот ва гузоришҳо бояд таваҷҷуҳи хонандагон, бинандагон ва шунавандагонро ба мушкилоти ҷомеа ҷалб кунанд. Аммо озодии баён дар ВАО низ метавонад ба манбаи хатар табдил ёбад.

Рӯзноманигорон барои иттилои пешниҳодкардаашон, барои саривақт ва ҳаққонӣ хабардор кардани ҷомеа аз рӯйдодҳои аҳаммияти ҷамъиятидошта дар назди аудитория ва умуман, ҷомеа масъул ҳастанд. Ба амал баровардани ҳуқуқи шаҳрвандон ба иттилоъ вазифаи асосии рӯзноманигорон мебошад. Рӯзноманигорон бояд барои гуфтор ва рафтори худ масъулият дошта, танқидро қабул ва ғалату камбудиҳоро ислоҳ кунанд. Дар ниҳоят, озодии баён дар ВАО шарти зарурии рушди ҷомеаи демократӣ мебошад. Аммо он бояд дар чаҳорчӯби қонунҳо ва меъёрҳои ахлоқӣ вуҷуд дошта, масъулияти рӯзноманигоронро низ ҳамроҳӣ кунад.

Дар моддаи 30-юми Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон зикр шудааст: «Ба ҳар кас озодии сухан, нашр, ҳуқуқи истифодаи воситаҳои ахбор кафолат дода мешавад. Таблиғот ва ташвиқоте, ки бадбинӣ ва хусумати иҷтимоӣ, нажодӣ, миллӣ, динӣ ва забониро бармеангезад, манъ аст. Сензураи давлатӣ ва таъқиб барои танқид манъ аст. Номгӯйи маълумотҳоеро, ки сирри давлатӣ доранд, қонун муайян мекунад» [127].

Гузариш ба асосҳои демократии фаъолияти васоити ахбори омма дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо зарурати танзими ҳуқуқии тавозун миёни озодии баён ва таъмини тартиботи ҷамъиятӣ, ҳуқуқи дигар шаҳрвандон ва низоми конститутсионӣ ҳамроҳ буд. Мутобиқи моддаи 14-и Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, маҳдуд кардани ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон танҳо бо ҳадафи ҳифзи ҳуқуқ ва озодиҳои шахсони дигар, таъмини тартиботи ҷамъиятӣ, ҳифзи сохти конститутсионӣ ва тамомияти арзии кишвар алоқаманд мебошад.

Моддаи 8-и Конститутсия принсипи гуногунандешии сиёсӣ ва идеологиро муқаррар менамояд ва дар он зикр мешавад, ки «дар Тоҷикистон гуногунандешии сиёсӣ ва идеологӣ рушд меёбад» [127] ва «ҳеҷ як идеология, аз ҷумла идеологияи динӣ, наметавонад ба ҳайси идеологияи давлатӣ эътироф шавад» [127]. Ин принсип асоси ташаккули муҳити иттилоотии гуногунандеши гардида, аз радди монополияи идеологӣ, ки барои модели шуравӣ хос буд, шаҳодат медиҳад.

Моддаи 10-и Конститутсия нақши калидӣ дар раванди табдилдиҳии муҳити расонаӣ дорад, зеро тибқи он, санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷузъи таркибии низоми ҳуқуқии миллӣ мебошанд. Ин меъёри ҳуқуқӣ заминаи мусоид барои ҳамоҳангсозии қонунгузории миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо меъёрҳои байналмилалии марбут ба озодии баён ва иттилоот мебошад. Амалӣ намудани ин принсип ба ташаккули сиёсати ҳуқуқӣ дар соҳаи васоити ахбори омма мусоидат мекунад, зеро он бо ӯҳдадориҳои байналмилалӣ ва арзишҳои демократии умумиэътирофёфта тавъам мебошад.

Қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бахши ВАО, аз ҷумла Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи матбуоти даврӣ ва дигар воситаҳои ахбори омма» ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи телевизион ва радиошунавонӣ» асосҳои ҳуқуқии озодии суханро дар кишвар муқаррар намудаанд. Ин санадҳо тартиби гирифтани иҷозатномаи фаъолиятро барои расонаҳои хусусӣ, дастрасӣ ба иттилооти мақомоти давлатӣ ва асосҳои амалӣ намудани принсипҳои шаффофият ва гуногунандеширо дар фазои иттилоотии кишвар ба танзим медароранд.

Мувофиқат кардани қонунгузории дохилӣ ба санадҳои байналмилалии эътирофшуда яке аз масъалаҳои муҳим мебошад. Таҳлили санадҳои ҳуқуқи байналмилалӣ нишон медиҳад, ки озодии баён ҳуқуқи мутлақ нест, балки бо ӯҳдадориҳои ҳуқуқӣ ва эҳтиром ба дигарон маҳдуд мешавад. Маҳз бо дарназардошти чунин муҳтавои ҳуқуқӣ бояд раванди демократисозии фаъолияти ВАО-и Тоҷикистон арзёбӣ гардад, ки дар он мутобиқати қонунгузории миллӣ ба меъёрҳои байналмилалӣ, кафолати ҳуқуқи рӯзноманигорон ва пешгирии маҳдудиятҳои фаъолияти онҳо нақши асосӣ мебозад.

Дар масъалаи рушди озодии сухан дар давраи баъди низоъ дар Тоҷикистон (таъсис додани рӯзномаҳои мустақил, додани иҷозатномаҳо

барои пахши хусусӣ), аз ҷониби баъзе созмонҳои ҳуқуқи инсон (масалан, хабарнигорони бидуни марз) дар соли 2003 дар самти озодии сухан Тоҷикистон дар тамоми фазои пасошуравӣ мақоми аввалро касб карда буд.

Масъалаи дигар мавриди назар дастрасӣ ба иттилоот мебошад. Дастрасӣ ба иттилоот яке аз масъалаҳои меҳварии матраҳшаванда дар замони муосир аст. Аввалан, бо пайдоиши интернет ва технологияҳои рақамӣ, иттилоот дастрастар шуд, аммо он ба фазои маҷозӣ низ гузашт, ки фаровонӣ ва гуногунии он метавонад дар ҷустуҷӯ ва полоиши иттилооти зарурӣ мушкилот эҷод кунад. Тавре муҳаққиқи соҳа Д. Яқубова қайд менамояд: «Иттилоъ донишест, ки ҳамеша дар гардиш ва ҳаракат буда, ниёзмандони худро дорад» [126, с. 4].

Дар баробари ин, ҳаҷми иттилооти бардурӯғ ва беэътимод зиёд шудааст, ки раванди ба даст овардани маълумоти боэътимодро мушкил месозад. Масъалаи дигар дар он аст, ки баъзе ширкатҳо ва созмонҳо метавонанд дастрасӣ ба иттилооти худро маҳдуд кунанд ва ё барои дастрасии пурра ба мундариҷа обунаҳои пулакӣ ҷорӣ намоянд. Ин метавонад барои ба иттилоот дастрасӣ пайдо кардани нафароне, ки маблағ пардохт карда наметавонанд, мушкилӣ эҷод кунад.

Дар баҳсҳо оид ба масъалаи дастрасӣ ба иттилоот, таваҷҷуҳ асосан ба ҳуқуқи воситаҳои ахбори омма ҷиҳати дарёфти маълумот аз манбаъҳои расмӣ равона гардида, ҳамзамон, уҳдадории конститутсионии давлат дар самти таъмини ҳуқуқи шаҳрвандон ба дастрасӣ ба иттилоот бештар дар ҳошия мемонад. Ин нодида гирифтани нақши давлат дар фароҳам овардани муҳити иттилоотии дастрас ва шаффоф, яке аз мушкилоти ҷиддии марҳилаи гузариши ВАО маҳсуб меёбад.

Мушкилоти сеюм нобаробарии дастрасӣ ба иттилоот аст. Дар қисматҳои гуногуни ҷаҳон дастрасӣ ба интернет метавонад маҳдуд ё гарон бошад, ки монеаҳоро дар роҳи иттилоот ва таҳсилот эҷод мекунад. Илова бар ин, зарурати пайваста нав кардани иттилоот ва ахбор

мушкилоти иловагиро ба вуҷуд меорад.

Суръати таҷдиди иттилоот метавонад ба ҳадде тез бошад, ки аз ҳама тағйироту хабарҳо огоҳ шудан душвор аст. Ин метавонад ба изофабории иттилоот оварда расонад ва сатҳи иттилооти муҳим ва мувофиқро душвор созад. Ҳалли ин мушкилотро метавон бо баланд бардоштани саводнокии иттилоотӣ, инчунин, эҷоди алгоритмҳо, низоми полоиш ва таснифи иттилоот, ки ба одамон барои дақиқу зуд дарёфтани маълумоти зарурӣ ва боэътимод кумак мекунад, арзёбӣ кард. Инчунин, дастрасии баробар ба иттилоотро таъмин намуда, маҳдудиятҳои гирифтани иттилооти зарурирo коҳиш медиҳад.

Қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқи рӯзноманигоронро ба дастрасии озод ба иттилоот ҳамчун яке аз кафолатҳои асосии озодии васоити ахбори умум дар марҳилаи навин ба таври расмӣ эътироф менамояд.

Дар қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи телевизион ва радиошунавонӣ» ва «Дар бораи матбуоти даврӣ ва дигар воситаҳои ахбори омма» уҳдадории мақомоти давлатӣ, сиёсӣ ва ҷамъиятӣ, инчунин, шахсони мансабдор барои пешниҳод намудани иттилооти зарурӣ ба намояндагони ВАО ба таври возеҳ нишон дода шудааст. Аз ҷумла, моддаҳои 5 ва 27-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи матбуоти даврӣ ва дигар воситаҳои ахбори омма» муқаррар менамоянд, ки рад кардани пешниҳоди иттилоот танҳо дар ҳолатҳои вобаста ба сирри давлатӣ ё дигар маълумоте, ки тибқи қонун ҳифз карда мешаванд, иҷозат дода мешавад. Илова бар ин, моддаи 25-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иттилоот» маҳдуд намудани ҳуқуқи шаҳрвандон ба дастрасии иттилоотро манъ мекунад, ки ин тадбир асосҳои меъёрии таъмини шаффофияти фаъолияти сохторҳои давлатӣ ва кафолати ҳуқуқи иттилоотиро боз ҳам мустаҳкам менамояд.

Ҳуқуқи журналистон тавассути Конститутсия ва дигар санадҳои ҳуқуқии соҳаи воситаҳои ахбори омма кафолат дода мешавад. То чи андоза рӯзноманигорон метавонанд аз ин ҳуқуқҳои худ истифода

баранд, ин ба донишу маҳорати касбию ҳуқуқии онҳо вобаста аст. Пеш аз ҳама, рӯзноманигор бояд худаш қонундон бошад ва талаботи қонунро риоя намояд. Вақте рӯзноманигорон худ инро сарфи назар менамоянд, пас, табиист, ки ба мушкилот мувоҷеҳ мешаванд. Бо вуҷуди ин, ҳангоми аккредитатсия, гирифтани иттилоот ва имтиёзҳо бартарии воситаҳои ахбори оммаи давлатӣ дар муқоиса бо ВАО-и ғайридавлатӣ ба мушоҳида мерасад.

Дар раванди гузариш аз модели шуравии фаъолияти воситаҳои ахбори омма ба фазои ҳуқуқии демократӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, таъмини ҳуқуқҳои касбии рӯзноманигорон аҳаммияти хосса пайдо менамояд. Моддаи 36-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи матбуоти даврӣ ва дигар воситаҳои ахбори омма» ҳар гуна кӯшиши маҷбур кардани рӯзноманигорро ба паҳн намудани иттилоот тавассути истифодаи зӯроварӣ, таҳдид, нобудсозӣ ё осеб расонидан ба молу мулки ӯ, амали ғайриқонунӣ арзёбӣ мекунад. Ин гуна дахолат ба фаъолияти касбии рӯзноманигор ҳамчун нақзи ҷиддии ҳуқуқҳои ӯ маънидод шуда, боиси ҷавобгарии ҳуқуқӣ мегардад. Муқаррароти мазкур инъикоси талоши давлат барои таҳкими кафолатҳои асосии озодии баён ва фаъолияти касбии воситаҳои ахбори омма дар марҳилаи демократӣ гардондани муҳити иттилоотӣ мебошад.

Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ВАО бо дарназардошти риояи ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон, оромию суботи ҷомеа, амнияти давлат, ҳифзи сохти конститутсионӣ, арзишҳои миллию фарҳангӣ чаҳорчӯба ва моҳияти «озодии сухан»-ро пешбинӣ менамояд. Аз ҷумла, дар моддаҳои 6, 22, 34-и Қонун «Дар бораи матбуоти даврӣ ва дигар воситаҳои ахбори омма» ва моддаи 28-и Қонун «Дар бораи телевизион ва радио» нашр ва паҳн намудани иттилооти сирри давлатӣ ё сирри дигари бо қонун ҳифзшаванда, даъват барои сарнагун кардан ё тағйир додани сохти конститутсионӣ, ахбори шараф ва шаъну эътибори давлат ва Президентро пастзананда, ташвиқоти ҷанг, зӯроварӣ ва зулм, терроризм дар ҳама шаклҳояш, табъизи нажодӣ, этникӣ ва ё динӣ, ё

шаклҳои бетаҳаммулӣ, беҳаёӣ, барангехтани низоъҳо тавассути ВАО манъ аст. Илова бар ин, истифодаи воситаҳои ахбори омма ба дахолати ғайриқонунии шаҳрвандон, фишороварӣ ва паст задани шаъну эътибори онҳоро манъ мекунад.

Воситаҳои ахбори омма дар таъмини дастрасии озод ба иттилоот нақши муҳиммеро ичро менамоянд. Онҳо ба шаҳрвандон имкон медиҳанд, ки ба иттилооти боэътимод, таҳлили касбӣ ва андешаҳои гуногун дастрасӣ пайдо намуда, дар ташаккули шуури иҷтимоии огоҳ нақши муассир гузоранд.

Масъалаи дигаре, ки дар ҷараёни дастрасии иттилоот ба омма мавриди арзёбӣ қарор мегирад, сензура мебошад. Сензура метавонад дар шаклҳои гуногун, аз манъи пурраи нашри баъзе мавод то таҳрири густурдаи мундариҷа сурат гирад. Гоҳе амалкарди сензурӣ ба принсипи озодии баён мухолифат намуда, ҳуқуқи бунёдии инсонро дар самти интишор ва паҳнсозии озоди иттилоот халалдор месозад. Яке аз омилҳои асосии истифодаи чунин усул талоши ҳокимият барои нигоҳдории суботи сиёсӣ ва таъмини назорати фарогир дар раванди ҳаёти ҷамъиятӣ мебошад.

Илова бар нуктаҳои баёншуда сензура метавонад ба худсензураи рӯзноманигорон оварда расонад, ки дар он ҷо онҳо аз нашри хабарҳои номатлуб худдорӣ мекунанд ва ё нисбат ба гуфтаҳои худ масъул мешаванд.

Ҳангоме ки васоити ахбори умум дар мавриди таҳқиқ ва фош кардани маълумоти нангин, нақзи ҳуқуқи инсон ё фасод маҳдуд аст, ин метавонад боиси коҳиши шаффофият ва масъулияти ҳукумат гардад. Сензура метавонад, ки барои пешгирӣ аз нашри маълумоти бардурӯғ, матолиби таҳқиромез ва ё бинобар сабаби хусумату бадбинӣ истифода шавад.

Дар таҳлилу интизоб ва мавқеъгирӣ аз мавод худтанзимкунии ВАО, санҷиши ҳатмӣ ва баланд бардоштани маълумотнокӣ зарур аст, то шаҳрвандон тавонанд иттилооти аз сарчашмаҳои гуногун

гирифташударо таҳлил ва баррасӣ намоянд.

Сензураи ВАО озодии андеша ва баёнро маҳдуд карда, шаҳрвандонро аз гирифтани иттилооти пурра ва холисона бозмедорад. Ин метавонад боиси зери назорати ҳукумат бар афкори ҷамъиятӣ ва маҳдуд шудани рушди матбуоти озод гардад. Барои таъмини озодии иттилоот ва нигоҳ доштани сатҳи баланди огоҳӣ бояд барои аз байн бурдани маҳдудиятҳо ва истифодаи усулҳои муассиртаре, ки мувозинати озодии баён ва масъулиятро фароҳам меоранд, зарур аст.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон вазъи назорати интишори маводди иттилоотӣ ба куллӣ дигар аст. Моддаи 30-и Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон сензураи давлатиро манъ мекунад ва ҳар як шаҳрванд ҳақ дорад, ки эътиқод ва фикру ақидаи худро озодона баён кунад ва онҳоро дар ҳама гуна шаклҳои матбуот ва дигар воситаҳои ахбори омма паҳн кунад. Инчунин, дахолати мақомоти давлатӣ, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, шахсони мансабдор, ҳизбҳои сиёсӣ, ташкилотҳои ҷамъиятӣ, шаҳрвандони инфиродӣ дар фаъолияти эҷодии муассисаҳои телевизионӣ ва радиоӣ, инчунин, сензураи давлатӣ ва прокуратура барои танқид манъ аст (моддаи 6-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи телевизион ва радиошунавонӣ»).

Сензураи ғайрирасмӣ дар баъзе минтақаҳо ба назар мерасад. Гоҳо намояндагони мақомоти маҳаллӣ кӯшиш менамоянд, ки рӯзноманигорон сабти намоишу гуфтор ва ё матни мақоларо пешакӣ бо онҳо мувофиқа намоянд. Ин амал аз дидгоҳҳои гуногун ба таври гуногун маънидод мегардад. Рӯзноманигорон агар инро як навъ сензура донанд, масъулин, баръакс, андеша доранд, ки ин амал ба хотири роҳ надодан ба ғалат дар пешниҳоди иттилоот ва ҳифзи аудитория аз иттилооти бардурӯғу ҳангомадор анҷом дода мешавад.

Дар сатҳи расмии ҳукуматӣ дар натиҷаи тадбирҳои роҳандозинамудаи Ҳукумати Тоҷикистон муносибат бо рӯзноманигорон хайрхоҳона буда, кӯшиш мешавад, мушкилоти моҳияти ҷамъиятидоштае, ки онҳо дар саҳифаҳои нашрияҳо ва барномаҳои

радиову телевизион баррасӣ менамоянд, дар кӯтоҳтарин фурсат роҳи ҳалли худро ёбад. Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи вокуниши шахсони мансабдор ба маводҳои танқидӣ ва таҳлилии воситаҳои ахбори омма» (аз 07.02.2009, №622) як таҳаввулоте дар муносибати мақомоти расмии давлатӣ бо воситаҳои ахбори омма ба миён овард.

Ин фармон дар минтақаи Осиёи Марказӣ як падидаи нодир буда, барои рушду пешрафти фаъолияти воситаҳои ахбори омма мусоидат намуд. Шахсони масъул вазифадор шуданд, ки дар баробари ҷавоб додан ба идораи воситаҳои ахбори омма, ҳамчунин, ба Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври хаттӣ дар бораи ислоҳи камбудиҳои ошкорнамудаи рӯзноманигорон маълумот пешниҳод намоянд. Ин фармон масъулияти кормандони зинаҳои роҳбарикунандаро ҳангоми муносибат бо рӯзноманигорон боло бурд.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни суханронии расмии худ, ки бахшида ба 100-солагии матбуоти тоҷик рӯзи 10-уми марти соли 2012 баргузор гардид, таъкид намуданд, ки «танқид ҳамчун як падидаи созанда яке аз омилҳои муҳимми рушди ҷомеа маҳсуб меёбад. Озодии андеша, муносибати интиқодӣ ва таҳлилӣ ба воқеаву рӯйдодҳои муҳимми ҳаёти ҷамъиятӣ имконият фароҳам меорад, то нуқсонҳо ва камбудиҳо ошкор гардида, барои ислоҳ ва такмили самтҳои гуногуни фаъолият заминаи воқеӣ муҳайё гардад... Танқид бояд бар асоси таҳлили амиқ ва далелҳои боэътимод ироа гардад» [132, с. 3].

Вобаста ба ин масъала С. Гулов чунин нуқтаи назар дорад: «Ин таъкиди Сарвари давлат нишони он аст, ки Ҳукумати кишвар ба танқиди созандаи журналистон арҷ мегузорад ва барои рафъи мушкилоти ҷойдошта аз суханони журналистон чун чашму гӯши ҷомеаи шаҳрвандӣ истиқбол мегирад» [26, с. 13].

Дастоварди дигари назаррас дар ин самт ҳамкории ҳукумат ва ҷомеаи журналистӣ ҷиҳати бартараф кардани муаммову мушкилоти

ҷойдошта мебошад. Маҳз бо дастгирии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон моддаҳои 135 ва 136-и Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки тибқи онҳо рӯзноманигорон барои таҳқиру туҳмат ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешуданд, аз қонунгузории ҷиноятӣ ба қонунгузории граждани (шаҳрвандӣ) гузаронида шуданд. Ба қавли муҳаққиқ С. Гулов «Ин муаммое буд, ки борҳо журналистон дар нишасту маҳфилҳои худ сари он мубоҳиса мекарданд. Ва Сарвари давлати мо бо ин амал як навъ эҳтироми худро ба озодии баён изҳор карданд ва ҳам барои роҳбарони кишварҳои минтақа намуна гаштанд» [26, с. 14].

Мо ду парванда нисбат ба рӯзноманигоронро мавриди баррасӣ қарор медиҳем. Дар соли 2004 нисбат ба ду рӯзноманигор – Нуриддин Аминов (Нуриддини Баракат) ва Мухтор Боқизода (сармуҳаррири нашрияи «Неруи сухан») парвандаҳои ҷиноятӣ мутобиқи моддаи 135, қисми 2-и Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон кушода шуданд. Сабабаш як қатор мақолаҳое мебошанд, ки дар нашрияи «Неруи сухан» нашр гардида, дар бораи ришвагирии муаллими Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Неъмат Абдуллоев аз донишҷӯ барои баҳои имтиҳон мебошад. Сокини шаҳри Душанбе бо номи А. Мирзоев дар номааш, ки нашрия ба чоп расондааст, зикр кардааст, ки муаллими мазкур аз набераааш – донишҷӯи факултети ҳуқуқшиносӣ ба хотири санҷиш 50 доллари амрикоӣ талаб кардааст. Рӯзноманигор Нуриддин Аминов дар ҳамовозӣ бо ин сокини шаҳри Душанбе савол гузоштааст, ки бо маоши муаллимӣ чӣ тавр муаллими Донишгоҳ тавонистааст корхонаи шароббарории ноҳияи Ҳисорро хусусӣ гардонад.

Кодекси гражданӣ (шаҳрвандӣ) ҳимояи шаъну шараф ва эътибори шахсони воқеию ҳуқуқиро пешбинӣ менамояд. Прокурорҳо дар ҳолатҳои ҳимояи шараф ва эътибори судӣ мутобиқи моддаи 172, 174-и Кодекси граждани Ҷумҳурии Тоҷикистон парвандаҳоро баррасӣ мекунанд. Шаҳрванд ҳуқуқ дорад ба суд шикоят пешниҳод кунад, ки шаъну шарафи ӯ ва эътибораш паст зада шудааст.

Воситаҳои ахбори омма, ки дар фазои иттилоотии ҷомеаи демократии муосир нақши калидӣ доранд, вазифадоранд, ки дурустии иттилооти паҳншавандаро бо риояи меъёрҳои ахлоқии касбӣ ва стандартҳои журналистикаи муосир санҷанд. Ҳамзамон, шахсе, ки аз нашри мавод шикоят дорад, уҳдадор аст, ки бо такя ба далелҳои қавӣ, поймол гардидани ҳуқуқҳои қонунии худ, аз ҷумла беҳурматӣ нисбат ба шараф, номус ва эътибори касбӣ ё тиҷоратии худро исбот намояд.

Воситаҳои ахбори омма танҳо барои иттилооти дар маҷалла ё рӯзномаҳо чопшуда ҷавобгар буда, илова бар ин, онҳо бояд эҳтиром, шараф ва эътибори шахсияти даъвогарро донанд. Дар акси ҳол, масъулият ба вуҷуд намеояд. Дар баробари такрори маълумоти нодуруст қонун ҷуброни зарари маънавӣ (моддаи 38-и Қонун «Дар бораи матбуоти даврӣ ва дигар воситаҳои ахбори омма», моддаи 11, 15, 11, 16-и Кодекси шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистон), ки он аз ҷониби суд вобаста ба хусусияти ҷазои ҷисмонӣ ва маънавии ба ҷабрдида расонидашуда муайян карда мешавад, муқаррар кардааст. Ҳангоми муайян кардани ҳаҷми ҷуброни зарар талабот оқилона ва одилона ба инобат гирифта мешавад.

Аз соли 1999 то соли 2004 судҳо 9 парвандаи шаҳрвандӣ оид ба муҳофизати шаъну шарафи инсониро баррасӣ ва муҳокима намуданд, ки дар он ду парванда аз ҷониби қарорҳои судӣ иттилоот паҳн карда, ҷуброни пулӣ ҳамчун ҷуброни зарари маънавӣ пардохт карда шуд. Дар ду ҳолат талаботи шахсони мансабдор оид ба рад кардани иттилооти паҳншуда ва ҷубронпулӣ барои ҷуброни зарар ғайриқонунӣ эътироф карда шудаанд. Дар натиҷаи бастани созишномаи муросо байни воситаҳои ахбори омма ва шахсони расмӣ ду парвандаи шаҳрвандӣ қатъ карда шуд.

***Бақайдгирии ВАО.*** Мутобиқи моддаҳои 9-15-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи матбуоти даврӣ ва дигар воситаҳои ахбори омма» механизми ҳуқуқии бақайдгирии воситаҳои ахбори омма (ВАО) муқаррар гардидааст. Қонун тартиби таъсис, бақайдгирӣ ва фаъолияти

ВАО-ро ҳамчун яке аз ниҳодҳои муҳимми низоми иҷтимоӣ-сиёсӣ муайян мекунад, хусусан, дар марҳилаи гузариш аз модели мутамаркази шуравӣ ба усулҳои демократии ташкили фазои иттилоотӣ. Бақайдгирии ВАО ҳамчун абзори муҳимми танзими давлатӣ баромад мекунад, ки ҳадафи он таъмини шаффофияти ҳуқуқӣ ва ҳисоботдиҳии сохторҳои иттилоотӣ дар давраи пасошуравӣ мебошад. Аз ҷумла, Шурои нозирони васоити ахбори оммаи он пас аз бақайдгирии васоити ахбори омма аз ҷониби идораҳои давлатӣ дар асоси ҳуҷҷатҳои таъсисӣ ва хулосаҳои Вазорати адлияи ҶТ, инчунин, Вазорати фарҳанги ҶТ фаъолият менамояд. Бақайдгирии ВАО танҳо барои истеҳсоли маводди чопшуда бо муомилоти камтар аз 100 нусха талаб карда намешавад.

Дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон беш аз 300 нашрия ба қайд гирифта шудааст. Маълумоти оморӣ дар бораи шумораи аризаҳо барои бақайдгирии воситаҳои ахбори омма, инчунин, рақами бақайдгирифташуда ва радшуда дар кишвар дастрас нестанд. Аммо, ду далели радкунӣ ба қайд гирифта шудааст, яке аз онҳо дар Вазорати адлия, дигар дар Вазорати фарҳанг дар моҳи декабри соли 2004. Ва ҳар ду амал ба нодуруст пешниҳод намудани асноди барои қайд зарурӣ иртибот доранд.

Дар амалияи ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон татбиқи қонунгузории мавҷуда дар соҳаи воситаҳои ахбори омма (ВАО) на ҳамеша ба ҳалли мушкилот мусоидат намуда, баръакс, ба пайдоиши ихтилофу баҳсҳои ҳуқуқӣ сабаб мегардад. Муассисони ВАО пайваста ба монеаҳо ва номуайянии ҳуқуқӣ дучор мешаванд, ки ин ҳолат бештар ба норасоии заминаҳои меъёрию ҳуқуқӣ, хусусан, дар иртибот ба ВАО-и электронӣ, вобастагӣ дорад.

Баъди ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи телевизион ва радиошунавонӣ» дар соли 2004, мақомоти ваколатдор барои иҷозатдиҳӣ ва низоми ҳуқуқии дахлдор ба таври возеҳ муайян карда нашуданд. Бо вуҷуди ин, як қатор ВАО-и электронӣ, аз ҷумла шабакаи телевизионии *Sport Plus* (Хуҷанд) ва радиои *Ориёно*

(Душанбе), фаъолияти пахши худро берун аз низоми иҷозатномадиҳӣ оғоз намуданд.

Тибқи талаботи қонунгузории миллӣ ВАО-и электронӣ уҳдадоранд, ки расман ба қайд гирифта шуда, иҷозатномаи дахлдорро дарёфт намоянд. Дар айни ҳол, дар фосилаи солҳои 2002 (май) то 2004 (ноябр) дар бахши бақайдгирии нашрияҳои чопӣ падидаи дигар мушоҳида гардид. Аз як ҷониб, нашрияҳо бояд барои гирифтани иҷозат ба Вазорати фарҳанг муроҷиат мекарданд ва аз ҷониби дигар, ба расмиёти нотариалии бақайдгирии ҳуҷҷатҳои муассис машғул мешуданд.

Дар таҷриба, якчанд нашрияҳо танҳо аз тарафи Вазорати фарҳанг бе дарёфти мақоми шахси ҳуқуқӣ ба қайд гирифта шудаанд. Мувофиқи баъзе иттилооти дастрас, то охири соли 2004 дар сохторҳои ваколатдори давлатӣ (Вазорати адлия ва Вазорати фарҳанг) тақрибан 30 дархост барои бақайдгирии ВАО мавҷуд буд. Бо вуҷуди рад шудани бархе аз ин дархостҳо, ҳеҷ як арзи расмӣ ба суд пешниҳод нагардид.

***Литсензияи ВАО.*** Дар шароити гузариш аз низоми шуравии идоракунии ВАО ба сохтори демократии расонаӣ масъалаи иҷозатномадиҳӣ (литсензия) дар соҳаи телевизион ва радиошунавонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба унвони як унсури муҳимми танзими ҳуқуқӣ ва ташкили фазои иттилоотӣ аҳаммияти хосса пайдо кард. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи телевизион ва радиошунавонӣ», ки 14 ноябри соли 1996 қабул гардид ва минбаъд борҳо бо иловаю тағйирот такмил дода шуд, асоси ҳуқуқӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва ташкилотии фаъолияти шабакаҳои телевизиону радио дар кишварро муайян намуд. Ин қонун як силсила принсипҳои бунёдии танзими фаъолияти расонаҳои электронӣ дар заминаи воқеиятҳои сиёсӣ ва иттилоотии давраи пасошуравиро расмият бахшид.

Дар даҳсолаи дуюми замони Истиқлол, тақрибан аз соли 2000 то 2015, ваколати додани иҷозатнома ба шабакаҳои телевизионӣ ва радиоии давлатӣ ва хусусӣ ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон вогузор

гардид. Бо қарори Кумитаи телевизион ва радиои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25-уми майи соли 2001, таҳти №91 «Низомнома дар бораи тартиби иҷозатномадиҳӣ дар соҳаи телевизион ва радиошунавонӣ» тасдиқ гардид.

Ин ҳуҷҷат яке аз охирин санадҳои танзимкунандаи равандҳои иҷозатномадиҳӣ ба ҳисоб мерафт ва дар он заминаҳои васеи рад намудани дархост барои гирифтани иҷозатнома пешбинӣ мешуд. Аз ҷумла, эҳтимолияти радкунии дархост бо сабаби нокифоя будани талаботи ҷамъиятӣ ё мухолифати мазмуни барномаҳо бо манфиатҳои миллӣ пешбинӣ шуда буд. Илова бар ин, Кумита ҳуқуқ дошт, ки дар заминаи дигар сабабҳои камтар мушаххас низ аз додани иҷозатнома худдорӣ намояд.

Ҷолиб он аст, ки ҳамин Низомнома дар нашрияҳои расмии давлатӣ интишор нашуда буд. Ғайр аз ин, фаъолияти Комиссияи иҷозатномадиҳии Кумитаи телевизион ва радиошунавонӣ, ки ҳаққи қабули қарорҳои ниҳоӣ оид ба додани иҷозатномаҳоро дошт, пайваста мавриди танқиди созмонҳои журналистии дохилӣ ва байналмилалӣ қарор мегирифт. Одатан, баррасии дархостҳо моҳҳо ва ҳатто солҳои зиёд тул мекашид, ки ин ҳолат боиси номуайянӣ ва монеа дар рушди расонаҳои мустақил мегардид.

28-уми феврали соли 2004 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи телевизион ва радиошунавонӣ»-ро, ки қаблан дар моҳи декабри соли 2003 аз тарафи Маҷлиси Олӣ қабул гардида буд, ба имзо расонид. Тибқи моддаи 12-и таҳрири навшудаи қонун, ваколатҳои додан, бозсозӣ, бекоркунӣ ва қатъ кардани иҷозатномаҳо бевосита ба салоҳияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мансуб дониста мешавад. Бо вуҷуди ин, агар дар матни қонун тартибу шароити мушаххаси рад кардани иҷозатнома муқаррар гардад, беҳтар мешуд.

Дар баробари ин, 17-уми майи соли 2004 қабули Қонуни Ҷумҳурии

Тоҷикистон «Дар бораи иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намудҳои фаъолият» имконпазирии ҳалли мутобиқгардонии масъалаҳои иҷозатдиҳӣ, аз ҷумла дар соҳаи телевизион ва радиошунавониро дар ҷумҳурӣ имконпазир гардонид. Қонуни литсензия муносибатҳои вобаста ба иҷозатномадиҳии намудҳои муайяни фаъолиятро танзим мекунад. Он барои таъмини сиёсати ягонаи давлатӣ дар татбиқи иҷозатномадиҳӣ, ташкили рӯйхати ягонаи фаъолиятҳои иҷозатномадиҳӣ ва тартиби иҷозатдиҳӣ дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон равона карда шудааст. Ғайр аз ин, ваколатҳои мақомоти давлатӣ, мақомоти иҷозатномадиҳанда муайян карда мешаванд.

Қонун барои баррасии аризаҳо, додани иҷозатнома ё рад кардан муҳлати яксолаи ягона пешбинӣ менамояд. Мутобиқи моддаи 10-и Қонун танҳо дар ду ҳолат мақоми иҷозатномадиҳанда метавонад иҷозатнома надиҳад:

– мавҷудияти маълумоти нодуруст дар ҳуҷҷатҳои пешниҳодкарда ва аризаи довталаб;

– номувофиқӣ дар аризаи иҷозатнома аз объектҳое, ки ба ӯ тааллуқ доранд ва аз тарафи ӯ ба талабот ва шартҳои иҷозатномадиҳӣ истифода мешаванд.

Низоми иҷозатномадиҳӣ дар соҳаи фаъолияти телевизионӣ ва радиоии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси ду санади муҳимми меъёрии ҳуқуқӣ танзим мегардад: Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи телевизион ва радио» аз 14-уми ноябри соли 1996 ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи телекоммуникатсия» аз 10-уми апрели соли 2002. Ин ду санад муқаррар менамоянд, ки фаъолияти муассисаҳо вобаста ба пахши барномаҳои радиоиву телевизионӣ танҳо бо гирифтани иҷозатномаи дахлдор анҷом дода мешавад.

Тибқи муқаррароти моддаи 12-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи телевизион ва радио» воситаҳои электронии иттилоотӣ вазифадоранд, ки барои пахши барномаҳои телевизионӣ иҷозатнома дарёфт намоянд. Тартиби додани чунин иҷозатномаҳо аз ҷониби

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешавад. Сипас, соҳиби литсензияи пахшкунанда барои гирифтани иҷозатнома мувофиқи моддаи 16-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи телекоммуникатсия» барои фаъолиятҳои коммуникатсионӣ ба Идораи давлатии алоқаи Хадамоти алоқаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муроҷиат менамояд. Ҳангоми таҳияи пешниҳодоти нав дар бораи иҷозатномадиҳӣ дар соҳаи телевизион, ки ҳоло Ҳукумат дар назар дорад, барои ба роҳ мондани ин усулҳо бо мақсади сода кардани тартиби гирифтани иҷозатнома тавсия дода мешавад.

Пас аз ба даст овардани Истиқлоли давлатӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон ба марҳилаи ташаккули заминаҳои меъёриву ҳуқуқӣ дар соҳаи воситаҳои ахбори омма ворид гардид. Яке аз иқдомҳои муҳим дар ин самт тасдиқи «Низомнома оид ба тартиби иҷозатномадиҳӣ дар соҳаи телевизион ва радиошунавонӣ» ба шумор меравад, ки бо қарори Кумитаи телевизион ва радио 25 майи соли 2001 таҳти № 91 қабул шудааст. Ин ҳуҷҷат меъёрҳо ва шароити иҷозати машғул шудан ба фаъолияти пахши барномаҳоро муайян намуда, оғози марҳилаи институтикунонии фазои иттилоотиро дар шароити гузариш аз модели марказонидашудаи шуравӣ ба усули танзими нисбатан демократӣ инъикос менамояд.

Далелҳои зикршуда гувоҳанд, ки пояи ҳуқуқии ин самт ба таҳаввулу такмил ниёз дорад. Ҳамчунин, тибқи қонуни амалкунандаи соҳавӣ тартиб ва меъёрҳои баргузории имтиҳони тахассусӣ барои роҳбарону мутахассисони муассисаҳои телевизионӣ ва радиоӣ танҳо аз ҷониби мақомоти ваколатдори иҷозатномадиҳанда муайян карда мешаванд. Ҳамзамон, қонунгузорӣ имконияти вогузории салоҳияти иҷозатномадиҳиро ба мақомоти алоҳидаи иҷроия бо пешниҳоди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ намудааст. Бо вуҷуди ин, чунин мақомоти иҷроия салоҳияти мустақилона ташаббускор буданро дар раванди додани иҷозатнома надоранд.

***Паҳн кардани иттилоот.*** ВАО дар ҷомеаи муосир бо таъмини ҷараёни озоди иттилоот ва таҳлил нақши калидӣ мебозад. Воситаҳои

гуногуни ахбори омма, аз қабили нашрияҳои чопӣ, телевизион, радио ва порталҳои интернетӣ, имкони дастрасии ҷомеаро ба маҷмуи васеи иттилоот, маводди таҳлилӣ ва назариёту дидгоҳҳои мухталиф фароҳам месозанд. Ин василаҳо нақши муҳиммеро дар ташаккули плюрализми афкор ва таъмини муҳити иттилоотии демократӣ дар марҳилаи гузариши ҷомеаи Тоҷикистон аз низоми иттилоотии шуравӣ ба низоми озоди матбуотӣ иҷро менамояд. Дар ин матлаб мо нақши расонаҳоро дар паҳнкунии иттилоот таъин карда, таъсир ва мушкилоти онҳоро баррасӣ хоҳем кард.

Паҳн кардани иттилоот тавассути васоити ахбори омма ин равандест, ки тавассути он ахбор, рӯйдодҳо ва дигар иттилоот ба доираи васеи аудитория мерасад. Воситаҳои ахбори омма байни манбаъҳои иттилоот ва ҷомеа миёнарав буда, вазифаи полоиши иттилоотиро иҷро мекунанд ва бо роҳҳои гуногун интиқоли иттилоотро анҷом медиҳад. Муҳаққиқи соҳаи журналистика, профессор М. Муродӣ оид ба масъалаи мазкур чунин ибрози андеша намудааст: «Муаллиф ҳангоми истеҳсоли иттилоот кӯшиш менамояд, ки аз ҳақиқати воқеӣ танҳо он факт ва маълумотеро дастрас намояд, ки сифати муҳиммият, навгонӣ ва аслӣ (оригиналӣ) дошта бошанд» [66, с. 54].

Воситаҳои ахбори омма дар огоҳонидани аҳолӣ ва таъмини шаффофият ва ошкорбаёнӣ нақши муҳим доранд. Онҳо воқеаҳо ва масъалаҳои муҳимми сиёсат, иқтисод, ҳаёти ҷамъиятӣ ва ғайраро фаъолона инъикос мекунанд. Воситаҳои ахбори омма, инчунин, андеша ва ақидаҳои гуногунро инъикос намуда, ба мубоҳисаҳо ва баҳсҳои ҳаётан муҳим саҳм мегузоранд. Бо вуҷуди ин, паҳн кардани иттилоот тавассути васоити ахбори омма мушкилоти муайяне дорад.

Аввалан, дар ҷаҳони муосир ВАО бо мушкилоти эътимод рӯ ба рӯ мешаванд. Вақте ки манзараи иттилоотӣ васеъ ва шумораи манбаъҳои хабарӣ, аз ҷумла шабакаҳои иҷтимоӣ ва блогҳои тасдиқнашуда зиёд мешавад, фарқ кардани далелҳо аз андешаҳо ва маълумоти бардурӯғ душвортар мегардад. Ин боиси коҳиши эътимод ба ВАО дар маҷмуъ ва

зарурати таҳияи воситаҳои санҷиши фактҳо ва санҷиши эътимоднокии иттилоот мегардад.

Сонияи, технологияи муосир паҳншавии густурдаи иттилоотро таъмин мекунад, ки метавонад боиси мушкилоти «садои иттилоотӣ» шавад. Садои иттилоотӣ ҷараёни бузурги иттилоотиест, ки ба даст овардани иттилооти баландсифат ва мувофиқро душвор месозад.

Одамон метавонанд, ки таҳти таъсири иттилоот қарор гиранд ва дар полоиш ва коркарди он мушкилӣ дошта бошанд. Ин аз ВАО тақозо мекунад, ки сифат ва саҳеҳии иттилоотро беҳтар созанд, то ин ки барои хонандагону мухотабони худ сарчашмаи боэътимод боқӣ монанд. Аз тарафи дигар, интишори иттилоот тавассути ВАО як имконияти бузург барои дасткорӣ ва таъсир ба афкори ҷамъиятӣ мебошад. Баъзе васоити ахбори омма метавонанд манфиатҳои худ ё барномаҳои сиёсии худро дошта бошанд ва онҳо иттилоотро барои таҳрик ва ташаккули эътиқоди муайян истифода баранд. Ин зарурати баҳодиҳии танқидии иттилооти гирифташуда ва таҳлили ҳамаҷонибаи сарчашмаҳои гуногунро ба вуҷуд меорад.

Дар маҷмуъ, ВАО тавассути таъмини дастрасӣ ба иттилоот ва мусоидат ба муколамаи ошкоро дар ҷомеа нақши муҳим мебозад. Онҳо ба ташаккули афкори ҷамъиятӣ, баланд бардоштани шаффофият ва огоҳии шаҳрвандӣ мусоидат мекунанд. Бо вуҷуди ин, бо рушди технологияҳои иттилоотӣ, мушкилоти нав, аз қабили маълумоти бардурӯғ ва садои иттилоотӣ ба миён меоянд. Барои рафъи ин мушкилот кӯшишҳо барои рушди фактчекинг, баланд бардоштани сифати иттилоот ва тафаккури интиқодӣ дар ҷомеа заруранд. Пас, интишори иттилоот тавассути ВАО як раванди дуҷониба буда, бартарӣ ва мушкилоти хосси худро дорад. Ин талабот аз ниёзҳои ҷомеаи муосир бармеояд, ки ба иттилооти боэътимод, объективӣ ва ҳамаҷониба санҷидашуда ниёз дорад, то тавонад қарорҳои инфиродӣ ва дастаҷамъии худро устуворона қабул намояд.

Дар шароити демократӣ шудани фазои иттилоотӣ, чунин хосиятҳо

чун шаффофият, дақиқии воқеӣ ва умқи таҳлилии маводди расонаӣ ба унсурҳои сарнавиштсоз табдил меёбанд, ки барои таъмини амнияти иттилоотӣ ва ҷалби эътимоди ҷомеа нақши калидӣ доранд.

Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шаҳрвандон кафолат медиҳад, ки фикру ақидаи худро дар ҳама гуна шаклҳои матбуот ва дигар воситаҳои ахбори омма паҳн кунанд. Тақвияти маводди васоити ахбори омма аз ҷониби нашркунандагони корхонаҳои марбут ба алоқа (коммуникатсия), дигар ташкилотҳо, инчунин, шаҳрвандон анҷом дода мешаванд.

Дар давраи пасошуравӣ, дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон, мувофиқи меъёрҳои қонунгузории миллӣ, як қатор ташкилотҳои байналмилалӣ ва дохилӣ фаъолият мекарданд, ки ба рушди рӯзноманигорӣ мусоидат менамуданд. Аз ҷумла, Маркази САҲА дар шаҳри Душанбе, Фонди Сорос ва ё Институти «Ҷомеаи Кушод», намояндагии ташкилоти Internews дар Тоҷикистон, Фонди дастгирӣ ва ҳимояи ҳуқуқи рӯзноманигорон дар Тоҷикистон, ташкилоти ҷамъиятии «Даъваткунандаи асосӣ» (ш. Хуҷанд), Ассотсиатсияи миллии ВАО-и мустақили Тоҷикистон (NANSMIT) ва ғайраро метавон ном бурд.

Маҳз дар шароити гузариш аз низоми иттилоотии шуравӣ ба модели плюралистии ВАО нақши калидии ин сохторҳо ҳамчун пайвандгари муҳимми ҷомеаи шаҳрвандӣ ва васоити ахбори омма арзишманд арзёбӣ мешавад.

Дар доираи фаъолияти лоиҳаи дастгирии ВАО дар Осиёи Марказӣ (SDC – CIMERA) ва лоиҳаи минтақавии «Ҳифзи принсипҳои демократии озодии баён дар воситаҳои ахбори омма дар Осиёи Марказӣ» (USAID), Ассотсиатсияи миллии ВАО-и мустақил дар Тоҷикистон шабакаи мониторинги вайрон кардани ҳуқуқҳои рӯзноманигорон ва ВАО-и Тоҷикистон аз тарафи ин лоиҳаҳо дар ҳамаи минтақаҳои ҷумҳурӣ амалӣ карда мешаванд. Ҳамаи ҳуқуқвайронкуниҳои сабтшуда ба бонки маълумотҳои мониторинг дохил карда мешаванд. Аз рӯйи натиҷаҳои он маълумот дар бораи

дастрасӣ ба иттилоот ду маротиба дар як сол тартиб дода шуда, дар шакли китобча ба намояндагони ВАО, мақомоти давлатӣ, созмонҳои ғайридавлатӣ ва созмонҳои байналмилалӣ тақсим карда мешавад.

Ҳисоботи мониторинги моҳона дар сайти NANSMIT (www.nansmit.org), дар саҳифаи вебсайт (www.cafspeech.kz) дар сомонаи Маркази журналистика дар ҳолатҳои фавқулодда (www.cjes.ru) ҷойгиранд. Илова бар ин, гузоришҳо ба зиёда аз 160 нишонии электронӣ тақсим карда мешаванд. NANSMIT мунтазам изҳороту мактубҳои шикоятиро ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ҷиноятҳои вазнинтаре, ки ба журналистон ва мақомоти давлатӣ тақсим мешаванд, таҳия менамояд. Тавассути ҳамкорӣ бо Ассотсиатсияи байналмилалии ҳимояи озодии баён (IFES) NANSMIT ҷомеаи журналистии ҷаҳонӣ ва рушди озодии сухан дар Тоҷикистон (www.ifex.org)-ро дастгирӣ мекунад.

Дар матбуоти тоҷик мунтазам мақолаҳо дар бораи озодии сухан дар Тоҷикистонро нашр мекарданд. Аз ҷумла, ин рӯзномаҳои расмию давлатии «Ҷумҳурият», «Садои мардум», «Ҷавонони Тоҷикистон», ғайридавлатии «Неруи сухан», «Тоҷикистон», «Азия плюс» ва «Вечерняя Душанбе» буданд. Тавассути рӯзноманигорон дар саҳифаҳои матбуот мубоҳисаҳои ҷамъиятӣ оид ба дастоварду мушкилоти озодии сухан ташкил карда шуда, барои ҳалли мушкилот дар ин самт пешниҳодҳои мушаххас сурат мегирифтанд.

Дар баррасии мавзуи мазкур мо ду тарзи муносибатро ба мушоҳида гирифтем. Нашрияҳои расмию давлатӣ ва баъзе нашрияҳои ғайридавлатӣ мавзуъро бо диди касбӣ, бо назардошти воқеият таҳлилу баррасӣ мекарданд, аммо, баръакс, баъзе нашрияҳои ғайридавлатӣ маншаи субъективӣ дошта, бо андешаҳои ба воқеият рабтнадошта мавзуъро ба таҳлил мекашиданд.

Бунёди гиромидошт ва ҳифзи ҳуқуқҳои рӯзноманигорони Тоҷикистон ба марги журналистони тоҷик дар давоми ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон (солҳои 1992-1997) тафтишоти худро анҷом дод. Шарики ҳамкорашон Маркази рӯзноманигории экстремалӣ (Москва), ки

аз тарафи рӯзноманигор Олег Панфилов роҳбарӣ мешуд, буд. Дар якҷоягӣ китоби «Тоҷикистон: журналистон дар Ҷанги шаҳрвандӣ (1992-1997)» (Москва, 2003)-ро нашр карданд, ки ба рӯзноманигорони фавтидаи Тоҷикистон бахшида шудааст. Бино ба маълумоти онҳо, гӯё «дар солҳои ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон 78 нафар журналисти Тоҷикистон кушта шуданд» [77]. Аммо агар ба рӯйхат нигарем, мебинем, ки қисмати бештаре аз ин рӯзноманигорони дар рӯйхат овардашуда бо марги табиию беморӣ вафот кардаанд (Мавҷуда Ҳакимова, Бурҳон Ғанӣ, Мусофир Набиев, Азизмурод Ҷобиров, Ҳомид Маликов ва дигарон) ва онҳоро дар рӯйхати кушташудагон ворид сохтан аллакай беғараз набудани Олег Панфилов ва масъулини Бунёди гиромидошт ва ҳифзи ҳуқуқҳои рӯзноманигоронро нишон медиҳад.

Дар давраи фаъолияти худ СҒҲ «Департаменти генералӣ» якчанд лоиҳаҳоро оид ба дастгирӣ ва рушди ВАО-и мустақил ва рӯзноманигорони вилояти Суғд дар шимоли кишвар амалӣ намуд. Илова бар ин, иттилоот дар бораи муноқишаҳо ва вайрон кардани ҳуқуқҳои рӯзноманигорон ва воситаҳои ахбори омма мунтазам дар маводди Кумитаи ҳифзи мухобирот (CPJ, Ню-Йорк), хабарнигорони бидуни сарҳад (Париж), Freedom House ва Намояндаи САҲА оид ба озодии ВАО Вена) ба табъ мерасид. Ҳар сол масъалаҳои озодии сухан дар ҳисоботи Департаменти давлатии ИМА низ интишор мегардад.

**Тавсияҳо.** Бо мақсади таъмини рушди устувори озодии сухан ва суръатбахшии равандҳои демократӣ дар ҷомеа зарур аст, ки вазъи ифодаи озоди андеша, паҳнсозии мустақили иттилоот ва фаъолияти воситаҳои ахбори омма ба таври доимӣ танзим карда шавад. Танзими мазкур на танҳо ташаккули фарҳанги ҳуқуқӣ дар самти ҳифзи ҳуқуқҳои касбии рӯзноманигоронро фаро мегирад, балки аз миён бурдани монеаҳои ҳуқуқии ҷойдоштаро низ тақозо менамояд, ки ВАО дар фаъолияти худ рӯ ба рӯ мегарданд.

Дар ин замина, зарурати ҷорӣ намудани низому механизмҳои самарабахши ҳуқуқӣ, ки ба танзими масъалаҳои озодии сухан ва

фаъолияти воситаҳои ахбори омма дар шароити гузариш ба модели демократии давлатдорӣ равона гардидаанд, ҳарчи бештар аҳаммияти илмӣ ва амалӣ касб менамояд.

Бо мақсади рушду такмили вазъи ҳуқуқӣ ва фазои миллии иттилоотӣ пешниҳодҳои зерин манзур мешаванд:

– ворид намудани моддаи алоҳида ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои рад кардани пешниҳоди иттилооти ҷамъиятӣ;
– муҳлати пешниҳоди иттилоот аз як моҳ камтар карда шавад;
– муайян намудани консепсияи «рақами давлатӣ» ба қонунгузорӣ;
– дар моддаи 174-и Кодекси шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян кардани ҳаҷми фосилаи ҷуброни зарари маънавӣ;
– суръат бахшидани қабули муқаррароти нави иҷозатномадиҳӣ дар соҳаи телевизион ва радио;
– ба роҳ мондани раванди бақайдгирӣ дар идораҳои нотариалӣ вобаста ба маҳалли ҷойгиршавӣ;
– таъмини иштироки овозҳо дар бораи баррасии дархостҳо барои гирифтани иҷозатнома дар соҳаи телевизион ва радио;
– ворид намудани тағйирот ба моддаҳои 171, 172, 174, 1115, 1116-и Кодекси шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади ба даст овардани стандартҳои байналмиллалӣ.

## 1.3. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи матбуоти даврӣ ва дигар воситаҳои ахбори омма»

Ба қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи матбуоти даврӣ ва дигар воситаҳои ахбори омма», ки соли 1990 қабул гардидааст, солҳои 1992, 1996, 1997, 1999 ва 2002 тағйиру иловаҳо ворид шудааст.

Таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки чунин ном ба меъёрҳои умумии қабулшуда ҷавобгӯ нест. Дар амал, як шахс метавонад ба Қонуни ҶТ дар бораи ВАО муроҷиат кунад. Ғайр аз ин, мо баъзе

калимаҳои консептуалиро дар ин қонун нишон медиҳем. Қонун ҳалли як қатор масъалаҳои консептуалӣ ва муҳимми ВАО фарогирифтааст, ки инҳоянд:

– муҳтавои вазъи ҳуқуқии соҳиби васоити ахбори омма, механизми пешгирии азхудкунии бозори ВАО ва маҳдуд кардани тамаркуз дар соҳаи ВАО;

– низоми тадбирҳои дастгирии расонаҳои давлатӣ бо кафолати ҳуқуқии озодии ВАО ва ғайра.

Таърифҳо ва назарияҳои ҳуқуқии мавҷуда дар мавриди мафҳуми васоити ахбори омма дар заминаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба андешаи мо, то ҳол ба таври кофӣ коркард нашудаанд ва ҷанбаҳои муҳимми саноати муосири расонаиро дар бар намегиранд.

Дар қисми аввали Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи матбуоти даврӣ ва дигар воситаҳои ахбори омма» мафҳуми «воситаҳои ахбори омма» ба таври нисбатан маҳдуд ва анъанавӣ таъриф шудааст. Мувофиқи мазмуни қонун, ВАО ҳамчун нашрияҳои чопӣ, шабакаҳои телевизион ва радио, агентиҳои иттилоотӣ ва инчунин, дигар муассисаҳое фаҳмида мешаванд, ки ба таҳия ва паҳнсозии иттилооти муҳимми ҷамъиятӣ машғуланд.

Ин тарзи таърифгузорӣ моҳияти марҳилаи гузаришро инъикос менамояд, ки дар он фаҳмиши нақш ва вазифаи расонаҳо асосан бар шаклҳои суннатии иттилоърасонӣ – яъне шаклҳои институтсионалии танзимшуда – устувор буд. Дар чунин шароит, васоити рақамӣ ва платформаҳои шабакавӣ, ки дорои нуфузи рӯзафзун дар ташаккули афкори умумӣ ҳастанд, берун аз чаҳорчӯбаи танзими ҳуқуқӣ боқӣ мемонанд.

Маҳдудияти мафҳумии ВАО дар қонунгузории ибтидоии фазои иттилоотии кишвар нишони он аст, ки низоми ҳуқуқӣ то ҳанӯз вижагиҳои модели танзимии даврони шуравиро нигоҳ медошт. Ин раванд бар мабнои назорат бар шумораи маҳдуди каналҳои иттилоотӣ

ташаккул ёфта, боиси ихтилоф миёни рушди технологияҳо, ниёзҳои иҷтимоӣ ва имкониятҳои ҳуқуқии амалкунанда гардид.

Ин таъриф рушди босуръати шабакаҳои рақамӣ ва онлайн-платформаҳоро ба инобат намегирад, ки ин ҳолат ҷараёни гузариш аз низоми шуравии ВАО ба модели демократии расонаиро душвор месозад ва зарурати таҷдиди назар дар заминаи меъёрҳои ҳуқуқии расонаиро талаб мекунад.

Дар ҳудуд ва ҳавзаи ИДМ, аксари кишварҳо ин таҳрирро дар қонунҳои худ истифода намебаранд ва онҳо ин гуна изҳорот чун «воситаҳои ахбори омма», «рӯзноманигор», «агенти иттилоотӣ» ва ғайра муносибат менамоянд. Пешниҳод карда мешавад, ки он дар таҳрири нав ва дар қолаби «Консепсияи асосӣ» пешбинӣ карда шавад.

Бо дардарназардошти моддаи 3-и Қонун, ки бо забони воситаҳои ахбори омма алоқаманд аст, муҳофизат ва рушди забони тоҷикӣ барои таҳияи заминаи қатъии чопи электронӣ ва васоити электронӣ, ки дар забони ғайр аз забони давлатӣ фаъолият мекунанд, мувофиқанд. Ин амал дар ҷаҳон вуҷуд дорад (баъзе ҷумҳуриҳои назди Балтик, Қазоқистон ва ғайра).

Моддаи 4-и Қонун қабули қонуни алоҳида оид ба тартиби додани кумакпулиҳои давлатиро пешбинӣ менамояд. Ба андешаи мо, қабули чунин як лоиҳа барои воситаҳои ахбори омма манфиатбахш мебошад.

Дар заминаи ислоҳоти қонунгузории миллӣ дар бораи воситаҳои ахбори омма таҳлили муҳтавои моддаи 7-уми Қонуни амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи матбуоти даврӣ ва дигар воситаҳои ахбори омма» аҳаммияти хосса пайдо мекунад. Дар лоиҳаи пешниҳодшуда, муҳтавои модда чунин баён ёфтааст: «Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи матбуот ва дигар воситаҳои ахбори омма ба Қонуни мазкур, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалии аз ҷониби Ҷумҳурии Тоҷикистон эътирофгардида асос ёфтааст» [129, с. 4].

Бо дарназардошти талаботи дақиқи ҳуқуқӣ ва зарурати ягонагии меъёрӣ, зикри мафҳуми «қонунгузорӣ» танҳо ба маҷмуи қонунҳое, ки тариқи тартиби муқарраргардида қабул шудаанд, ишора мекунад. Аз ин рӯ, дар матни мазкур истифодаи ибораи «дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» дар баробари Қонун амали изофавӣ арзёбӣ мешавад ва бояд мавриди таҷдиди назар қарор гирад, то аз ихтилофи ҳуқуқӣ ва таъбирҳои норавшан ҷилавгирӣ шавад.

Ҳамзамон, баррасии моддаи 8-уми Қонун низ муҳим мебошад. Дар қисми аввали он доираи субъектҳое, ки ҳуқуқи таъсиси воситаҳои ахбори оммаро доранд, васеъ муайян шудааст ва аз мақомоти давлатию маҳаллии ҳокимият то ҳизбҳои сиёсӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, созмонҳои динӣ, коллективҳои меҳнатӣ ва шахсони алоҳидаро фаро мегирад.

Бо вуҷуди ин, дар ин мавриди ихтилофи ҳуқуқӣ миёни муқаррароти қонуни соҳавӣ ва Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ» ба мушоҳида мерасад. Мувофиқи моддаи 7-и охирон, танҳо маҷлисҳои вакилони халқ ва роҳбарони онҳо ҳуқуқ доранд, ки нашрияҳои чопӣ, ба монанди рӯзномаву маҷаллаҳоро таъсис диҳанд, на шабакаҳои радиоӣ ё телевизионӣ.

Дар натиҷа, номувофиқатии меъёрии мазкур боиси он гардидааст, ки дар амал мақомоти маҳаллии ҳокимият ҳуқуқи таъсиси ВАО-и электронӣ, хусусан, радио ва телевизионро амалӣ намекунанд ва дар фазои иттилоотии муосири кишвар ба сифати муассисони ин намуди ВАО зикр намегарданд.

Қисми 2-и ҳамин модда муайян мекунад, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон монополияи матбуот ва дигар воситаҳои ахбори омма иҷозат дода намешавад. Бо вуҷуди ин, механизми муайянкунии ин меъёр ба қайд гирифта нашудааст.

Қисми 3-и ин модда низ бояд тағйир дода шавад. Масалан, матн, ки «онҳо наметавонанд муассисони ВАО»-ро пайдо кунанд:

Шаҳрвандоне, ки ба синни ҳаждаҳ нарасидаанд ё мувофиқи тартиби муқаррарнамудаи қонун ба таври қобили мулоҳиза эътироф карда мешаванд, ё иқтидори онҳо маҳдуд аст;

Дар ин ҳолат, қонунгузор ин категорияи инсонҳоро ҳамчун шахсони ҳуқуқии хориҷӣ гум кардааст. Бақайдгирии Media мутобиқи моддаи 9 Қонун аз ҷониби мақомоти идораи нотариалӣ дар маҳалли ҷойгиршавии онҳо анҷом дода мешавад. Ин муқаррарот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ, ки ба баҳисобгирии шахсони ҳуқуқӣ ба салоҳияти Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон нигаронида шудааст, мухолифат мекунад.

Илова бар ин, муқаррароти мавҷуда оид ба пешниҳоди «Вазифаи Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои бақайдгирии воситаҳои ахбори омма ба матн мувофиқат намекунад, монеаи бюрократии номуносиб ва ғайриодӣ ба ташкили васоити ахбори омма мебошад.

Қисми 5-и ин модда бояд аз матн бардошта шавад, зеро ин масъала бояд дар асоси Қонуни ҶТ «Дар бораи бақайдгирии давлатии шахси ҳуқуқӣ» танзим карда шавад.

Моддаи 13-и Қонун бояд хориҷ карда шавад, зеро ин муқаррарот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи масъулияти давлатӣ мухолифат мекунад.

Дар қисми 1-и моддаи 14 дар ҷазо «3. Мувофиқи қарори суд дар сурати вайрон кардани талаботи моддаҳои 6 ва 22 Қонуни мазкур зарур аст, ки муқаррароти моддаҳои 6 ва 22-ро муқаррар созанд, зеро ин моддаҳо аз якчанд қисм иборат буда, тамоми меъёрҳои ин моддаҳо метавонанд барои қатъ кардани фаъолияти ВАО хидмат кунанд.

Дар моддаи 14 зарурати такмил додани қисми охир зарур аст, зеро пешниҳоди он аз нуқтаи назари техникаи қонунгузорӣ таҷдиди назар мехоҳад.

Вазорати фарҳанг бояд аз ин пешниҳод хориҷ карда шавад, зеро Вазорати адлия мақоми ваколатдор дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Сархати сеюми моддаи 27, ки ба шакли «...тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонун ба шикоят аз амалҳои ғайриқонунии мақомоти ҳукуматӣ ва шахсони мансабдоре, ки ҳуқуқҳои шаҳрвандонро вайрон мекунанд» [128, с. 27] бояд таҳрир карда шаванд, зеро қонуни мазкур дар ин банд зикр нашудааст.

Фасл дар бораи «такрори мавод» бояд пурра бардошта шавад, зеро ин қоидаҳо аз ҷониби қонуни дахлдори ҳуқуқӣ танзим карда мешаванд.

Пешниҳод мегардад, ки моддаи мазкур асосҳои ҳуқуқии дархости иттилоот, муҳлатҳои муқаррарии пешниҳоди ҷавоб ба чунин дархостҳо ва ҷавобгариро барои иҷро накардан ё ба таъхир андохтани вокуниш ба дархости иттилоот муайян намояд. Инчунин, тавсия дода мешавад, ки матни қонунро бо модда алоҳида дар бораи «сабти махфӣ» илова кунанд, ки дар он шароит ва мақсади истеҳсоли чунин сабт нишон дода шудааст.

Дар моддаи 30-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи матбуоти даврӣ ва дигар воситаҳои ахбори омма» зарурати ворид намудани ислоҳоти дахлдор ба миён омадааст, ки ҳадафи он тавсеа ва мушаххасгардонии мафҳуми «рӯзноманигор» мебошад. Муайян кардани ин мафҳум дар шакли васеъшуда ва ҷойгир намудани он дар аввали қонун, яъне дар моддаи дахлдор, ба манзури таъмини возеҳият ва эътибори ҳуқуқии мақоми рӯзноманигор, иқдоми саривақтӣ ва зарурӣ мебошад.

Илова бар ин, дар моддаи 34 лозим аст, ки истилоҳоти истифодашаванда бозбинӣ карда шавад. Аз ҷумла, мувофиқи мантиқ ва меъёрҳои ахлоқии ҳуқуқӣ, мумкин аст ба ин модда ибораҳое чун «шаъну шарафи давлат ва Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон» низ шомил карда шаванд, то сатҳи ҳимояи ҳуқуқии онҳо дар фазои иттилоотӣ таъмин гардад.

Дар ҳукми охирини моддаи 38, яъне «Маблағи ҷуброни зарари маънавӣ (ғайриқонунӣ) дар муҳлатҳои пулӣ аз ҷониби суд муқаррар

карда мешавад» [129, с. 9] зарур аст, ки муқаррароти муайяне пешниҳод карда шавад.

Таҷриба нишон медиҳад, ки судҳо одатан аз ҷиҳати маънавӣ бо чунин тарз метавонанд бо бастани ВАО ё таъсир ба фаъолияти рӯзноманигорон ва муассису соҳибони нашрияҳо расонанд. Дар таҷрибаи судии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи ВАО диққати махсус ба ҳимояи ҳуқуқҳои конститутсионии шахс ба назар мерасад. Судҳо барои нигаҳдошти эҳтиром ва шаъну шарафи шахси ҷабрдида кӯшиш карда, вале гоҳе аз ҷониби онҳо ҳуқуқҳои дигари конститутсионӣ, аз ҷумла ҳуқуқи озодии сухан ва васоити ахбори омма аз madди назар дур мемонад. Зарур аст, ки диққати судҳо ба зарурати ба инобат гирифтани ин ҳуқуқҳо равона гардад. Чунин муқарраротро таҳлил кардан зарур аст, то онҳо ба қатъи фаъолияти васоити ахбори омма ё дигар паёмадҳои марбут ба рӯзноманигорон роҳ надиҳанд. Дар маҷмуъ, Қонуни ҷории Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи матбуоти даврӣ ва дигар воситаҳои ахбори омма» ба полоиш, коркард ва таҷдиди назар ниёз дорад.

### 1.3.1. Ҳифзи моликияти зеҳнӣ ва заминаҳои ҳуқуқии он

Моликияти зеҳнӣ (IP) дар иқтисоди муосир нақши калидӣ дорад, зеро он навоварӣ, кори эҷодӣ ва ғояҳоро ҳимоя мекунад. Дар ин зербоб мо дида мебароем, ки моликияти зеҳнӣ чист, он кадом намудҳоро дар бар мегирад ва чаро ҳифзи он барои рушди ҷомеа муҳим аст. Моликияти зеҳнӣ чист? Моликияти зеҳнӣ ҳуқуқҳои қонуние мебошад, ки ба муаллифон, ихтироъкорон ва эҷодкорон барои ҳифзи офаридаҳои зеҳнӣ ва навовариҳои онҳо дода шудааст. Он категорияҳои калидии зеринро дар бар мегирад:

- ҳуқуқи муаллифӣ, ки ҳифзи асарҳои адабӣ, бадеӣ, мусиқӣ, барномаҳои компютерӣ ва дигар шаклҳои фаъолияти эҷодиро дар бар мегирад.

- патентҳо: монополияи ихтироот ва технологияро дар муддати муайян таъмин мекунанд;
- тамғаҳои молӣ: ҳифзи рамзҳо ва номҳои молҳо ва хидматҳо, ки ба истеъмолкунандагон имкон медиҳад, ки маҳсулоти истеҳсолкунандагони мушаххасро эътироф кунанд;
- ҳуқуқҳои тарроҳии саноатӣ: ҳифзи шаклҳо ва тарҳҳои аслии маҳсулот;
- муҳофизати сирри тиҷоратӣ: маълумоти махфии ширкатҳоро, аз қабили моделҳои тиҷорат, усулҳои истеҳсолӣ ва рӯйхати муштариёнро муҳофизат мекунад.

Чаро ҳифзи моликияти зеҳнӣ лозим аст? Ҳифзи моликияти зеҳнӣ як қатор бартариҳо дорад.

1. Инноватсияро пешбарӣ мекунад;
2. IP навовариро ташвиқ мекунад, зеро эҷодкорон ва ихтироъкорон боварӣ доранд, ки кори онҳо ҳифз карда мешавад ва дигарон аз кӯшишҳои онҳо баҳра хоҳанд бурд;
3. Ҳифзи ҳуқуқи моликияти зеҳнӣ шароити заруриро барои ташаккули бартариятҳои рақобатӣ дар бозори ВАО фароҳам меорад. Барои воситаҳои ахбори омма ва сохторҳои истеҳсолии марбут ба тавлиди муҳтаво, ин навъи ҳифз имконият медиҳад, ки ҷойгоҳи пешсафии худро тавассути пешгирӣ аз нусхабардории ғайриқонунӣ, асардуздӣ ва ғасби дастовардҳои инноватсионӣ ҳифз намоянд.
4. Эҷодкориро пешбарӣ мекунад. Ҳуқуқи муаллифӣ ва дигар намудҳои IP эҷодкоронро муҳофизат мекунад ва ба онҳо имкон медиҳад, ки ғояҳои худро бидуни тарси истифодаи ғайриқонунӣ амалӣ созанд.
5. Рушди иқтисодиро дастгирӣ мекунад. Сармоягузорон ва соҳибкорон аксар вақт ҳифзи IP-ро ҳамчун ҷанбаи муҳимми рушди сармоягузорӣ ва тиҷорат медонанд.

Сарфи назар аз бартариҳои зиёдаш, системаи моликияти зеҳнӣ низ бо мушкилот рӯбарӯ аст. Яке аз онҳо мувозинати байни ҳифзи моликият ва дастрасӣ ба иттилоот ва технология ба манфиати ҷомеа мебошад.

Илова бар ин, дар ҷомеаи шабакавӣ саволҳои нав дар бораи моликияти зеҳнии рақамӣ ва ҳифзи он пайдо мешаванд.

Моликияти зеҳнӣ дар иқтисод ва ҷомеаҳои муосир, мусоидат ба инноватсия, ҳифзи ҳуқуқи эҷодкорон ва эҷоди бозорҳои рақобатпазир нақши марказӣ дорад. Гарчанде танзим ва ҳифзи фазои иттилоотӣ аз ҷиҳати ташаккули низоми муосири расонаӣ аҳаммияти хосса дорад, ин раванд ҳамзамон бо як қатор масъалаҳои мураккаби ҳуқуқӣ ва ахлоқӣ пайванд мебошад. Танзими самарабахш ва мутаносиб дар ин самт ниёз ба муносибати амиқан андешидашуда ва қарори мутавозин дорад, то тавозуни мантиқӣ миёни манфиатҳои ҳуқуқии соҳибони иттилоот ва талаботи иҷтимоии ҷомеа ба иттилооти дақиқу дастрас таъмин гардад.

Дар шароити рушди босуръати технологияҳои рақамӣ, масъалаи ҳуқуқи моликияти зеҳнӣ на танҳо ба соҳаи эҷодкорӣ, балки бевосита ба фаъолияти воситаҳои ахбори омма иртибот мегирад. Рӯзноманигорон, муҳаррирон ва муҳтавосозон (content creators) бо зарурати риояи ҳуқуқи муаллиф, иҷозатномаҳо ва сиёсати истифодаи озод ё маҳдуди иттилоот рӯ ба рӯ ҳастанд. Фазои иттилоотии рақамӣ, ки паҳншавии зуд ва беназорати маълумотро таъмин мекунад, ҳамзамон, хавфи ҷиддии поймолшавии ҳуқуқи муаллифон ва тақлидро ба бор меорад. Аз ин рӯ, ВАО-и муосир бояд ҳамзамон бо озодии эҷодӣ, эҳтироми принсипҳои ҳуқуқӣ ва риояи ахлоқи касбӣ дошта бошанд.

Воқеан, «Этикаи касбии журналист низ аз этикаи умумиинсонӣ сарчашма мегирад, вале он нисбатан ҷиддию серталаб аст, зеро фаромӯш кардани прнспҳои этикӣ баъзан барои журналист оқибатҳои хатарноки пешгӯйинашаванда дошта метавонад... Дар меъёрҳои ахлоқии фаъолияти журналистӣ дар Тоҷикистон ба масъалаҳои ҳақиқатнигорӣ, эҳтироми ҳуқуқи инсон, сареҳияти ахбор, ҳифзи манбаъҳои иттилоъ, иффати миллӣ ва эҳтироми фарҳанги ғайр, эҳтироми ҳаёти шахсӣ, ҳифзи шаъну шараф ва эътибори шахс таваҷҷуҳи махсус зоҳир карда шуддаст» [120, с. 100-101].

Муҳимтар аз ҳама, дар сиёсати расонаӣ ва иттилоотии кишварҳои

рӯ ба рушд, аз ҷумла Тоҷикистон бояд тавозуни ҳассос миёни ҳимояи ҳуқуқи соҳибони иттилоот ва дастрасии ҷомеа ба ахбор нигоҳ дошта шавад. Равандҳои байналмилалӣ нишон медиҳанд, ки ҳангоми зиёд шудан ё кам шудани яке аз ин унсурҳо, боиси вайроншавии мувозинаи иҷтимоӣ, сиёсии афкори умум ва эътимод ба ВАО мегардад. Ба ин маъно, ҳар гуна стратегия ё ислоҳоти ҳуқуқӣ дар соҳаи моликияти зеҳнӣ бояд бо дарназардошти талаботи иҷтимоии ҷомеа, шаффофияти иттилоотӣ ва принсипи дастрасии одилона ба маълумот роҳандозӣ гардад.

Моликияти зеҳнӣ ҳамчун маҳсулот, ки тавассути он шаклҳои гуногуни дониш аз категорияи молҳои потенсиалии ҷамъиятӣ ба категорияи шахсони воқеӣ амалӣ карда мешавад. Ширкат бо ин гуна тарҷума бо кумаки моликияти зеҳнӣ машварат мекунад. Хусусияти калидии муҳити иттилоотии муосир, бахусус, дар шароити гузариш аз модели шуравии ВАО ба низоми демократӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, зарурати фаъолсозии фаъолияти эҷодӣ ва тадқиқотӣ мебошад. Ин фаъолият мустақиман ба тавлиди донишҳои нав ва ҳалли инноватсионӣ иртибот дорад, ки дар навбати худ, механизми муассири подоши зеҳниро тақозо мекунад. Дар сурати набудани низоми мукаммали моликияти зеҳнӣ, саъю кӯшишҳо ҷиҳати офаридани ғояҳо ва муҳтавои нав аз лиҳози иқтисодӣ бесамар мегарданд, зеро хароҷоти зеҳнӣ ва моддӣ ҷуброн намешаванд.

Дар муҳити муосири иттилоотии рақобатпазир, моликияти зеҳнӣ ҳамчун як шакли нави сармояи ғайримоддӣ баромад мекунад, ки арзиши он аз ҳисоби навоварӣ, хосият ва муҳтавои маънавии он муайян мешавад. Бидуни ҳавасмандгардонии воқеӣ, инноватсия дар соҳаи ВАО наметавонад рушд кунад, зеро эҷодкорон, таҳлилгарон ва муҳтавосозон фоидаи муносибе аз кори зеҳнии худ намебинанд.

Ҳамзамон, дар муҳити пасошуравии Тоҷикистон, ки фарҳанги ҳуқуқи муаллиф ва эътирофи моликияти зеҳнӣ ҳанӯз дар ҳоли шаклгирист, зарурати татбиқи барномаҳои омӯзишӣ, стандартҳои касбӣ

ва таҷрибаи ҷаҳонӣ ногузир аст. Журналистикаи муосир ҳамчун соҳаи эҷодӣ бояд дар асоси эҳтиром ба ҳуқуқи муаллиф ва ҳавасмандгардонии молии журналистон рушд ёбад. Агар рӯзноманигор муҳтавои истисноии таҳлилӣ эҷод мекунад, вале он бе иҷозат паҳн шавад ва ё бе ҳимояи ҳуқуқӣ истифода гардад, ӯ наметавонад фаъолияти касбии худро устуворона идома диҳад. Ин боиси заиф шудани муҳтавои касбӣ ва рукуди рушди босифати матбуоти миллӣ мегардад.

Яке аз омилҳои муҳимме, ки дар ташаккули фарҳанги ҳуқуқи муаллиф нақш дорад, таҳкими институти рӯзноманигории касбӣ ва омӯзиши пайвастаи ҳуқуқии муаллифон мебошад. Дар шароити Тоҷикистон, ки бозори расонаҳо ҳанӯз пурра танзим нашудааст, ниёз ба таснифи аниқ байни муҳтавои расмӣ, маҳсулоти муаллифӣ ва иттилооти ҷамъиятӣ бештар эҳсос мешавад. Танҳо тавассути таҳияи стандартҳои касбӣ ва барномаҳои бозомӯзии соҳа метавон фарҳанги ҳимояи моликияти зеҳниро таҳким бахшид, то рӯзноманигорон худро ба ҳайси муаллифони ҳақиқии маҳсулоти зеҳнӣ эҳсос кунанд ва мукофотонида шаванд.

Дар радифи боло бурдани фарҳанги ҳуқуқии журналистон аз ҷанбаҳои ахлоқии ин навъи фаъолият набояд фаромӯш кард. Дар ҳақиқат, «Дар шароити иқтисоди бозорӣ, ки тиҷорат самти фаъолияти як қатор воситаҳои ахбори оммаи ватанӣ гардидааст у вазифаҳои асосии васоти ахбори омма низ як андоза тағйир ёфтаанд, барои таҳқиқ ва аз ҷиҳати илмӣ баррасӣ намуданӣ саҳифаҳои то ба ҳол тадқиқнашудаи журналистикаи ватанӣ шароити нибатан мусоид фароҳам омадааст. Аз ин рӯ, тадқиқи этикаи касбии журнанистӣ ҳамчун яке аз унсурҳои муҳимми муайнкунандаи хусусиятҳои касби журналистӣ, ҳамчун механизми танзимкунандаи ҷомеаи журналистӣ ва қисми таркибии васоити ахбори оммаи ватанӣ ҳам аз ҷиҳати назарӣ ва ҳам амалӣ муҳимму саривақтӣ мебошад» [120, с. 102].

Агар ҳуқуқи муаллиф ва ҳифзи маҳсулоти зеҳнӣ нодида гирифта шаванд, натанҳо сатҳи эътимоди рӯзноманигорон ба низоми касбӣ

коҳиш меёбад, балки пояҳои иттилооти боэътимод ва касбӣ дар ҷомеа заиф мегардад. Маҳдуд шудани ҳимояи ҳуқуқӣ боиси он мегардад, ки журналистон ба худсензура рӯ биёранд ва ё маҳсулоти муҳтавоии пастсифат тавлид намоянд. Ин раванд, дар навбати худ, ба рукуди афкори ҷамъиятӣ, заъфи фазои муколамаи сиёсӣ ва коҳиши сифати демократикунонии ҷомеа сабаб мешавад. Аз ин рӯ, масъалаи ҳуқуқи муаллиф барои соҳаи ВАО на танҳо як муқаррароти ҳуқуқӣ, балки унсури стратегияи сиёсати иттилоотии миллӣ мебошад.

Дар марҳилаи ташаккули муҳити мустақили расонаӣ, зарурати ҳимояи ҳуқуқии натиҷаҳои фаъолияти фикрии инсон аҳаммияти махсус пайдо мекунад. Ба ин маънӣ, масоили бақайдгирӣ, ҳифз ва гурӯҳбандии объектҳои моликияти зеҳнӣ, аз ҷумла ҳуқуқи муаллиф, патент, аломатҳои молӣ ва ҳуқуқҳои ҳамсон ҷузъи ҷудонашавандаи фаъолияти инноватсионӣ дар соҳаи ВАО маҳсуб меёбанд ва заминаи ҳуқуқӣ ва иқтисодии устувории лоиҳаҳои расонаиро таъмин мекунанд.

Дар шароити рушди расонаҳои мустақил, ки аксар вақт аз ниҳодҳои давлатӣ ва маблағгузориҳои расмӣ дур ҳастанд, танзими ҳуқуқии моликияти зеҳнӣ на танҳо омили ҳифзи ҳуқуқи эҷодкорон аст, балки механизми кафолатбахши эътимод ва ҳуқуқи истифодабарандагони иттилоот низ мебошад. Бақайдгирии расмии ҳуқуқи муаллиф ва ё аломати молӣ ба нашриёҳо, порталҳои иттилоотӣ, барномаҳои телевизионӣ ва маҳсулоти таҳлилӣ имкон медиҳад, ки мавқеи худро дар бозори иттилоотии дохилӣ ва байналмилалӣ ҳифз намоянд ва дар ҳолатҳои баҳсӣ манфиати худро аз лиҳози қонунӣ ҳимоя кунанд.

Аз дидгоҳи иқтисодӣ ҳар як лоиҳаи расонаӣ – аз маҷаллаи чопӣ то шабакаи рақамӣ, дар сурати надоштани ҳимояи ҳуқуқии маҳсулоти зеҳнӣ, дучори таваккул ва хатарҳои шадид мешавад. Ин метавонад боиси нусхабардорӣ, duздии иттилоот, ё коҳиши боварии сармоягузорон гардад. Аз ин рӯ, дар Тоҷикистон зарур аст, ки ҳифзи моликияти зеҳнӣ дар ВАО на танҳо ҳамчун масъалаи ҳуқуқии инфиродӣ, балки ҳамчун

қисми сиёсати расонаӣ ва амнияти иттилоотии миллӣ баррасӣ шавад. Ҳимояи қонунии иттилоот, таҳририяҳо ва бренди расонаӣ омили муҳимми ташаккули бозори рақобатпазири ВАО ва рушди иқтисодии соҳа мебошад.

Мафҳуми «моликияти зеҳнӣ» бори нахуст дар асрҳои XVII-XVIII шакл гирифта, ба расмият шинохтани ҳуқуқи истисноии ашхос ба натиҷаҳои фаъолияти фикрии онҳо дар илм, истеҳсолот, санъат ва дигар соҳаҳоро дар бар мегирифт. Бо қабули Конвенсияи Стокҳолм (1976) ва таъсиси Созмони Умумиҷаҳонии Моликияти Зеҳнӣ (WIPO) асоси меъёрию ҳуқуқии байналмилалии танзими ин соҳа гузошта шуд.

Ташаккули мафҳуми моликияти зеҳнӣ ҳамчун як рукни ҳимояи ҳуқуқи шахсият дар муҳити фарҳанги Аврупои Ғарбӣ бо таъсири андешаҳои маорифпарварӣ ва либерализми сиёсӣ сурат гирифт. Ин раванд бо талоши ба эътибор гирифтани меҳнати фикрии инсон дар баробари меҳнати ҷисмонӣ дар ҷомеаи бозорноки ранҷбар асос ёфта буд. Аз дидгоҳи фалсафаи ҳуқуқ, моликияти зеҳнӣ намунаи равшани табдили дониш ба арзиш мебошад ва ин раванд ба муҳити иҷтимоӣ, бахусус, ба соҳаи ВАО низ бетаъсир намондааст. Қабули конвенсияҳо ва ташкилоти махсус (WIPO) танзими ягонаи ҷаҳониро дар ин соҳа таъмин намуд, ки аз он расонаҳо низ ҳамчун истифодабаранда ва тавлидкунандаи маҳсулоти зеҳнӣ манфиат мебаранд.

Бунёди Созмони Умумиҷаҳонии Моликияти Зеҳнӣ (WIPO) ва қабул шудани санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ, аз ҷумла Конвенсияи Стокҳолм барои расонаҳо ва рӯзноманигорон имкони вусъатбахши ҳуқуқҳои худ дар миқёси байналмилалиро фароҳам овард. Ин таҳаввулот имкон дод, ки муҳтавои нигоштаҳои рӯзноманигории касбӣ новобаста аз шакли пахш (чопӣ, рақамӣ, ё аудиовизуалӣ) ҳамчун амволи ҳуқуқии инфиродӣ ва ҳифозатшаванда шинохта шавад. Барои кишварҳои рӯ ба рушд, аз ҷумла Тоҷикистон пайвастан ба ин низом ва мутобиқсозии қонунгузории миллӣ бо меъёрҳои байналмилалӣ яке аз шароити зарурии рушди устувори матбуоти миллӣ ба ҳисоб меравад.

Дар низомҳои ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия ҳимояи моликияти зеҳнӣ, пеш аз ҳама, бар асоси муқаррароти Кодекси гражданӣ (шаҳрвандӣ) сурат мегирад. Мувофиқи ин муқаррарот объектҳои моликияти зеҳнӣ ҳамчун ҳуқуқи истисноӣ эътироф мегарданд. Ин маънои онро дорад, ки танҳо соҳиби қонунии ин ҳуқуқ метавонад натиҷаҳои фаъолияти зеҳниро – хоҳ ихтироъ, хоҳ асари ҳунарӣ ва ё ҳалли техникии нав ба таври мустақилона истифода ва идора намояд.

Мафҳуми «ҳуқуқи истисноӣ» дар муҳити расонаӣ аҳаммияти стратегӣ касб мекунад, зеро он ба рӯзноманигорон ва муҳаррирон имкон медиҳад, ки ҳуқуқи моликияти худро бар муҳтавои истеҳсолкардаашон – хоҳ мақола, хоҳ гузориш ва ё таҳқиқоти муфассал танзим ва ҳифз намоянд. Мутобиқи Кодекси шаҳрвандӣ, ҳуқуқи истисноӣ маънои онро дорад, ки танҳо шахси дорои ин ҳуқуқ метавонад муҳтавои офаридаи худро истифода, интишор ва ба дигарон иҷозат диҳад. Ин ҳуқуқ ба рӯзноманигорон имконият медиҳад, ки меҳнати зеҳниашонро ҳамчун моликияти иқтисодӣ ва ҳуқуқӣ ба расмият доранд ва аз истифодаи ғайриқонунии он пешгирӣ кунанд.

Масъалаи ҳуқуқи моликияти зеҳнӣ барои ташкилотҳои илмӣ-таҳқиқотие, ки аз ҳисоби буҷаи давлатӣ маблағгузорӣ мешаванд, яке аз самтҳои мураккаб ва баҳсбарангези танзими ҳуқуқист. Аз як тараф, маҳдуд кардани озодии тадқиқоти илмӣ метавонад боиси коҳиши эҷодкорӣ ва фишори маъмурӣ гардад. Аз тарафи дигар, агар натиҷаҳои таҳқиқот, ки бо маблағи давлат (яъне андозсупорандагон) ба даст омадаанд, агар пурра моликияти шахсӣ эътироф шаванд, масъалаи ахлоқӣ ва масъулияти иҷтимоии олимон ба миён меояд. Дар ин ҳолат, зарурати эҷоди низоми дуҷониба (public–private partnership) пеш меояд, ки ҳам ҳуқуқи муаллифро ҳифз кунад ва ҳам манфиати ҷамъиятро таъмин созад.

Мисоли овардашуда, ки Идораи патентии ИМА дар солҳои 1980 тақрибан 30000 патент дошт ва танҳо 5%-и онҳо ба истифодаи тиҷоратӣ

роҳ ёфтанд, нишон медиҳад, ки ҳифзи ҳуқуқи зеҳнӣ бидуни истифода ва тиҷоратикунонӣ натиҷаи иқтисодӣ намеорад. Ин таҷриба барои кишварҳои рӯ ба рушд, аз ҷумла Тоҷикистон дарси муҳим аст: танҳо доштани патент ҳанӯз арзиши воқеии иқтисодӣ надорад, агар механизми табдили ихтироъ ба маҳсул ё хидмати фоиданок вуҷуд надошта бошад. Аз ин рӯ, давлатҳо бояд дар баробари бақайдгирии ҳуқуқ, инчунин, шароити инфрасохторӣ ва бозории интиқоли технологияро низ рушд диҳанд, то моликияти зеҳнӣ дар амал на як «моликияти хобида», балки манбаи фаъоли инноватсия гардад.

Низоми одилона ва самараноки патентӣ, ки муаллифиятро эътироф намуда, барои ихтироъкорон подоши моддиро кафолат медиҳад, нақши калидӣ дар рушди фаъолияти илмӣ ва инноватсионӣ мебозад. Заминаҳои ҳуқуқие, ки чунин низом фароҳам меорад, барои интиқол ва татбиқи технологияҳо муҳити мусоид фароҳам месозад. Дар шароити демократикунонии ҷомеа ва озодсозии фазои иттилоотӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, масъалаи ҳифзи ҳуқуқи моликияти зеҳнии рӯзноманигорон, муаллифон ва муассисаҳои ВАО аҳаммияти нав касб менамояд. Ин раванд ба рушди расонаҳои мустақил, тақвияти озодии сухан ва татбиқи ҳалли технологиҳои муосир дар низоми иттилоотӣ мусоидат мекунад.

Бо вуҷуди ин, таҷрибаи мазкур нишон медиҳад, ки сатҳи ҳифзи моликияти зеҳнӣ вобаста ба таносуби имтиёзҳо ва навовариҳо дар иқтисоди миллӣ муқаррар карда мешавад. Агар майлҳои асосӣ дар иқтисоди кишвар ба намунаи инноватсионии рушд равона гарданд, чунин кишвар, асосан, ба сатҳи баланди ҳифзи моликияти зеҳнӣ манфиатдор аст. Агар кишвар, бо сабаби кам будани иқтидорҳои илмию техникӣ, ба афзалиятҳои инноватсия монанд бошад, пас дараҷаи баланди ҳифзи ҳуқуқи муаллиф ва патенти он аз чунин корҳо пешгирӣ мекунад.

Пешниҳод дар бораи таносуби сатҳи муҳофизати моликияти зеҳнӣ бо иқтидори инноватсионии кишвар пурра бо моделҳои иқтисодии

кишварҳои рӯ ба рушд мувофиқат мекунад. Кишварҳое, ки марҳилаи саноатии поёнӣ ва пойгоҳи илмии заиф доранд, дар сурати ҳимояи қатъии ҳуқуқи зеҳнӣ, метавонанд ба ҳолати вобастагӣ ва фосилаи технологӣ афтанд. Аз ин рӯ, дар сиёсати миллии иттилоотӣ ва илмӣ-техникӣ бояд сатҳи муҳофизат ба таври дифференсиалӣ танзим шавад. Ба ибораи дигар, қонунгузорӣ бояд ҳангоми ҳифзи манфиатҳои соҳибони ҳуқуқ ҳамзамон дастрасии нисбатан фарохро ба технология, дониш ва маҳсулоти зеҳнӣ барои институтҳои таҳқиқотӣ ва ВАО таъмин созад.

Таҷриба нишон медиҳад, ки низоми аз ҳад шадиди ҳимояи моликияти зеҳнӣ метавонад сабаби ташаккули бозорҳои «қатрагӣ» гардад, ки дар он танҳо гурӯҳҳои муайян имкони эҷод ва истифодаи технологияи навро доранд. Ин ҳолат, алалхусус, барои муҳити расонаӣ хатарнок аст, зеро маҳдуд шудани имкониятҳои эҷоди муҳтаво, коркарди барномаҳои таҳлилӣ ва рақамӣ ва истифодаи методҳои нави таҳияи мавод метавонад ба рукуди озодии эҷод ва гуногунандешии иттилоотӣ оварда расонад. Аз ин рӯ, меъёрҳои ҳуқуқии марбут ба моликияти зеҳнӣ бояд ҳамеша дар тавозун бо талаботи инноватсия, дастрасии фарогир ва манфиати ҷамъият қарор гиранд, то муҳити озоди иттилоотӣ ва расонаии кишвар рушд кунад ва маҳдуд нашавад.

Аз тарафи дигар, мавҷудияти низоми боэътимоди ҳифзи моликияти зеҳнӣ ба тақвияти таҳқиқоти илмию таҳқиқоти илмию ҳассосӣ мусоидат мекунад. Фаъолияти чунин системаҳо ба фароҳам овардани заминаи моликияти зеҳнӣ кумак мерасонад, ки заминаи ҳуқуқии харид ва фурӯши инноватсиониро таъмин месозад. Бинобар ин, ҷалби сармоягузории кишвар, бахусус, инвеститсия дар соҳаи технологияҳои нав ҳарчи бештар бояд ба роҳ монда шавад.

Дар низоми муосири иқтисоди иттилоотӣ, моликияти зеҳнӣ ба унвони як шакли махсуси сармоя шинохта мешавад. Нақши он на танҳо дар ҳифзи натиҷаҳои фаъолияти фикрӣ, балки дар ташкил ва шаклгирии бозори навоварӣ (innovation market) хеле муҳим аст. Низоми боэътимоди

ҳуқуқии ҳифзи моликияти зеҳнӣ ба институтҳо, марказҳои тадқиқотӣ ва ҳатто ВАО имконият медиҳад, ки маҳсулоти зеҳниашонро расман бақайд гиранд, баҳогузорӣ намоянд ва ба бозор бароранд. Ин раванди «коммодитизатсияи дониш» имконият фароҳам меорад, ки зеҳн ва эҷодиёт ба мол табдил ёфта, дар мубодилаи иқтисодӣ нақш бозад.

Ҷалби сармоя, хусусан, сармояи хусусӣ дар бахши технологӣ аз рӯйи як қатор меъёрҳо сурат мегирад, ки яке аз муҳимтарини онҳо сатҳи муҳофизати ҳуқуқи моликияти зеҳнӣ мебошад. Агар дар кишвар механизми боэътимоди ҳуқуқӣ барои ҳифзи ихтироот, бренд, аломатҳои савдо ва методҳои нав вуҷуд дошта бошад, сармоягузор бо боварии бештар вориди бозори маҳаллӣ мегардад.

Дар ҳолати набудани чунин муҳофизат, эҳтимолияти он зиёд аст, ки навоварӣ ба таври ғайриқонунӣ нусхабардорӣ ё истифода шавад, ки ин ба коҳиши ҷолибияти муҳити сармоягузорӣ ва муҳоҷирати идеяҳо оварда мерасонад. Аз ин рӯ, таҳкими низоми ҳуқуқии моликияти зеҳнӣ яке аз шароити бунёдии рушди босуботи иқтисоди рақамӣ ва илмбунёд дар Тоҷикистон маҳсуб мешавад.

Тибқи таҳлилҳо, то 3-6 фоизи муомилоти молии ҷаҳонӣ ба молу маҳсулоте рост меояд, ки бар пояи моликияти зеҳнӣ таҳия шудаанд. Дар ҳисобҳои пулӣ ин нишондиҳанда ба 120-240 миллиард доллари амрикоӣ дар як сол баробар аст. Натиҷаҳои таҳқиқот нишон медиҳанд, ки рушди бахши технологияи баланди иқтисоди Тоҷикистон ба сатҳи сармоягузорӣ ба моликияти зеҳнӣ ва муассирии танзими механизми ҳуқуқии вобаста ба тиҷорат сахт вобаста аст. Ҳарчанд Тоҷикистон ба як қатор санадҳои муҳимми байналмилалӣ дар самти ҳифзи моликияти саноатӣ (аз ҷумла, Конвенсияи Париж, аз 20 январи соли 1994) шомил гаштааст, аммо фаъолияти амалӣ дар соҳаи патентгузорӣ ҳанӯз мушкилотҳои худро ба ҳисоби миёна барои ҳар 10 ҳазор нафар аҳолӣ ҳамагӣ 1,5 дархости патентӣ рост меояд.

Сиёсати давлатӣ дар самти институтикунонии низоми моликияти зеҳнӣ ба се самти асосӣ равона шудааст:

1. Ташвиқи рушди маҳсулоти зеҳнӣ тавассути дастгирии ташкилотҳое, ки ба таҳияи ҳалли аслии илмӣ ва техникӣ машғуланд ва табдили натиҷаҳои таҳқиқоти бунёдӣ ба марҳилаи лоиҳакашии саноатӣ.

2. Рушди инфрасохтори илмӣ ва таҳқиқотӣ ба воситаи маблағгузории муассисаҳои таҳқиқотии давлатӣ, таъмин намудани онҳо бо таҷҳизоти муосири озмоишӣ ва барномаҳои компютерӣ, таъсиси озмоишгоҳҳо ва асосҳо (платформаҳо)-и рақамии моделсозӣ.

3. Ҳамоҳангсозии иқтидори таҳқиқотӣ тавассути ташкили пойгоҳи ягонаи иттилоотӣ оид ба лоиҳаҳои илмӣ ва фароҳам овардани шароит барои ҷалби мутахассисони баландихтисос ба марказҳои таҳқиқотӣ.

Барои танзими муассир ва устувори рушди институтҳои моликияти зеҳнӣ таҳияи маҷмуи муосири меъёрии ҳуқуқӣ зарур аст, ки тамоми намуди муносибатҳо байни субъектҳои фаъолияти зеҳниро дар бар гирад. Дар ин замина, зарур аст, ки механизмҳои ҳифзи ҳуқуқи моликияти зеҳнӣ бо дарназардошти манфиатҳои ҳамаи иштирокчиён такмил дода шаванд ва аз ташаккули ҳолатҳои монополия дар истифодаи натиҷаҳои фаъолияти илмӣ ва зеҳнӣ ҷилавгирӣ карда шавад.

Дар шароити бештар гардидани навовариҳо ва рақамикунонии фазои иттилоотӣ танзими ҳуқуқии моликияти зеҳнӣ бояд на танҳо ҳоли ҳозир, балки тамоюлҳои навини рушди зеҳниро низ дар бар гирад. Таҷрибаҳои муваффақи кишварҳои рушдёфта нишон медиҳанд, ки қонунгузории муосир бояд фарогири шаклҳои нави зеҳнӣ, аз ҷумла маҳсулоти рақамӣ ва нармафзор то алгоритмҳои зеҳни сунъӣ бошад ва муносибат миёни ҳамаи субъектҳои фаъолияти зеҳнӣ (муаллифон, корфармоён, давлат, институтҳои илмӣ, ВАО) равшан танзим шавад. Ин раванд, махсусан, дар шароити гузариши Тоҷикистон аз низоми шуравӣ ба демократияи иттилоотӣ аҳаммияти хосса дорад.

Яке аз хатарҳои ҷиддӣ дар фазои иттилоотӣ истифодаи ихтироъҳо ва маҳсулоти зеҳнӣ танҳо аз ҷониби гурӯҳҳои алоҳида бо мақсадҳои азхудкунист. Агар натиҷаҳои тадқиқоти илмӣ ё эҷоди журналистӣ ба таври номутаносиб дар ихтиёри як гурӯҳи маҳдуд қарор гирад, ин

метавонад озодии иттилоот ва дастрасии баробарро халалдор намояд. Аз ин рӯ, механизми ҳифзи ҳуқуқ бояд бо тавозун бо усулҳои иҷозатномадиҳӣ, литсензиякунонӣ ва истифодаи одилона (fair use) ҳамоҳанг карда шавад. Дар ниҳоят, низоми моликияти зеҳнӣ бояд ҳамчун воситаи таъмини дастрасии баробар ба иттилоот, ҳавасмандгардонии эҷод ва таҳкими адолати иттилоотӣ хизмат кунад.

Ҳифзи моликияти зеҳнӣ дар низоми муосири матбуоти даврии Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз рукнҳои асосии ташаккули фазои мустақил ва инноватсионии иттилоотӣ маҳсуб меёбад. Тағйирёбии сохтори сиёсию ҳуқуқии кишвар дар замони Истиқлол, эҳёи қонунгузории миллӣ ва омӯхтани таҷрибаи ҷаҳонӣ шароити мусоиди ҳуқуқиро барои ҳифз ва истифодаи самараноки натиҷаҳои фаъолияти фикрӣ фароҳам овардаанд.

Моликияти зеҳнӣ на танҳо ҳамчун шакли моликияти ҳуқуқӣ, балки ҳамчун василаи рушди бозори иттилоот ва муҳаррики эҷодиёт, тадқиқот ва рақобат дар соҳаи ВАО баромад мекунад. Ҳамзамон, дар фазои пасошуравӣ мушкилоти норасоии механизмҳои ҳуқуқии иҷроия, фарҳанги ҳуқуқи муаллиф ва сатҳи пасти ҳавасмандсозии молиявии эҷодкорон боқӣ мондааст.

Барои рушди устувор ва демократии низоми матбуотӣ дар Тоҷикистон зарур аст, ки:

- низоми муосири меъёрии ҳуқуқӣ таҳия ва татбиқ шавад;
- низому механизми дастраси ҳуқуқии ҳифзи эҷодиёт такмил ёбад;
- Дастрасии бештар ба маҳсулоти зеҳнӣ таъмин гардад;
- муҳити сармоягузорӣ дар асоси ҳимояи ҳуқуқи моликияти зеҳнӣ рушд дода шавад.

Хулоса, дар ҳолати тавозуни мантиқӣ миёни ҳифзи ҳуқуқҳои соҳибони иттилоот ва манфиатҳои иҷтимоии ҷомеа низоми матбуоти миллӣ метавонад ба унвони сутуни демократияи иттилоотӣ ва рушди зеҳнии миллат амал кунад.

### 1.3.2. Танзими реклама дар воситаҳои ахбори омма

Реклама ҷузъи ҷудонашавандаи ҷаҳони тиҷорати муосир аст, аммо истифодаи он танзими ҳифзи манфиатҳои истеъмолкунандагон ва таъмини риояи меъёрҳои ахлоқӣ талаб мекунад. Танзими таблиғ дар пешбурди рақобати солим, пешгирии фиреб ва муқаррар кардани меъёру стандартҳое, ки таҷрибаҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ масъулиятнокро дар ҷаҳони таблиғ пешбарӣ мекунанд, нақши муҳим дорад.

Яке аз ҷанбаҳои асосии танзими реклама ҳифзи амнияти иттилоотии истеъмолкунандагон мебошад. Маводди таблиғотӣ набояд истеъмолкунан-дагонро гумроҳ кунад ва ё маълумоти муҳимро дар бораи маҳсулоту хидмат пинҳон намояд. Санадҳои ҳуқуқӣ аз таблиғгарон талаб мекунанд, ки маълумоти дақиқ, аз ҷумла нарх, хусусиятҳо, шартҳои истифода ва ғайра пешниҳод созанд. Ин ба истеъмолкунандагон кумак мекунад, ки қарорҳои оқилона қабул кунанд ва аз ғалат канорагирӣ кунанд. Қисми муҳимми танзими реклама стандартҳои ахлоқӣ мебошанд. Ташкилотҳо ва корхонаҳои саноатӣ кодексҳои рафторро таҳия мекунанд, ки барои қобили қабул ҳисобидани ин ё он намуди таблиғ истифода мешаванд. Дуруст аст, ки дар аснои омодаю пахш кардани реклама ва умуман, дар ҷараёни фаъолият «журналист ҳамчун субъекти фаъолият дорои шаън, эътибор ва обрӯй аст. Аз як тараф, ӯ ин ҷиҳатро ҳимоя мекунад, аз ҷониби дигар, ба таҳқир ва паст задани шаъну эътибори омма роҳ намедиҳад» [64, с. 74].

Ин стандартҳо метавонанд талаботро оид ба ростқавлӣ, эҳтиром ба шаъну шарафи инсон ва мамнуиятҳои қолабӣ, ки метавонанд ба ҷомеа зараровар бошанд, дар бар гиранд. Дар кишварҳои гуногун барои таблиғи баъзе маҳсулот ва хидматҳо маҳдудиятҳо вуҷуд доранд. Масалан, маҳсулоти тамоку, машрубот ва баъзе доруҳо бо сабаби доштани хатари эҳтимолӣ ба саломатӣ метавонанд ҷиҳати таблиғ манъ ё маҳдуд карда шаванд. Ин амал ба нигарониҳо дар бораи ҳифзи истеъмолкунандагон ва ҷомеа вобаста аст.

Ба андешаи М. Муродӣ ва О. Салимзода «инсон новобаста аз муносибаташ дар ҷамъият, дар назди давлат ва ҷомеа ҳамчун шахс арзиш дорад. Шаъну эътибор як навъ худбаҳодиҳии шахс дар асоси арзишҳои иҷтимоӣ аст. Аммо арзишҳои иҷтимоии инсон ба мафҳуми шаъну эътибор чандон мувофиқ нест. Вай эҳсоси арзишҳои худи инсон ҳамчун инсон, шахси мушаххас, мутахассис аст. Аз ин ҷо мафҳумои эътибори шахс, мутахассис ва миллат пайдо мешаванд. Аз нуқтаи назари ҳуқуқӣ шараф – арзиши мусибати инъикоскунандаи сифати инсон дар маърифати иҷтимоӣ мебошад. Дар ҳуҷҷатҳои ҳуқуқӣ ин мафҳум, пеш аз ҳама, ба фаъолияти муассисавӣ алоқаманд аст» [64, с. 74].

Муқаррароти таблиғ маҳдудиятҳоеро дар бораи таблиғ, ки метавонанд ба кӯдакон зараровар бошанд, муқаррар мекунад. Кӯдакон на ҳама вақт қодиранд, ки паёмҳои таблиғотиро аз нуқтаи назари интиқодӣ арзёбӣ кунанд, аз ин рӯ маводди таблиғотие, ки метавонад онҳоро ба иштибоҳ барад ё гумроҳ кунад, бояд маҳдуд бошад.

Танзими реклама механизмҳои ҷазо додани таблиғгаронеро, ки қоидаҳоро вайрон мекунанд, дар бар мегирад. Ин метавонад ҷарима, манъи баъзе намудҳои таблиғ ё ҳатто оқибатҳои ҳуқуқӣ дошта бошад. Ин амал ба нигоҳ доштани стандартҳо ва ҳифзи манфиатҳои истеъмолкунандагон мусоидат мекунад.

Танзими таблиғ дар тиҷорати муосир тавассути ҳифзи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагон ва нигоҳ доштани меъёрҳои ахлоқӣ нақши муҳим дорад. Он ба рушди мутаносиби соҳаи реклама мусоидат мекунад ва эҳтироми манфиатҳои ҷамъиятӣ ва истеъмолкунандагонро таъмин менамояд.

Реклама яке аз шаклҳои паҳнкунии иттилоот аст. Мафҳум ва моҳияти рекламаро профессор М. Муродӣ чунин шарҳу тавзеҳ додааст: «Реклама (лот. Reclamo – ҷор задан, нидо кардан; reclamore – талаб кардан, тарафдорӣ кардан) – бо ҳар гуна шакл бо ёрии воситаҳои гуногун паҳн намудани ахбор дар бораи шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ, молҳои гуногун, ғояву ташаббускориҳо ва ҷалби мардум ба онҳо; шакли

накдии иртибот, ки тавассути маблағгузории паҳнкунандагон амалӣ мегардад; паёми тиҷоратӣ» [67, с. 280].

Рекламаро аз нигоҳи моҳият ва муҳити корбурди он метавон ба чандин навъ тақсим кард, ки ба назари мо, аз ин миён рекламаҳои имиҷсоз, интерактивӣ, иҷтимоӣ, китобӣ, матбуот, наворию овозӣ ва сиёсӣ бештар ба мушоҳида мерасанд.

Рекламаи имиҷсоз, агар аз як тараф, як навъ рекламаи кооперативӣ бошад, аз ҷониби дигар, ба дастгирии имиҷи шахс ва ё корхонаю ташкилот нигаронида шуддаст. Дар умум, он «як навъ рекламаи боътибор буда,ба мақсади баланд бардоштани обрӯву нуфузи ширкат ва маҳсулоти хизматрасониҳои он истифода мешавад» [67, с. 281].

Рекламаи интерактивӣ бо ёрии техналогияи инноватсионӣ ба роҳ монда мешавад. М. Муродӣ ин навъи рекламаро тавзеҳ дода, қайд менамояд, ки «...шабакаҳои лавҳавии иттилооти интерактивие маҷуданд,ки онҳоро дар марказҳои коршиносӣ, дар вокзалу аэропортҳо насб мекунанд. Ин гуна лавҳаҳо (дар баробари маълумоти хаттӣ ва графикӣ) бо компакт-дискҳо ва видеороликҳо таъмин карда шудаанд. Ҳангоми кор бо чунин лавҳаҳо истеъмолкунандагон на танҳо ба иттилооти мушаххас дастёб мешаванд, балки ҳамзамон, бо муъҷизаҳои илму техника рӯ ба рӯ мегарданд» [67, с. 281]. Воқеан, рекламаи интерактивӣ таваҷҷуҳи бештари мардумро ба худ ҷалб мекунад ва таъсири реклама барои онҳо хеле зиёд мегардад.

Рекламаи иҷтимоӣ аз нигоҳи моҳият ва сатҳу муҳити татбиқ хусусияти инсондӯстӣ дошта, барои дастгирию пуштибонии маъюбону муҳтоҷон, ҳифзи модару кӯдакон, ҳифзи ёдгориҳои таърихию фарҳангӣ ва баъзе масоили дигари ҳалталаб бахшида мешавад. Одатан, ин навъи реклама, ки ҷанбаи маърифатию гуманистӣ дорад, ройгон ва ё бо нархи тахфифӣ паҳн карда мешавад.

Рекламаи китобӣ паҳн кардани иттилои мушаххас дар шакли китоб буда, одатан дар саҳифаҳои аввал ва ё муқоваи китоб ҷой дода мешавад. «Ҳангоми рекламаи китоб аз роҳу воситаҳои гуногун, амсоли варақа –

замимаи буклет, булк-марк, лифофаи дорои варақаи рекламавӣ истифода мекунанд.Шакли дигари рекламаи китобӣ дар охир ҷой додани иттилоот дар бораи китобҳои тозанашр аст, ки аксар бо акси муқова ё варақаи титулӣ ҷой дода мешавад» [67, с. 282].

Агар рекламаи матбуот тарҳу катологҳо, тақвимҳои фирмавӣ, маълумотномаҳо, варақаҳои иттилоотӣ, мактубҳо ва амсоли инҳоро фаро гирад, рекламаи наворию овозӣ барои бинандагон ва шунавандагон дар шакли филмҳо, порчаҳои овозию наворӣ (видеоӣ) ва слайдҳо таҳия мегардад. Одатан, ин навъи реклама хусусияти фармоишӣ дорад ва аз паҳн гаштани он ҳам дархосткунанда ва ҳам омодакунандаи реклама фоида ба даст меоранд.

Яке аз шаклҳои дигари паҳншудаи реклама ин рекламаи сиёсӣ буда, дар ҷараёни интихобот барои тарғибу ташвиқ истифода мешавад. Ба андешаи профессор М. Муродӣ «Вазифаи рекламаи сиёсӣ тавассути барориши видеороликҳои сиёсӣ, иштироки номзадҳо дар баҳсҳои гуногуни телвизионӣ, инъкоси васеи рафти муборизаҳои пешазинтихоботӣ дар барномаҳои иттилоотӣ ва нашрияҳои чопӣ таъсир расонидан ба намояндагон мебошад. Рекламаи сиёсӣ ба номзад имкон медиҳад, ки ҷузъиёти нисбатан муҳим ва барои имиҷаш фоидаоварро ба фаҳми интихобкунандагон расонад ва ҳамчунин, рақибони худро ба тарзи манфӣ нишон диҳад. Рекламаи сиёсӣ бори аввал соли 1952 дар маъракаи интихоботии президенти ИМА истифода шудааст» [67, с. 283].

Дар иқтисоди бозорӣ, рекламае, ки дар саҳифаҳои даврии чопшуда ҷойгир шудаанд, яке аз манбаъҳои муҳимми даромад ба ҳисоб меравад. Илова бар ин, бо рушди муносибатҳои бозаргонӣ дар низоми васоити ахбори омма, нашрияҳои махсуси реклама ва иттилоот пайдо шуданд. Илова бар ин, «Сомонаи корпоративӣ метавонанд мағозаи онлайнро ҳамчун унсури таркибӣ ва сохторӣ истифода намуда, воситаи нави мухобирот бошанд.

Аксар вақт, ширкатҳое, ки барои муаррифӣ ва фурӯши маҳсулоташон сомона месозанд, танҳо бо бахши савдои мол умаҳсулот

маҳдуд мешаванд. Дар ин сурат, чун қоида, тахфифҳо пешниҳод мегарданд, аммо харидор барои гирифтани маҳсулот бояд ба идораи ширкат ҳатман ташриф орад. Масалан, чунин навъи тиҷорат дар соҳаи суғурта, бахусус суғуртаи автомобилҳо дар Аврупо ва Россия ва дар мамлакати мо – соҳати тиҷорат густариш ёфтааст» [116, с. 145].

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи реклама» ба шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, молу мулк, ақидаҳо ва амалиёт ва ба татбиқи молҳо, идеяҳо ва фаъолият мусоидат мекунад. Дар тафсири илмию ҳуқуқӣ зери мафҳуми «рекламаи носаҳеҳ» шаклҳои зерин дар назар дошта мешаванд:

– пахши реклама аз номи шахсони воқеӣ ё ҳуқуқие, ки ба маҳсулоти таблиғшуда ҳеҷ иртибот надоранд ва ҳатто даст кашидани онҳо аз ин иртибот исбот шудааст;

– рекламае, ки истеъмолкунандагонро ба иштибоҳ меандозад, масалан, тавассути нусхабардории идея, матн, формула, тасвир, тарҳи садо ё овоз, ки қаблан дар дигар маводди таблиғотӣ истифода шудаанд;

– рекламае, ки бо истифода аз боварӣ, ноогоҳӣ ва таҷрибаи нокифояи шаҳрвандон таъсир мерасонад, аз ҷумла тавассути пинҳон кардани маълумоти муҳимми марбут ба хусусиятҳои маҳсулот ё тавассути пешниҳоди маълумоти нопурра.

Иҷрои рекламае, ки дорои маълумоти ғалат ё таҳрифшуда бошад, манъ карда шуда, дар шуури истеъмолкунанда тасаввури ғалат оид ба сифат, нодирӣ ё аҳаммияти он ба вуҷуд меорад. Рекламае, ки дорои ранги эҳсосотӣ мебошад, як навъи паёми иттилоотии матнӣ, тасвирӣ ё мултимедиявист, ки дар он шаклҳо, образҳо ва алоқаҳое истифода мешаванд, ки метавонанд ба меъёрҳои ахлоқӣ ва одобиёти умумии ҷомеа таъсир расонанд. Дар чунин реклама унсурҳои зӯроварӣ, муқоисаҳои номуносиб, инчунин, тавсифҳое, ки ба нажод, миллат, касб, гурӯҳҳои иҷтимоӣ, синну сол, ҷинс, забон, мазҳаб, ақидаҳои фалсафӣ ё сиёсӣ ва ҳатто нишонаҳои ҷисмонӣ марбутанд, истифода мешаванд.

Ин гуна маводди таблиғотӣ метавонанд:

– ба истифодаи объектҳои фарҳангие, ки ба мероси миллию ҷаҳонӣ шомиланд, роҳ диҳанд;

– рамзҳои давлатӣ, аз ҷумла асъори миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар давлатҳоро, инчунин, аломатҳои мазҳабиро истифода баранд;

– маҳсулот ва хизматрасониҳоро ба шахсиятҳои мушаххас, шахсони ҳуқуқӣ, касбу кори муайян ё самтҳои фаъолияти иҷтимоӣ пайваст намоянд.

Шахсони воқеӣ ё ҳуқуқӣ, ки рекламаи дорои маълумоти носаҳеҳро сабаби паст задани шаън, эътибор ё обрӯи тиҷоратии худ мешуморанд, тибқи тартиботи муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқ доранд барои ҳифзи ҳуқуқҳои поймолшудаи худ муроҷиат намоянд. Дар чунин ҳолатҳо рекламадиҳанда вазифадор аст, ки изҳороти бардурӯғро ба таври ошкоро рад намояд. Дар сурати саркашӣ аз иҷрои ихтиёрии ин талабот механизмҳои таъсири ҳуқуқӣ ба амал оварда мешаванд.

Рекламаи ношаффоф ва ё бардурӯғ, ки аз ҷониби рекламадиҳанда ё истеҳсолкунанда интишор мегардад, маъмулан истеъмолкунандагонро ба иштибоҳ меандозад ва ҳуқуқи онҳоро ба гирифтани иттилои дуруст поймол месозад. Тибқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, паҳн кардани рекламаи бардурӯғ, ки шаффофият ва дурустии фазои иттилоотиро халалдор месозад, қатъиян манъ карда шудааст.

Ҳамзамон, истифодаи ҳар гуна васоити пахши иттилоотӣ, аз қабили радио, телевизион, видео, аудио, филмҳо ва дигар навъи воситаҳои хусусияти таблиғотидошта, ки дорои унсурҳои таъсири пинҳонӣ мебошанд, манъ аст. Чунин шаклҳои «рекламаи пинҳонӣ», ки бо таъсири манипулятивӣ ба шуури шунавандагону бинандагон равона шудаанд (аз ҷумла, тавассути клипҳои махсус, сабти овозҳо ва дигар форматҳо), тибқи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври расмӣ манъ гардидаанд.

Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба истифодаи реклама дар васоити ахбори омма, аз ҷумла дар барномаҳои радио ва телевизион, маҳдудиятҳои сахтро муқаррар намудааст. Ин тадбирҳо нишонаи кӯшиши давлат дар самти ҳифзи арзишҳои иҷтимоӣ, бетарафии иттилоотӣ ва покии ахлоқии фазои расонаӣ дар шароити гузариши он аз низоми шуравӣ ба сохтори демократӣ ба шумор меравад.

Мувофиқи муқаррароти амалкунанда, ҷойгирсозии реклама дар ҳолатҳои зерин манъ карда шудааст:

– ҳангоми пахши мустақими суханрониҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси Маҷлиси миллӣ, Раиси Маҷлиси намояндагон, Сарвазири мамлакат, ҷаласаҳои ҳарду палатаи Парлумон ва мулоқоти муштараки онҳо, ҳамчунин, дар доираи маросимҳои давлатӣ ва расмӣ, аз ҷумла маросимҳои мотам;

– дар барномаҳои мазҳабӣ;

– дар барномаҳои таълимӣ, ки муҳлати онҳо то 15 дақиқаро ташкил медиҳад (дар чунин ҳолатҳо иҷозати таблиғ на бештар аз 30 сония дода мешавад);

– ҳангоми пахши барномаҳои радиоӣ ва филмҳо бидуни ризояти соҳибони ҳуқуқи муаллиф;

– дар барномаҳои дорои давомнокии камтар аз 15 дақиқа;

– ҳангоми пахши барномаҳои дорои давомнокии аз 15 то 60 дақиқа таблиғот на бештар аз ду маротиба иҷозат дода мешавад.

Ғайр аз ин, истифодаи реклама дар шакли ҳампӯшӣ (overlay), аз ҷумла ба тариқи «хатти доимӣ» (бегущая строка) низ танзим мешавад: андозаи визуалии чунин унсури таблиғотӣ набояд аз 7 фоизи сатҳи экран (ҳангоми ҳисобкунии нуқтаӣ ё таносубӣ) зиёд бошад.

Ҷойгиркунии рекламаи якхела оид ба маҳсулоти мушаххас ва пахши маводди таблиғотие, ки манфиатҳои мустақими худи шабакаи пахшкунанда (радио ё телевизион)-ро инъикос менамоянд, набояд дар тули як соати вақти эфирии барномаҳо бо шакли яксон ва беш аз ду дақиқа такрор гардад. Ин гуна амалкардаҳо бо принсипи тақсимоти

одилона ва мутавозини муҳтавои реклама мухолифат доранд ва метавонанд нишонаи азхудкунӣ ва ё монополияи фазои эфирӣ бошанд, ки он хилофи меъёрҳои танзими демократии васоити ахбори омма мебошад.

Дар доираи барномаҳои радио ва телевизиони давлатӣ, паҳн кардани блокҳои реклама ва эълонҳои иттилоотӣ ҳамчун маводди алоҳида ва ё муҳтавои пулакӣ ба ҳисоб намеравад. Дар барномаҳои кӯдакона паҳн кардани реклама дар муддати 30 дақиқаи аввал манъ гардидааст. Пешниҳоди маводди рекламавӣ тавассути телефон, шабакаҳои компютерӣ ва дигар василаҳои рақамии иртиботӣ танҳо бо ташаббус ва дархости мустақими муштарӣ иҷозат дода мешавад. Ин гуна реклама бояд танҳо бо розигии истифодабаранда амалӣ шуда, арзиши он ба нархи хидматҳои иттилоотӣ ва маълумотие, ки муштарӣ фармоиш додааст, ворид карда нашавад.

Қатъиян манъ аст, ки рақамҳои пулакии хадамоти таъҷилӣ, монанди ёрии тиббӣ, хадамоти милитсия ва воҳидҳои наҷот барои интишори реклама истифода шаванд. Паҳнкунии рекламаи берунӣ дар шаҳрҳо, ноҳияҳо, шаҳракҳо ва деҳот, инчунин, дигар маҳалҳои аҳолинишин, тавассути овезаҳо, экранҳо, тахтаҳои равшан, нишоннамоҳои электронӣ ва дигар воситаҳои техникӣ, ки ҳузури доимӣ ва намоён доранд, иҷозат дода мешавад.

Эълонҳои аудиторӣ бояд мутобиқи меъёрҳои муқарраршудаи иртиботи визуалӣ ҷойгир карда шаванд ва дар айни замон аломатҳои огоҳкунанда ва роҳро ба инобат гиранд, зеро онҳо метавонанд ба сатҳи бехатарии ҳаракати нақлиёт таъсири манфӣ расонанд. Аз ин рӯ, маводди мазкур (аз ҷумла конструксияҳои рекламавӣ, нишонаҳо, лавҳаҳо ва дигар унсурҳои визуалӣ) набояд монеаи дидани аломатҳои расмии роҳ бошанд ё ҷойгоҳи онҳоро коста созанд, бахусус, дар ҳолате ки онҳо дар болои роҳи ҳаракат ё дар тарафи рости роҳ ҷойгир карда мешаванд.

Тақсимоти реклама дар шаҳрҳо, ноҳияҳо, деҳаҳо ва дигар маҳалҳо бо иҷозати мақомоти дахлдори ҳокимияти маҳаллӣ мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода мешавад.

Додани реклама дар бораи воситаҳои нақлиёт дар асоси шартномаҳо бо соҳибони воситаҳои нақлиёт ва ё шахсоне, ки ҳуқуқи моликияти воситаҳои нақлиёт доранд, ба истисноӣ ҳолатҳое, ки қонун ё шартнома барои ашхосе, ки ҳуқуқи моликияти ин молу мулк доранд, пешбинӣ шудааст. Ба андешаи И. Усмонов «Эълон ва реклама натанҳо василаи мавҷудият ва фаъолияти воситаҳои ахборанд, балки рӯзнома, радио ва телевизионҳое ҳастанд, ки танҳо реклама пахш мекунанд. Масалан, каналҳои хосси радио кор мекунанд, ки вазъи ҳаракати нақлиёт, вазъи роҳро дар ин ё он минтақаи шаҳр хабар дода меистанд, то ронандаҳо самти ҳаракатро беҳтар интихоб намоянд ва ба корашон осонтар ва бо дилпурӣ машғул шаванд» [108, с. 21].

Ҳолатҳое, ки маҳдудият ва манъи паҳн кардани реклама дар бораи воситаҳои нақлиёт бо мақсади таъмини бехатарии ҳаракати роҳ дар мақомоти роҳбарикунанда аз ҷониби мақомоти ваколатдор, ки мониторинги бехатарии ҳаракат доранд, муайян карда мешаванд.

Тақсимоти реклама дар почта танҳо бо иҷозати Хадамоти алоқаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон сурат мегирад.

Назорати давлатии риояи қонунгузории Тоҷикистон дар бораи реклама аз ҷониби Хадамоти зиддиинҳисории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон анҷом дода мешавад. Хадамоти зиддиинҳисорӣ дорои ваколатҳои васеъ оид ба ошкор ва қатъ кардани қонунвайронкуниҳои қонунгузории рекламавӣ аз ҷониби шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, баррасии парвандаҳои ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурӣ дар соҳаи реклама мебошад.

Фаъолият, танзим, рушд пешгирии ҳолатҳои қонуншиканӣ дар сатҳи реклама аз масъалаҳои муҳим ва арзишманди ҳаёти маънавии ҷомеа маҳсуб меёбад.

**Хулоса,** дар боби якуми диссертатсия заминаҳои сиёсӣ ва ҳуқуқии ташаккули низоми нави матбуоти даврии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи гузариш аз низоми шуравӣ ба сохтори демократӣ ҳамаҷониба таҳлил гардидаанд. Муайян карда шуд, ки равандҳои тағйироти куллӣ дар соҳаи воситаҳои ахбори оммаи тоҷик бевосита ба дигаргуниҳои сиёсӣ, ҳуқуқӣ ва иҷтимоии замони Истиқлол вобастагӣ доранд. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон на танҳо заминаи сиёсӣ, балки фазои ҳуқуқии комилан навро барои фаъолияти ВАО фароҳам овардааст. Матбуоти даврӣ аз як унсури тобеи идеологияи ҳизбӣ ва сензураи давлатӣ ба ниҳоди нисбатан мустақили иҷтимоӣ-сиёсӣ табдил ёфта, дар ташаккули афкори ҷамъиятӣ, рушди гуногунандешӣ ва таҳкими сулҳу субот нақши фаъол бозид. Дар ин замина, матбуот тадриҷан ҳамчун шарики муколамаи иҷтимоӣ ва унсури муҳимми низоми демократии иттилоотӣ рисолати нав касб намуд.

Дар боби аввали рисола равандҳои ташаккули матбуоти даврӣ дар шароити бӯҳрони сиёсӣ ва ҷанги шаҳрвандӣ низ баррасӣ гардида, собит карда шуд, ки дар ин давра ВАО тавонистанд ҳамчун майдони муколамаи иҷтимоӣ, воситаи ифодаи мавқеъҳои гуногун ва омили сулҳофарӣ баромад намоянд. Пас аз истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ, матбуоти даврӣ ба таҳкими ваҳдати миллӣ, ташаккули ҳувияти миллӣ ва суботи иҷтимоӣ равона гардид, ки ин ҷанба яке аз хусусиятҳои фарқкунандаи гузариши ВАО ба шумор меравад.

# БОБИ II
# ТАШАККУЛИ НИЗОМИ НАВИ МАТБУОТИ ДАВРИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР СОЛҲОИ 1991-2020

## 2.1. Оҷонсиҳои иттилоотӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

Дар марҳилаи кунунии рушди ВАО дар фазои иттилоотӣ дар ҳама кишварҳо оҷонсиҳои иттилоотӣ дар иттилоотонидани омма ва ташаккули ҷараёнҳои ахбор нақши ҳалкунанда доранд. Ҷомеаи муосир дар шароити зичи бесобиқаи ҷараёнҳои иттилоотӣ фаъолият мекунад, ки дар он ҳар як рӯйдод дар як лаҳза ба бахши ҷудонашавандаи ҳаёти ҳаррӯзаи шахс табдил меёбад. Ин ҷараёнҳои иттилоотӣ асосан тавассути шабакаҳои махсуси иттилоотӣ, радио ва махсусан, платформаҳои онлайнии расмии оҷонсиҳои хабарӣ интиқол дода мешаванд ва дар вақти воқеӣ аудиторияҳои васеъро фаро мегиранд. Ахбори нав пайваста ва дар ҳар дақиқа навсозӣ шуда, занҷираи муназзами иттилооти барои омма дастрасро ба вуҷуд меоранд.

Пешрафти технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ (ТИК) табдилоти амиқи сохторӣ ва моҳиятии воситаҳои ахбори оммаро ба миён овард. Усулҳои нави интиқоли ахбор, аз ҷумла телевизиони рақамӣ, барномаҳои мобилӣ ва хизматрасониҳои интернетии ҷаҳонӣ, модели суннатии рӯзноманигориро комилан дигаргун сохтанд. Интернет ба зерсохтори асосии иттилоот табдил ёфта, имкони мустақим ва мустақилона расонидани иттилоотро ба омма бидуни ниёз ба полоишҳои таҳририяи анъанавӣ фароҳам овард.

Аз соли 2000 то ин замон журналистикаи онлайнӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба марҳилаи рушди фаъол ворид гашт. Дар ин давра як қатор нашрияҳои интернетӣ таъсис ёфтанд, ки қобилияти рақобат бо ВАО-и анъанавиро доро буданд. Тибқи маълумоти расмии Оҷонсии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, то 1 январи соли 2018 шумораи истифодабарандагони интернет аз 2,4 миллион нафар зиёд

гардид, ки нишондиҳандаи афзоиши босуръати аудиторияи рақамӣ мебошад.

Татбиқи васеи технологияҳои рақамӣ нақши оҷонсиҳои иттилоотиро пурзӯр ва самаранокии онҳоро афзоиш дод. Онҳо дар реҷаи вақти воқеӣ фаъолият карда, имкони пахши фаврии ахборро дар тули чанд дақиқа баъди рух додани ҳодиса доранд.

Хусусияти муҳимтарини маводди агентӣ ин сохт ва сабки стандартикунонидашудаи онҳо мебошад: ҳар як ахбор ҷавоб ба суолҳои асосӣ – «Чӣ? Дар куҷо? Кай?» ва «Кӣ иштирок дошт?»-ро дар бар мегирад. Манбаи ахбор ҳатман нишон дода шуда, ҷузъиёти камаҳаммият ихтисор карда мешаванд, ки ин ба фаҳмиши равшантар барои ҳам журналист ва ҳам хонанда мусоидат мекунад. Баробари жанрҳои иттилоотӣ, жанрҳои таҳлилӣ ба таври густурда истифода мешаванд: мусоҳибаҳо, шарҳҳо, репортажҳо ва портретҳои сиёсӣ.

Дар фазои иттилоотии Тоҷикистон ҳам оҷонсиҳои давлатӣ ва ҳам хусусӣ фаъолият доранд. Аз ҷумла, АМИТ «Ховар» ҳамчун оҷонсии давлатии иттилоотии кишвар баррасӣ мешавад, ки таърихи он аз агентии ТоҷикТА-и давраи шуравӣ сарчашма мегирад. Ба андешаи профессор М. Муродӣ «Дар номи аксари оҷонсиҳо калимаи «телеграф» ҳамчун ишора ба таърихи ташкили онҳо нигоҳ дошта шудааст. Аз соли 1990 паҳн намудани иттилооти оҷонсиҳо тариқи алоқаи модемӣ низ сурат мегирад. Имрӯз оҷонсиҳо ахбори тозаро дар Web-сайтҳои худ ҷой медиҳанд, ки дасрасии он озод аст» [67, с. 253].

Оҷонсиҳои иттилоотии кишварҳои гуногун нақшу мақоми вежа дошта, асосан, давлатӣ буда, вазифаи асосиашон расонидани хабару иттилои расмӣ мебошад. Онҳо дар баробари вазифаҳои муқаррариашон ахбори расмиро таҳия ва пахш менамоянд. ТоҷикТА ҳамчун абзори идеологӣ ва сиёсати иттилоотии давлати шуравӣ хидмат мекард. Дар даврони соҳибистиқлолӣ оҷонсиҳои мустақили иттилоотӣ ба вуҷуд омаданд, ки бо мақсад ва вазифаҳои муайян фаъолияти мустақил ва онлайн доранд.

Порталҳои иттилоотию таҳлилӣ дар кишвар маводди оҷонсиҳои хабариро муттаҳид намуда, сохтори наздик ба рӯзномаҳо ва маҷаллаҳоро пайдо карданд. Тавассути ҳамкорӣ бо сомонаҳои хориҷӣ ва иқтибосдиҳӣ аз манбаъҳои якдигар, онҳо тавонистанд аудиторияи худро васеъ намуда, мавқеашонро дар муҳитҳои иттилоотии минтақавӣ, аз ҷумла Рунет, Тоҷнет ва Узнет тақвият бахшанд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон айни ҳол 11 оҷонсии иттилоотии расмӣ сабт шудаанд, ки бо дигар шаклҳои ВАО рақобати муваффақона доранд. Фаъолияти онҳо бо самаранокии баланд, паҳншавии бисёрканалӣ, мутобиқшавии техникӣ ва ҳамгирой ба муҳити байналмилалии расонаӣ тавсиф карда мешавад. Аз ҷумла, агентҳои байналмилалии таъсиргузор чун Reuters (Британиё), France Presse (Фаронса), Associated Press (ИМА), ИТАР-ТАСС (Россия), DPA (Олмон), EFE (Испания), Kyodo News (Ҷопон) ва Xinhua (Чин) ба ташаккули рӯзномаи иттилоотии ҷаҳонӣ таъсир мерасонанд.

Профессор М. Муродӣ дар китоби «Донишномаи фарҳанги рӯзноманигорӣ» [67] ба таври хеле мухтасар шарҳу тавзеҳ дода, онҳоро ба навъҳои зерин ҷудо кардааст: оҷонсиҳои матбуотӣ, оҷонсиҳои рекламав, оҷонсиҳои телевизионӣ, оҷонсиҳои ҷаҳонӣ ва оҷонсӣ-шуъба. Аз маълумоту андешаҳои ин муҳаққиқ бармеояд, ки оҷонсии матбуотӣ «ба ҷамъоварии иттилоот ва коркарди он машғул буда, рӯзнома, маҷалла, радио, телевизион, муассисаҳои ҳукуматӣ ва ғайраро бо ахбору маълумот таъмин мекунад» [67, с. 253].

Оҷонсии рекламавӣ бошад, хусусияти фармоишию дархостӣ дошта, «мувофиқи фармоиши рекламадиҳанда ба коркард ва пешбурди чорабиниҳои рекламавӣ – коркарди нақшаҳои фаъолияти рекламавӣ, рекламаҳо, ҷалби мизоҷон, ташкил ва пахши реклама машғул аст. Оҷонси рекламавӣ, ҳамчунин, барои харидории ҷойи реклама ва вақти он дар ВАО-и гуногун пудратчиёнро ҷалб месозад. Оҷонсии рекламавӣ бояд аз уҳдаи коркарди реклама, навиштани матни рекламавӣ, таркиббандии маҳсулоти рекламаи чопӣ, тайёр намудани рекламаҳои

радиоӣ, телевизонӣ, банақшагирии фаъолияти рекламавӣ, коркарди бюҷет ва амсоли ин ба хубӣ бароянд» [67, с. 253-254].

Дар такя ба маълумоти муҳаққиқи мазкур ва таҳқиқоти дигари дастрас оҷонсии рекламавиро аз руйи ҳаҷми хизматрасониҳо ва бахши иқтисодӣ метавон ба ду намуд ҷудо кард: фарогир ва махсусгардонидашуда.

Таҳқиқи мавзую масъалаҳои марбут ба оҷонсиҳо дар соҳаи журналистикаи тоҷик ба ҳадди зарурӣ сурат нагирифта, омӯзиши бунёдию маҷмуии ин масъала яке аз вазифаҳои мубрами олимони соҳа мебошад. Бо вуҷуди таҳқиқоти анҷомёфта, аз ҷумла шарҳи мухтасари И. Усмонов ва Д. Давронов дар асари «Таърихи журналистикаи тоҷик» [106] ва дигар муҳақиқон таҳлили низомманд ва мукаммали табдили оҷонсиҳои иттилоотӣ дар фазои ВАО-и Тоҷикистон то ҳол камтаҳқиқ боқӣ мондааст. Хусусан, фаъолияти оҷонсиҳои хусусӣ ва таъсири онҳо ба шаклгирии муҳити демократии расонаӣ ба ҳадди лозим омӯхта нашудааст.

Дар ин замина, бояд таъкид кард, ки оҷонсиҳои иттилоотӣ дигар на ҳамчун воситаи миёнаравӣ, балки ҳамчун муассисаҳои мустақили иттилоотӣ бо сиёсати таҳририяи худ, идорашаванда аз тарафи технологияҳои рақамӣ ва мутобиқ ба меъёрҳои иқтисоди шабакавӣ фаъолият мекунанд.

Ҳамин тариқ, дар шароити тағйирёбии муҳити рақамӣ, оҷонсиҳои иттилоотии Тоҷикистон дар ташаккули низоми нави журналистикаи миллӣ ва демократикунонии фазои иттилоотӣ нақши калидӣ мебозанд. Табдилоти онҳо, ҳамзамон, боздоби равандҳои глобалӣ ва посухи мушаххас ба шароит ва ниёзҳои дохилии кишвар мебошад. Аз ин рӯ, таҳқиқи ҳамаҷонибаи фаъолияти онҳо дар доираи гузариши ВАО аз низоми шуравӣ ба модели демократӣ саривақтӣ ва аҳаммияти илмии назаррас дорад.

Муҳаққиқ Ю.А. Погорелий ҷойгоҳи ин навъи расонаҳоро дар журналистика чунин арзёбӣ мекунад: «Оҷонсиҳои иттилоотӣ дар

маркази низоми ВАО ҳастанд. Кори онҳо хеле кам мустақиман ба ҷомеа расонида мешавад: чун қоида, ахбороти агентиҳо аз ҷониби дигар ВАО истифода мешаванд: рӯзномаҳо, телевизион ва радио. Хонандагони асосии «наворҳо»-и навигариҳо (бинобар рӯйхати варақҳо, ки то ба наздикӣ барои гузоришҳои ожонсии чопӣ истифода мешуданд, ном доранд) рӯзноманигорони касбӣ ё таҳлилгар мебошанд ва танҳо онҳо садҳо паёмҳоро дар бораи ҳар як мавзуи тасаввуротӣ метавонанд фаҳмида тавонанд, ки дар «шабакаҳои навигарӣ» пайдо мешаванд» [78, с. 5].

Таърифи зикршуда моҳияти фаъолияти агентиҳои иттилоотиро дар оғози ташаккули таърихии онҳо ифода мекунад. Ин гуна ниҳодҳо дар тамоми давраҳои ташаккули низоми воситаҳои ахбори омма нақши муҳимму ҷудонашаванда доштаанд. Аммо дар шароити ҷаҳонишавии замони муосир ва густариши муҳити рақамии иттилоотӣ аҳаммияти ин сохторҳо ба маротиб боло рафтааст.

Принсипҳо ва меъёрҳои амалкарди низоми воситаҳои ахбори омма, инчунин, шароити мавҷудияти он, метавонанд ба таври умум чунин ҷамъбаст карда шаванд:

– ВАО ҳамчун як сохтори мутамарказ бояд қобилияти мутобиқшавии низомнок дошта бошанд ва ба даъвату чолишҳои институтсионалӣ вокуниши муассир нишон диҳанд;

– новобаста аз гуногуншаклӣ ва фарқиятҳои сохторӣ, воситаҳои ахбори омма бояд фазои иттилоотии воҳид ва ҳамгиро ба вуҷуд оваранд, ки тавассути он иртиботи пайваста ва фарогири ҷомеа бо низоми иттилоотии давлат таъмин карда мешавад;

– маҷмуи унсурҳои сохтории ВАО, ки ҳар кадом бо муҳити иҷтимоӣ ва бо ҳамдигар дар асоси қонуниятҳои дохилӣ ҳамкории фаъол доранд, таҳкурсии устувори рушди низоми муосири ВАО-ро фароҳам меоранд.

Гузариши ҷомеаи Тоҷикистон ба сӯйи рушди демократӣ ва ташаккули шаклу усулҳои нави танзими ҳаёти иқтисодӣ, иҷтимоӣ-сиёсӣ

ва маънавию идеологӣ зарурати таҳқиқи ҳамаҷонибаи хусусиятҳои ташаккул ва фаъолияти воситаҳои ахбори оммаро дар даврони Истиқлол ба миён меорад. Давраи муосири рушди иҷтимоии кишвар бо болоравии нақши васоити ахбори омма дар сиёсати дохилӣ ва хориҷӣ фарқ мекунад. Чоп ва фаъолияти нашриётӣ қариб ҳамаи соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятиро фаро гирифта, ба раванди рушди онҳо таъсири чашмрас мерасонанд.

Дар ин замина, масъалаи табдил ва таҳаввули матбуоти даврӣ дар шароити соҳибихтиёрӣ ба мавзуи таҳлилу баррасии илмӣ табдил ёфтааст. Дар чунин замина, нашрияҳои даврӣ ба таври шоиста ҳамчун ойинаи ҳаёти мардум, миллат ва давлат арзёбӣ мегарданд, ки равандҳои мухталифи ҳаёти иҷтимоиро таҷассум менамоянд.

Аҳаммияти матбуот, хусусан, дар солҳои аввали бунёди ҳаёти нав дар Тоҷикистони шуравӣ, аз моҳи августи соли 1924, ҳангоми таъсис ёфтани рӯзномаи «Овози тоҷик» афзоиш ёфт. Таҳлили таҷрибаи шуравӣ нишон медиҳад, ки матбуот дар ташаккули ҳокимияти шуравӣ дар Тоҷикистон, дар рушди иқтисодии миллӣ, маориф, фарҳанг, тиб ва дигар соҳаҳо нақши муҳим бозидааст.

Матбуоти даврӣ дар Тоҷикистон ба раванди таҳкими ҳокимияти шуравӣ ва дӯстии халқҳо таъсири бузург расонд. И. Усмонов ва Д. Давронов навиштаанд: «Хусусияти ин давра дар он зоҳир мегардад, ки дар Тоҷикистон ҳам чун дигар республикаҳои иттифоқӣ шумораи зиёди газетаю журналҳо чоп мегардид. Матбуоти даврагӣ асосан аз ҳисоби газетаҳои районӣ, қисмҳои сиёсӣ ва матбуоти поёнӣ меафзуд. Хулоса, дар солҳои панҷсолаи якум на танҳо номгӯй, балки тиражи умумии матбуот чандин маротиба зиёд гардид. Иқтидори полиграфии республика афзуда базаи моддию техникии он сол то сол мустаҳкам мегардид» [101, с. 149].

Нақши матбуот дар Тоҷикистон дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ ва дигар чорабиниҳои муҳим афзоиш ёфт. Тавре зикр гардид, аҳаммияти нашрияҳои даврӣ, хусусан, дар солҳои Истиқлоли Ҷумҳурии Тоҷикистон

дар солҳои 1991-1997 афзоиш ёфтаанд. Омӯзиш ва ҷамъбасти ин таҷриба, ба фикри мо, муҳим ва саривақтӣ аст, зеро он метавонад аз ҷониби матбуоти Тоҷикистон дар ҳалли мушкилоте, ки васоити ахбори омма дар шароити муосир дучор мешаванд, истифода шавад.

Омӯзиши мушкилоти нашриёҳои даврӣ дар солҳои Истиқлоли Тоҷикистон ниҳоят муҳим аст, зеро он бо мақсади ҳифзи соҳаҳои мухталифи ҷомеа хидмат менамояд. Анъанаҳои гузаштаро амиқтар ва ҳаматарафа омӯхта, бо назардошти вазъи мавҷудаи матбуот дар шароити Тоҷикистони соҳибистиқлол ин масъала торафт бештар меафзояд. Ба қавли профессор И. Усмонов, «Вақте ки саҳифаи матбуотро варақгардон мекунем, рӯзгори гузашта бо ҳамон тозагиву равшании худ намудор мегардад. Таърихе, ки дар матбуот сабт мешавад, насли ҷавонро ба ҳушёриву оқилӣ ва кордонӣ даъват мекунад» [107, с. 177-178].

Олимон ҳарчи бештар ба таҳлили раванди табдилёбии муассисаҳои иҷтимоӣ ва сиёсӣ таваҷҷуҳ зоҳир менамоянд, ки дар ин замина низоми васоити ахбори оммавӣ низ мавқеи муҳимро ишғол мекунад. Дар таҳқиқоти муосир ҳам мероси модели шуравии ВАО ва ҳам ҷараёни ташаккули фазои иттилоотии демократӣ дар замони Истиқлол мавриди омӯзиши амиқ қарор гирифтаанд. Дар байни онҳо муҳаққиқоне, ба монанди И.К. Усмонов, А.С. Саъдуллоев, А.Н. Нуралиев, М.С. Имомзода, Ҷ.М. Саъдуллоев, Ҷ. Муқим, М.А. Абдуллоев, М.Б. Муродӣ, Д. Давронов, П. Гулмуродзода, А. Азимов, Ш. Муллоев, Қ. Шарифзода, С. Гулов ва дигарон корҳои зиёдеро сомон додаанд.

Монографияи И. Усмонов ва Д. Давронов [106] барои омӯзиш ва таҳқиқи ин масъала аҳаммияти вижа дорад. Ҳамзамон, бисёре аз олимони Тоҷикистон бо истифода аз мавoдди бою далелҳо нақш ва аҳаммияти матбуоти даврии Тоҷикистони шуравиро дар рушди ВАО-и Тоҷикистон дар давраи пас аз ба даст овардани Истиқлоли давлатӣ таҳқиқ карданд.

Асарҳои О. Панфилов, Н. Ҳамроқулова ва М. Султонов [77; 117; 97-99] диққати махсусро ҷалб мекунанд. Зикри он муҳим аст, ки дар як қатор таҳқиқот нақши матбуоти даврӣ дар замони ҷанги шаҳрвандии солҳои 1992-1997 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври муфассал мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Муаллифони ин асарҳо нишон додаанд, ки дар шароити буҳрони шадиди сиёсӣ ва иҷтимоӣ, воситаҳои ахбори омма, хусусан, матбуоти чопӣ, нақши назаррас дошта, дар раванди устуворсозии афкори ҷомеа ва коҳиши танишҳои дохилӣ саҳми арзанда гузоштаанд. Дар ҳамин замина, нақши матбуоти даврӣ дар ташаккули заминаҳои мувофиқати ҷомеа ва мусоидат ба сулҳу субот аҳаммияти хосса пайдо мекунад.

Дар қатори таҳқиқоти бунёдӣ ва назарии соҳаи журналистикаи тоҷик метавон асарҳои И.К. Усмонов («Назарияи журналистика», «Жанрҳои журналистика»), А. С. Саъдуллоев («Уфуқҳои журналистика»), А.Н. Нуралиев («Жанрҳои иттилоотии матбуот», «Асосҳои ҳуқуқии журналистика») ва ҳамчунин, ба таҳқиқи М.Б. Муродов (Муродӣ) таҳти унвони «Ҳаҷви публитсистӣ дар матбуоти даврии Тоҷикистон»-ро зикр кард.

Бо вуҷуди аҳаммияти зиёди илмӣ доштани осори зикршуда, бояд таъкид кард, ки аксари онҳо рушди ВАО-ро, дар маҷмуъ, дар шароити Истиқлол фаро мегиранд ва танҳо қисман ба мушкилоти гузариши низоми иттилоотӣ аз шуравӣ ба демократӣ таваҷҷуҳ зоҳир менамоянд. Аз ин рӯ, як қатор паҳлуҳои марбут ба фаъолияти матбуоти даврӣ дар шароити демократиякунонӣ, тағйироти сиёсӣ ва ташаккули мубоҳисаи нави ҷамъиятӣ то ҳол ба таври кофӣ таҳқиқ нашудаанд.

Таҳлили адабиёти илмӣ ва таҷрибаи амалии соҳа собит менамояд, ки дар фазои иттилоотии муосири Тоҷикистон ҳанӯз масъалаҳои баҳсбарангез ва ҳалталабе боқӣ мондаанд, ки таҳқиқоти махсус ва амиқро тақозо доранд. Ҳалли ҳамаҷонибаи масъала танҳо дар натиҷаи ҳамкорӣ ва талоши мутақобилаи муҳаққиқон аз соҳаҳои гуногуни илм имконпазир мегардад. Аз ин лиҳоз, дар ин таҳқиқ кӯшиш ба харҷ дода

шудааст, ки бо такя ба таҳлили интиқодии манбаъҳои илмии мавҷуда ва маълумоти эмпирикӣ, хусусиятҳои асосии ташаккул ва фаъолияти матбуоти даврӣ дар шароити Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди омӯзиш қарор дода шаванд.

Оҷонсиҳои иттилоотӣ дар баробари дигар васоити ахбори омма яке аз василаҳои таъминкунандаи омма бо иттилооти зарурӣ мебошанд. Маврид ба зикр аст, ки нақши оҷонсиҳои иттилоотӣ дар ҷамъоварӣ ва паҳн намудани хабар дар тамоми ҷаҳон бориз мебошад.

Далели пайдоиши оҷонсиҳои иттилоотӣ дар сеяки дуюми асри XIX ба зарурати ҷорӣ кардани озодии бештар ва фаврият дар журналистикаи он замон вобаста буд. Дар он вақт буржуазия дар мамлакатҳои Аврупо ба муқобили асосҳои мутлақи озодии баён мубориза мебурд, муносибатҳои капиталистӣ инкишоф меёфтанд ва ғайр аз ин, асбоби инқилобии технологӣ – телеграф ихтироъ гардид, ки барои фиристодани хабар аз якҷо ба ҷойи дигар хизмат менамуд. Пайдоиши муассисаҳои журналистӣ чун оҷонсиҳои иттилоотӣ ҷавобгӯйи талаботи замон буд.

Маҳз оҷонсиҳои иттилоотиро дар журналистика аввалин намояндагони холиси буржуазӣ ҳисоб кардан мумкин аст. Ҳамин тавр, буржуазия, ки ба ҳокимият майл дошт, барои тасдиқи арзишҳои худ дастгоҳи иттилоотӣ тайёр кард. Оҷонсиҳои иттилоотӣ, ки бо сармоя зич алоқаманд буданд, дере нагузашта унсурҳои асосии ташаккули ҷараёни ахбор гардида, дар пайдо шудани холисияти буржуазӣ нақши калон бозида, нисбат ба таблиғ тасаввуроти манбаи муътамад ва муътабарро ба вуҷуд оварданд.

Тавре муҳаққиқи соҳа С. Мирзоалӣ қайд мекунад: «Ахбори байналхалқии дар матбуоти рӯзмарраи асри XVIII инкишоф ёфта, натиҷаи робитаи зиччи байни тавсеаи тиҷорати хориҷӣ ва хабарҳои хориҷӣ буд. Маҳз авҷ гирифтани мустамликадорӣ буд, ки ҷамъоварии ахбори байналхалқӣ ташкил ва ба таври доимӣ гузаронда шуд. Агентиҳои иттилоотии давлатҳои Аврупо иттилоотро ҳамчун мол ҷиҳати дарёфти сармоя корбаст намуда, ҳамзамон, дар масъалаи

таъмини амнияти равонии империализм саҳм гузошта, дар хусуси халқҳои маҳаллӣ стериотипҳоро дар шуури аудиторияи худ ба вуҷуд овარданд» [56, с. 29].

Сабаби аввалини пайдоиши оҷонсиҳои иттилоотӣ (аввалин ожонсии «Ҳавас» дар Фаронса соли 1832 таъсис ёфтааст) ва ҳадафи асосии онҳо ба истеъмолкунандагон расонидани иттилооти дурусту беғараз буд. Ахбор дар он вақт на танҳо аслиҳаи муборизаи иттилоотӣ буд, балки он ба монанди мол ва объекти бозор ба ҳисоб мерафт.

Бинои агентии «Ҳавас» бо бинои почтаи Париж дар як кӯча қарор дошт, ки ин барои дастрасии фаврии ахбор мусоидат мекард. Соли 1853 қариб дар ҳамаи рӯзномаҳои Париж рубрикаи «Навигарии агентии телеграфӣ» мавҷуд буд, ки маводди агентии иттилоотии «Ҳавас»-ро нашр мекарданд.

Пайдоиши агентиҳои иттилоотӣ раванди тиҷоратикунонии ахборро суръат бахшида, монополияи рӯзномаҳоро дар ҷамъоварӣ ва интиқоли ахбор барҳам дод ва ба рақобат дар бозори иттилоотии он замон хусусияти комилан нав бахшид. Кор бо ахбори оҷонсиҳои иттилоотӣ рӯзномаҳоро маҷбур кард, ки аз тарзу усулҳои муқарраршуда даст кашанд. Дар соли 1858 агентии Рейтер бори аввал дар таърих дар бораи нутқи сиёсатмадор (Наполеони III) дар лаҳзае, ки ин нутқ нав ба гӯш мерасид, хабар дод.

Сабаби дуюми пайдоиши агентиҳои иттилоотӣ ихтирои телеграф, технологияи пешбари иртиботии замон буд. Ихтирои телеграф ҳамчун яке аз омилҳои сарнавиштсоз дар рушди низоми муосири иттилоотӣ ба ҳисоб меравад, ки зарурати ташкили манбаъҳои фаврии хабариро барои ҷомеа ба миён овард. Дар ҳамин давра, оҷонсиҳои иттилоотӣ ҳамчун муассисаҳои асосии ҷамъоварӣ, интиқол ва паҳнсозии иттилоот ташаккул ёфта, ба ҷузъи муҳимми низоми иттилоотии замони худ табдил ёфтанд. Аз ин лиҳоз, фаврият ба сифати яке аз хусусиятҳои бунёдии фаъолияти онҳо ва меъёри асосии ташаккули фазои иттилоотӣ эътироф гардид.

Давлатҳо дар фаъолияти оҷонсиҳои иттилоотӣ бобати ҷамъ кардан ва паҳн кардани ахбор, сарфи назар аз шакли ташкилии ширкатҳои иттилоотӣ фаъолона иштирок кարданд. Манфиати хукуматхо на танҳо бо хоҳиши паҳн кардани нуфузи мамлакати худ дар арсаи байналхалқӣ, балки бо хоҳиши гирифтани хабарҳои фаврӣ, сиёсию иқтисодӣ, дохилӣ ва байналхалқӣ низ шарҳ дода мешуд. Илова бар ин, ба онҳо барои паҳн кардани иттилооти худ як канали иртиботӣ лозим буд. Ба ҳамин хотир ташкили чунин оҷонсиҳои иттилоотӣ саривақтӣ ба ҳисоб мерафт.

Манфиати агентиҳо аз муносибат бо мақомоти давлатӣ дар шаклҳои гуногун зоҳир мегардид, ки мо дар инҷо навъҳои онро меорем:

- мақомоти қудратии ҳукуматҳо ҳамчун мизоҷони боэътимоди онҳо амал мекарданд;
- ба идораҳои гуногуни ҳукуматӣ ва хусусӣ имтиёзҳо бобати пахши хабарҳои фаврӣ (маълум аст, ки бо пардохти нархи баландтар) дода мешуданд;
- бобати гирифтани маълумоти зарурӣ аз мақомоти давлатӣ.

Давраи аввал бо гузаштани оҷонсиҳо аз почта ба технологияҳои телеграфӣ хос буд. Баъдан ҷойи телеграфҳоро таҷҳизоти навини технологӣ гирифт, ки ба воситаи он интиқоли хабар осонтару қулайтар буд.

Дар замони имрӯза оҷонсиҳои иттилоотӣ як пайванди муҳимми ҷаҳони ВАО (васоити ахбори омма) мебошанд. Онҳо ҳамчун миёнарав байни манбаъҳои хабарӣ ва аудиторияи оммавӣ амал мекунанд. Фаъолияти агентиҳои иттилоотӣ ҷамъоварӣ, коркард ва паҳн кардани иттилоот дар мавзуъҳои гуногунро дар бар мегирад. Яке аз вазифаҳои асосии оҷонсиҳои иттилоотӣ ин аст, ки ба аҳли ҷамъият аз воқеаҳои дар ҷаҳон рӯйдода зуд хабар диҳанд. Онҳо ахборро дар маҳал пайгирӣ мекунанд, таҳлил менамоянд, суҳбатҳо мегузаронанд ва маводди ахборӣ меофаранд. Баъдан ин мавод тавассути каналҳои махсуси иртиботӣ, аз қабили Интернет, телевизион, радио, матбуот ва дигар платформаҳои ВАО паҳн карда мешаванд.

Оҷонсиҳои иттилоотӣ хабарҳо, мақолаҳо, таҳлилҳо, аксҳо, видеоҳо ва дигар форматҳои мундариҷаро пешниҳод мекунанд. Онҳо дастрасии васеи иттилоотро ба рӯзноманигорон, муҳаррирон, шаҳрвандон ва дигар ҷонибҳои манфиатдор таъмин менамоянд. Ожонсии иттилоотӣ дар ташаккули афкори ҷамъиятӣ бо додани хабарҳои объективию зарурӣ нақши калон мебозад. Оҷонсиҳои иттилоотӣ дар баробари пешниҳоди иттилооти фаврӣ ҳамчунин рӯйдодҳоро таҳлил ва пешгӯӣ мекунанд. Онҳо тамоюлҳоро дар соҳаҳои мухталиф пайгирӣ месозанд, омор, таҳқиқот ва хулосаҳои коршиносонро пешниҳод мекунанд. Ин маълумот метавонад барои пешгӯйии рӯйдодҳои оянда ва қабули қарорҳо дар тиҷорат, сиёсат, иқтисод ва дигар соҳаҳо муфид бошад.

Оҷонсиҳои асосии иттилоотӣ дар ҷаҳон созмонҳое ба мисли Reuters, Associated Press (AP), Agence France-Presse (AFP), Bloomberg ва ғайра мебошанд. Онҳо дар мамлакатҳои гуногун бунгоҳҳои бузург барои мухбирон ва намояндагиҳо доранд. Ин ба онҳо имкон медиҳад, ки аз гӯшаю канорҳои гуногуни ҷаҳон зуд хабарҳои гуногунро ҷамъоварӣ намоянд. Аммо дар ҳоле ки оҷонсиҳои хабарӣ барои объективият талош мекунанд, ба онҳо омилҳои беруна, аз қабили сиёсат, иқтисод ва манфиатҳои тиҷоратӣ низ таъсир мерасонанд. Ҳамин тариқ, агентиҳои иттилоотӣ дар таъмини иттилооти фаврӣ ва паҳн кардани ахбор нақши муҳим доранд. Онҳо дастрасӣ ба шаклҳои гуногуни иттилоотро таъмин мекунанд, инчунин, таҳлил ва пешгӯйии рӯйдодҳоро анҷом медиҳанд.

**1. Агентии миллии иттилоотии Тоҷикистон «Ховар».** Агентии миллии иттилоотии Тоҷикистон «Ховар» яке аз муҳимтарин сохторҳои иттилоотии кишвар ба шумор меравад. Заминаи ташаккули он ҳанӯз дар давраи шуравӣ бо номи ТоҷикТА (Таджикское телеграфное агентство) гузошта шуда буд. Баъд аз соҳибистиқлолӣ ва дар доираи ниёзҳои нави давлатдорӣ, ин агентӣ дар соли 2000 бо номи «Ховар» аз нав таъсис ёфт ва мақоми расмии давлатӣ гирифт.

Фаъолияти «Ховар» ба интишори ахбори расмӣ ва муаррифии сиёсати давлатӣ нигаронда шудааст. Тавассути он тамоми паёмҳои

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои Ҳукумат ва иттилооти марбут ба фаъолияти мақомоти давлатӣ мунтазам нашр мегардад. «Ховар» ба сифати манбаи асосии давлатии иттилоотӣ хизмат мекунад ва сиёсати иттилоотии давлатро ҳам дар дохил ва ҳам дар хориҷ муаррифӣ месозад.

Яке аз хусусиятҳои муҳимми «Ховар» фаъолияти он бо се забон – тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ мебошад. Ин имконият медиҳад, ки агентӣ на танҳо барои шаҳрвандони дохили кишвар, балки барои ҷомеаи байналмилалӣ низ иттилоот дастрас гардонад. Бо ин роҳ, «Ховар» ҳамзамон нақши дипломати иттилоотиро низ иҷро мекунад.

Дар баробари ин, агентӣ дорои шабакаи васеи мухбирон мебошад, ки на танҳо дар пойтахт, балки дар минтақаҳо ва берун аз кишвар фаъолият мекунанд. Ин имконият медиҳад, ки ахбори расмӣ саривақт ва фарогир интишор шавад. Аз ин ҷиҳат, «Ховар» ҳамчун такягоҳи асосии сиёсати иттилоотии давлатӣ хизмат мекунад. Илова бар ин, агентии мазкур барои пешбурди фаъолияти радиои «Ховар» мусоидат кардааст. Дар ин хусус муҳаққиқи самти радио – Ш. Ятимов навиштааст: «Дар шароити онрӯзаи Тоҷикистон, ки ҳар корхонаву ширкатҳо барои пешбурди кори худ ва муфлис нашудан аз ҳар роҳу воситаи сарфакорӣ истифода мекарданд, бозори реклама ҳам имкон намедод, то радиое мисли “Ховар” тавонад, хароҷоти худро аз ин ҳисоб пӯшонад. Фаъолияти радиои мазкур, асосан, аз ҳисоби АМИТ “Ховар” пеш меравад» [112, с. 54].

Ҳарчанд фаъолияти «Ховар» асосан ба сиёсати давлатӣ вобаста аст ва имконияти камтари гуногунандеширо фароҳам меорад, дар ташаккули муҳити иттилоотии Тоҷикистон нақши калидӣ дорад. Маҳз тавассути ин агентӣ сиёсати расмии давлат ба ҷомеа ва ҷаҳон муаррифӣ мегардад.

**2. Агентии иттилоотии «Азия-Плюс».** Агентии иттилоотии «Азия-Плюс» аз нахустин ва пурқувваттарин агентии мустақили Тоҷикистон маҳсуб мешавад. Дар шароити мушкилоти сиёсӣ ва иқтисодии солҳои 90-ум он тавонист ҷойгоҳи худро пайдо кунад ва то имрӯз ба яке аз

расонаҳои маъруфтарини кишвар табдил ёбад.

Хусусияти асосии «Азия-Плюс» дар он аст, ки сохтори мукаммал дорад: рӯзнома, радио ва сомонаи интернетӣ. Ин имконият медиҳад, ки иттилоот ба шаклҳои гуногун ба ҷомеа дастрас гардад. Масъалаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ ба таври фарогир ва мустақил инъикос мешаванд. Чунин тадбирандешиҳои масъулин аст, ки «Ҳафтаномаи «Азия-Плюс» дар Тоҷикистон аз ҷониби созмонҳои байналмилалии муқими ин кишвар ҳамчун стандарти сифат эътироф шудааст. Муассисаҳо ва ширкатҳои байналмилалӣ тарҷеҳ медиҳанд, ки ҳама эълонҳо, новобаста ба шакл ва мундариҷа, дар рӯзномаи «Азия Плюс» чоп шаванд. Дар симои рӯзнома нашрияи содиқеро мебинанд, ки талаботи хонандаро ба маълумот қонеъ мегардонад ва ҳар шумораи онро мутолиа мекунанд» [116, с. 139].

«Азия-Плюс» дар ҷомеаи шаҳрвандӣ ҳамчун минбари алтернативӣ ҷойгоҳ касб кардааст. Хонандагон ва шунавандагон онро ҳамчун манбаи иттилооти мустақил қабул мекунанд, зеро аксар вақт он ахбореро пешниҳод мекунад, ки дар расонаҳои давлатӣ ҷой намегиранд. Ин хусусият ба он эътибори махсус бахшидааст.

Бо вуҷуди фишорҳои сиёсӣ ва мушкилоти иқтисодӣ, «Азия-Плюс» фаъолияти худро идома дода, ба яке аз маъруфтарин сарчашмаҳои иттилоотии Тоҷикистон табдил ёфтааст. Он бо пешниҳоди маводди таҳлилӣ ва мусоҳибаҳои гуногун сатҳи гуногунандешии ҷомеаро баланд мебардорад.

Дар муҳити иттилоотии Тоҷикистон, «Азия-Плюс» ҳамчун намунаи воқеии расонаи мустақил хизмат мекунад. Нақши он дар ташаккули фарҳанги сиёсии шаҳрвандон ва баланд бардоштани сатҳи огоҳии иҷтимоӣ беназир арзёбӣ мегардад.

**3. Агентии иттилоотии «Avesta».** Агентии иттилоотии «Avesta» дар ибтидои солҳои 2000 таъсис ёфта, асосан тавассути интернет фаъолият менамояд. Он бо хабарҳои кӯтоҳ, дақиқ ва фаврӣ шинохта мешавад ва дар муҳити рақамии кишвар ҷойгоҳи худро пайдо кардааст.

«Avesta» бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ фаъолият мекунад ва он имкон медиҳад, ки доираи васеи хонандагон аз иттилооти он баҳра гиранд. Самти асосии фаъолияти агентӣ инъикоси рӯйдодҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии кишвар мебошад.

Дар муҳити рақамии Тоҷикистон «Avesta» яке аз манбаъҳои муҳимми иттилоотӣ ба ҳисоб меравад. Он барои хонандагон имкони дарёфти ахбори фаврӣ ва бе таъхирро фароҳам меорад. Ин ҷиҳат боис гардидааст, ки агентӣ бештар ҳамчун манбаи хабарии зуд шинохта шавад.

Ҳарчанд миқёси фаъолияти «Avesta» нисбат ба агентии «Азия-Плюс» маҳдудтар аст, аҳаммияти он дар таъмин намудани гуногунандешӣ ва пешниҳоди иттилооти алтернативӣ зиёд аст. Хонандагони русзабон онро яке аз манбаъҳои боэътимоди иттилоотӣ медонанд.

Ҳамин тариқ, «Avesta» ба рушди муҳити рақамии иттилоотӣ дар Тоҷикистон саҳм гузошта, ба унвони расонаи мустақил ҷойгоҳи худро пайдо кардааст.

**4. Агентии иттилоотии «Факты и комментарии» (ФиК).** Агентии иттилоотии «Факты и комментарии» бештар ба забони русӣ фаъолият мекард. Самти асосии он пешниҳоди хабарҳои сиёсӣ ва иқтисодӣ мебошад. Бо услуби кӯтоҳ ва таҳлилӣ агентӣ тавонистааст, ки аудиторияи худро пайдо кунад.

Фаъолияти ин агентӣ бештар ба доираҳои таҳлилӣ ва хонандагони русзабон нигаронда шудааст. Ин агентӣ хабарро бо шакли мухтасар ва ҳамзамон, бо тавзеҳ пешниҳод карда, ба хонанда имкон медиҳад, ки рӯйдодро на танҳо ҳамчун хабар, балки бо як тафсири таҳлилӣ дарёфт намояд.

Бо вуҷуди миқёси хурдтар нисбат ба дигар агентиҳо «Факты и комментарии» дар муҳити иттилоотии кишвар аҳаммияти махсус дорад. Он дар байни хонандагони муайян ҳамчун манбаи боэътимоди ахбор ва шарҳҳо шинохта шудааст. Агентии мазкур бо пешниҳоди маводди

таҳлилӣ ва шарҳҳои мухтасар ба гуногунандешӣ ва муҳити демократии иттилоот саҳм гузоштааст.

Дар маҷмуъ, «Факты и комментарии» бо он ки васоити ахбори оммавии калон нест, вале дар фазои иттилоотии Тоҷикистон ҷойгоҳи махсус пайдо карда, барои қишри зиёии кишвар аҳаммияти зиёд дошт.

Илова бар агентиҳои иттилоотии ёдшуда **ТВ «Сафина»** низ дар доираи Кумитаи телевизион ва радиои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият мекунад. Гарчанде ки он бештар ҳамчун шабакаи телевизионӣ маъруф аст, хадамоти иттилоотии он низ муҳим мебошад.

«Сафина» асосан ахборро барои пахш намудан тавассути телевизион ва радио омода месозад. Барномаҳои он хусусияти иттилоотӣ, фароғатӣ ва фарҳангӣ доранд. Забони асосии пахш тоҷикӣ мебошад ва барои аҳолии дохилӣ васеъ дастрас аст.

Дар низоми иттилоотии кишвар «Сафина» нақши муҳим мебозад, зеро на танҳо хабар, балки арзишҳои миллӣ ва фарҳангиро низ таблиғ менамояд. Ин ҷиҳат ба он аҳаммияти фарҳангӣ ва идеологӣ медиҳад.

Бо вуҷуди он ки фаъолияти он бештар ба иттилооти расмӣ маҳдуд аст, «Сафина» барои ҷомеа манбаи муҳимми ахбори давлатӣ мебошад. Он тавассути телевизион ва радио паёмҳои асосии сиёсӣ ва иҷтимоиро ба мардум мерасонад.

Ҳамин тариқ, ТВ «Сафина» ҳамчун манбаи иттилоотии вобастаи давлат амал карда, нақши муайяни худро дар ташаккули фазои иттилоотии миллии Тоҷикистон иҷро менамояд.

## 2.2. Хусусиятҳои амалкарди ВАО ва гуногунандешии сиёсӣ дар расонаҳои Тоҷикистон дар роҳи ба даст овардан Истиқлоли давлатӣ

Озодии матбуот ва гуногунандешии сиёсӣ сифатҳои муҳимми ҷомеаи демократӣ мебошанд. Дар Тоҷикистон, кишваре, ки барои ба даст овардани Истиқлоли давлатӣ талош дошт, ин ҷанбаҳо дар

ташаккули ҷомеаи нақши муҳим доштанд ва имрӯз ҳам доранд. Дар ин боб хусусиятҳои фаъолияти расонаҳо ва гуногунандешии сиёсӣ дар Тоҷикистон дар роҳи ба даст овардани Истиқлоли давлатӣ баррасӣ мешаванд.

Воситаҳои ахбори омма ва гуногунандешии сиёсӣ дар ташаккули ҷомеаи демократӣ нақши калидӣ мебозанд, хусусан, дар он кишварҳое, ки кӯшиш доранд истиқлоли комили давлатии худро амалӣ созанд. Сарфи назар аз маҳдудиятҳо ва мушкилоти мавҷуда, рушди ВАО ва гуногунандешии сиёсӣ барои ташаккули ҷомеаи муосир имкониятҳои зиёд дорад. Ҳукумат ва ҷомеа бояд барои таъмини озодии матбуот ва гуногунии афкор якҷоя кор кунанд, то ин ки сулҳу ваҳдат пойдор ва рушди устувори Тоҷикистони соҳибистиқлол таъмин гардад. Профессор А. Саъдуллоев байни мафҳумҳои озодӣ, озодандешӣ ва озодии матбуот тафриқа гузошта, онҳоро ба тариқи зайл маънидод кардааст: «Шахси озод касест, ки дар мулки худ бе биму хатар, бидуни эҳсоси хавф зиндагии ҳамарӯза ба сар мебарад ва аз ҳамаи неъматҳои моддию маънавии мавҷуда баҳрабардор аст. Озодандешиӣ гуфта – тавонистани нуқтаи назар буду ҳаст. Матбуот бошад, дар доираи қонунҳое амал мекунад, ки ҷомеа бароящ аз тариқи органҳои қонунбарор таъин кардааст. Озодандешӣ маънии хилофи анъаноти маъруфи маъмулии ҷомеа амал карданро надорад» [92, с. 10].

Пас аз ба даст овардани Истиқлоли давлатӣ, Ҷумҳурии Тоҷикистон раванди таҳаввули низоми васоити ахбори оммаро оғоз намуд, ки мақсади он гузариш аз модели ҳизбӣ-давлатии идорашавӣ ба сӯйи ташаккули ниҳоди нисбатан мустақил ва дорои нақши фаъоли иҷтимоӣ-сиёсӣ дар ҷомеа буд.

Омӯзиш ва таҳлили омилҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ-сиёсӣ ва маънавӣ-идеологии давраи бозсозӣ нишон медиҳад, ки ислоҳоти оғозшуда ба рушди матбуоти даврӣ дар ҷомеа имкон фароҳам овард. Аммо таҷрибаи таърихӣ нишон медиҳад, ки оғози озодкунии ғоявии матбуоти даврӣ як раванди хеле мушкил, мураккаб ва зиддиятнок буд.

Ҳанӯз дар нимаи дуюми солҳои 80-ум дар Тоҷикистон таҷдиди воситаҳои ахбори омма яке аз вазифаҳои муҳимтарин гардид. Ин дар охири солҳои 80-ум ва оғози солҳои 90-уми асри гузашта буд, ки бо раванди босуръати ташкили нашрияҳои нави чопӣ оғоз гардид. Раванди тағйирот талаб мекард, ки масъалаҳои иқтисод, фарҳанг, ҳаёти ҳамарӯза ва ҳаёти коллективҳои меҳнатӣ бо ин масъала пурра ва ҳамаҷониба таҳлил карда шаванд.

Мусаллам аст, ки яке аз принсипҳо ва хусусиятҳои демократия дар ҷомеа озодии сухан мебошад, ки бидуни озодии матбуот ва дигар ВАО ғайриимкон аст. Дар тақвияти фикр метавон ба андешаҳои зерини профессор И. Усмонов руҷуъ кард: «Умдатарин асли вуҷуди журналистика, шарти муҳимтарини фаъолияти он озодии баён аст. Ҳамаи сохтаҳои сиёсӣ талош ба озодии баён доранд, густариши демократияро сиёсатмадорон дар он мебинанд, ки ВАО-и Тоҷикистон то чӣ ҳад ба озодии сухан дасрасӣ доранд» [108, с. 13].

Дар Тоҷикистон ба рушди матбуот ва тайёр кардани мутахассисони ин соҳа эътибори зиёд дода шуд. Ҳамин тавр, дар соли 1989 9 рӯзномаи ҷумҳуриявӣ, 5 минтақавӣ, 9 шаҳрӣ, 37 ноҳиявӣ, 14 рӯзномаи калонтираж, 22 маҷалла ва 10 бюллетен нашр мешуданд.

Дар аввали солҳои 90-ум дар ҷумҳурӣ рӯзномаҳо ва ҳафтаномаҳои нав пайдо мешуданд. Ин солҳо давраи рушд ва ташаккули матбуоти ҷумҳурӣ буд. То он вақт дар Тоҷикистон 8 рӯзномаи ҷумҳуриявӣ ва 7 минтақавӣ, 44 рӯзномаи шаҳрӣ ва минтақавӣ, 21 рӯзномаи калонҳаҷм, 20 маҷалла ва дигар нашрияҳо, ба монанди варақаҳои таблиғотӣ ва иттилоотӣ, бюллетенҳо мавҷуд буданд. Тиражи яквақтаи ҳамаи нашрияҳо аз 4 миллион нусха зиёд шуда буд.

Аз соли 1990 дар ҷумҳурӣ рӯзномаҳои нави «Паёми Душанбе», «Сухан», «Парастор», «Бону», «Сипар», «Варзиш» дар майдони матбуот пайдо шуданд. Чунин нашрияҳои иҷтимоию сиёсӣ, ба монанди «Ойинаи зиндагӣ», «Навиди бозоргон», «Адолат» ба таб мерасиданд, ки аз тағйири чашмрас дар соҳаи иттилоот бинобар пайдоиши ҳизбҳо ва

созмонҳои сиёсӣ шаҳодат медиҳанд. Дар соли 1990 на танҳо шумораи нашрияҳо афзоиш ёфт, балки гардиши умумии онҳо низ хеле зиёд шуд.

Қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи матбуоти даврӣ ва дигар воситаҳои ахбори омма», ки 14 декабри соли 1990 аз ҷониби Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гардид, ба ҳайси яке аз марҳилаҳои сарнавиштсоз дар раванди демократикунонии фазои иттилоотии кишвар ба шумор меравад. Ин санади меъёрии ҳуқуқӣ бори аввал ҳуқуқи таъсиси воситаҳои мустақили ахбори оммаро ба ҳизбҳои сиёсӣ, созмонҳои ҷамъиятӣ ва шахсони алоҳида эътироф кард, ки бар пояи он метавонанд рӯзномаву маҷаллаҳо ва дигар шаклҳои паҳнсозии иттилоотро дар доираи муқаррароти қонун роҳандозӣ намоянд. Ба андешаи И. Усмонов «агар воситаи ахбори умум сохторе бошад, ки на танҳо нияти бетарафона инъикос кардани ҷомеаро дорад, балки ба он таъсир ҳам расонидан мехоҳад, пас, вазифаашро ҳам аз ҳамин ҷо суроғ кардан лозим меояд» [103, с.30].

Қонуни мазкур ба унвони яке аз аввалин қадамҳои ҳуқуқӣ дар самти барҳам задани назорати шадиди давлатӣ, ки хосси низоми тоталитарии шуравӣ буд ва гузариш ба модели муосири муоширати ҷамъиятӣ, ки бар асоси гуногунандешӣ ва озодии баён асос ёфтааст, маънидод мешавад. Бо мавриди амал қарор гирифтани он, раванди ташаккули асосҳои ҳуқуқии фаъолияти касбии рӯзноманигорон ва институтсионализатсияи озодии сухан дар фазои иттилоотии Тоҷикистон оғоз гардид.

Раванди ислоҳоти демократие, ки аввали солҳои 90-ум ҳамаи паҳлуҳои ҳаёти сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии кишварро фаро гирифт, шароити мусоиди сиёсӣ ва ҳуқуқиро барои рушду таҳкими журналистикаи миллӣ фароҳам овард. Дар ҳамин давра асосҳои парадигмаи нави фаъолияти журналистӣ гузошта шуд, ки бар пояи принсипҳои мустақилият, касбият ва масъулияти иҷтимоии рӯзноманигор нисбат ба ҷомеа қарор дошт.

Қонуни мазкур шароити зарурии ҳуқуқиро барои фаъолияти

озодонаи ҳам субъектҳои ҳуқуқӣ ва ҳам шахсони воқеӣ дар бахши ВАО таъмин намуд. Дар натиҷа, шумораи зиёди нашрияҳои нав арзи ҳастӣ намуданд, ки манфиатҳои гурӯҳҳои гуногуни иҷтимоиро дар фазои иттилоотӣ инъикос менамуданд.

Меъёрҳои муқарраршудаи қонунӣ принсипҳои ошкорбаёнӣ ва озодии суханро ҳамчун арзишҳои бунёдии низоми демократии иттилоотӣ таъйин менамуданд. Аз ибтидои даҳаи 1990-ум дар ҷумҳурӣ намудҳои гуногуни нашрияҳои даврӣ ба фаъолият оғоз намуданд, ки онҳоро шартан ба гурӯҳҳои зер тақсим кардан мумкин аст:

1. Матбуоти расмии давлатӣ ва мустақил;
2. Нашрияҳои ҳизбӣ ва узвияти ҷамъиятӣ;
3. Рӯзномаҳо ва маҷаллаҳои хусусӣ.

Бо дарназардошти хоҳишҳои меҳнаткашон Кумитаи ҳизбии шаҳри Душанбе дар номаи худ аз 28-уми ноябри соли 1989 ба КМ ҲК Тоҷикистон изҳори хоҳиш кардааст, ки дар пойтахт рӯзномаи нав бо забони тоҷикӣ таҳти унвони «Паёми Душанбе» нашр карда шавад. Ин пешниҳод мақбул дониста шуд ва 1-уми январи соли 1990 шумораи якуми «Паёми Душанбе» ба табъ расид. Маводди дар рӯзнома интишоршуда байни мардум таваҷҷуҳи зиёдро ба бор оварданд.

Ҳангоми рӯйдодҳои моҳи феврали соли 1990 ҳайати таҳририя тавассути рӯзнома ба ҳар як сокини пойтахт, ба падарон ва модарон, хоҳарон ва бародарон, ба вазирон ва руҳониёни ислом, ки ба ин сарзамин, фарҳанги ҳазорсола, шаъну шарафи халқи тоҷик ғамхорӣ мекунанд, мурочиат кардааст.

Дар рӯзҳои вазнин рӯзнома сокинони Душанберо ба ваҳдат даъват кард, дар ҳар шумораи худ муроҷиатҳо ва посуххҳои коргарони пойтахт ба рӯйдодҳои феврал нашр шуданд. Дар вохӯрӣ дар моҳи ноябри соли 1990 роҳбари ҷумҳурӣ К. Маҳкамов бо кормандони «Паёми Душанбе», ки ҳисоботаш дар бораи он дар рӯзнома нашр шуд, аз ҷумлаи чунин мавод мебошад.

Ибтидои соли 1991 бо пайдоиши як қатор рӯзномаҳо ва

маҷаллаҳои нав, ки ҳуқуқи мутобиқи қонуни нав дар бораи матбуот нашр карданро доштанд, мавҷуд буд. Дар байни онҳо «Садои мардум», «Сомон», «Ҳафтганҷ», «Наврӯзи Ватан» («Баҳори Ватан») буданд. Дар соли 1991 дар ҷумҳурӣ 130 нашрияи чопӣ, аз ҷумла, 23 маҷалла, 13 маҷаллаи ҷумҳуриявӣ, 6 шаҳрӣ, 37 рӯзномаи минтақавӣ, 16 маҷмуа, 7 бюллетен ва 19 рӯзномаи калон нашр карда мешуданд.

Пайдоиши чунин шумораи рӯзномаҳо бо қабули Қонуни матбуот алоқаманд буд, ки барои ҳизбҳо ва ҳаракатҳои гуногуни сиёсӣ доираи васеи нашрияҳоро кушод. Барориши рӯзномаву маҷаллаҳои нав як рушди мусбат буд. Ин ба бедорию худогоҳии мардум, ташаккули тафаккури сиёсӣ, пайдоиши иттиҳодияҳо ва ҳаракатҳои нави ҷамъиятӣ дар арсаи сиёсӣ мусоидат кард.

Нақш ва ҷойи матбуоти озод ва демократӣ барои пешрафт ва рушди матбуоти тоҷик хеле муҳим буд, зеро дар ҷумҳурӣ дар лаҳзаи душвори муқовимат пайдо шуданд.

Яке аз рӯзномаҳои нави расмӣ «Садои мардум» – нашрияи Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон буд. Рӯзномаи «Садои мардум» аз 1-уми январи соли 1991 таҳти шиори «Ҳама ҳокимият ба Советҳо!» ба табъ расид. Дар «Садои мардум» аз масъалаҳои аввалиндараҷа масъалаҳои ҳаётан муҳимми ҳаёти сиёсӣ, иҷтимоию иқтисодӣ ва фарҳангии ҷумҳурӣ ба таври воқеӣ инъикос ёфтаанд.

Ҳангоми пахши гузоришҳо аз митингҳо дар майдонҳо ин нашрия тавонист ҳадафҳои пасипардагию асосии тазоҳургаронро ба пуррагӣ ошкор намояд ва шарҳ диҳад. Ба қавли профессор М. Муродӣ, «Тадриҷан дар матбуоти ин солҳо, хусусан нашрияҳои расмӣ, вазифаи сулҳоварӣ бартарӣ пайдо карда, масъалаҳои сулҳу ваҳдат ва ризояти миллӣ мавзуи асосӣ гардид. Агар ба ақидаи баъзе сиёсатшиносон, ки «матбуоти айёми бозсозиро «шӯрандозанда ва алангадиҳандаи ҷанги шаҳрвандӣ» меҳисобанд, мутмаъин шавем, пас, метавон гуфт, ки матбуоти солҳои аввали замони Истиқлол дар барқарории сулҳу баҳамоии мардум нақши муҳим гузоштааст» [69, с. 22].

Воқеан, неруҳои мухолифин ба кори Шурои Олӣ, дастгоҳи Президенти ҷумҳурӣ фишори мақсаднокро оғоз карданд, аммо ба ин нигоҳ накарда, дар сарлавҳаҳо ва мақолаҳое, ки дар рӯзномаи «Садои мардум» нашр мешуданд, рӯзноманигорон ва ҳайати таҳририя пайваста аз тазоҳургарон даъват мекарданд, ки авҷ гирифтани муқовиматро пешгирӣ кунанд. Амали минбаъдаи митингчиён метавонад фоҷиаҳоро пешгирӣ намуда, ба муқовимат хотима бахшад ва ё ба фоҷиаву ҳалокати одамон оварда расонад.

Маҳз аз ҳамин мавқеъ ва навиштаҳои огоҳкунанда нашрияи «Садои мардум» ва роҳбарияташ пайваста аз ҷониби рӯзномаҳои «Адолат» ва «Чароғи рӯз» мавриди интиқод ва таҳқир қарор мегирифт. Муҳаққиқи соҳа М. Султонов низ ба ҳамин ҷиҳати масъала таваҷҷуҳ зоҳир карда, тафовути асосии рӯзномаи мазкурро аз рӯзномаҳои дигар чунин муайян кардааст: «Тафовути рӯзномаи «Садои мардум» аз дигар нашрияҳои ҳукуматӣ дар он буд, ки диққати асосиро ба инъикоси ҳамоишҳои умумӣ равона карда, дар саҳифаҳои он воқеиятҳои ҳар ду майдон инъикос ёфтааст» [97, с. 27].

Муҳаққиқон И. Усмонов ва Д. Давронов нақшу мақоми рӯзномаро боз ҳам саҳеҳтар ва дақиқтар таъин карда, навиштаанд: ««Садои мардум» дар воқеаҳои солҳои 1991-1992 дар ҷумҳурӣ ягона рӯзномае буд, ки ба давлату ҳукумати қонунӣ содиқ монд ва ба туфайли ин рӯзнома хонандагон аз ҳақиқати воқеаҳо бохабар гаштанд. Ҳамин ҳақиқатнигории рӯзнома буд, ки баромадҳояш на ба ҳама писанд меомад. Аз ин рӯ, душманони сухани росту ҳақиқат сармуҳаррири рӯзнома Муродулло Шерализодаро ҳадафи тири худ қарор доданд. 5-уми майи соли 1992 ин рӯзноманигори ҳақиқатпараст ба қатл расонда шуд. Вале рӯзномаю коллективи эҷодии он аз роҳи ҳақиқатнигорӣ рӯ натофт» [101, с. 151].

Ҳодисаҳое, ки дар майдони «Шаҳидон» рух медоданд, хотима намеёфтанд ва рӯзномаи «Садои мардум» оммаи тазоҳуротчиёнро дар арафаи офатҳои эҳтимолӣ ба якдигарфаҳмӣ, гузаштҳо, муттаҳидӣ даъват

кардааст. Дар ҷараёни маъракаи интихоботи президентӣ дар ҷумҳурӣ, рӯзнома дар бораи номзадҳои ин мансаб (дар доираи таблиғот ва ташвиқоти мувофиқ) мавод нашр кард. Рӯзномаи «Садои мардум» шояд дар он замон ягона нашрия буд, ки ба принсипҳои касбӣ, ба волияти қонун, арзишҳои миллию давлатӣ содиқ монд ва роҳбарияташ ин минбари суханро танҳо бо ҳамин истифода бурданд. Кушта шудани сармуҳаррири нашрия Муродуллоҳ Шерализода аз ҷониби силоҳбадастон маҳз ба мавқеи нашрия ва худи рӯзнома вобаста буд.

Қонунҳо ва қарорҳои Шурои Олӣ, фармонҳои Сарвари давлат, ҳисобот дар бораи ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии ҷумҳурӣ дар сафҳаҳои «Садои мардум» ҷойгоҳи худро пайдо карданд. Бо ин мақсад, рӯзнома аз сарлавҳаҳои васеъ истифода мебурд. Сарлавҳаҳо мардумро ба иттиҳод, бозгашти гурезагон ба Ватан, хотима додани муқовимати мусаллаҳ, ба таври ихтиёрӣ супоридани яроқи оташфишон ва инчунин, ба гуфтушунидҳо бо мақсади хотима бахшидани ҷанги бародаркушӣ ва барқарор намудани ҳамбастагии миллӣ ва сулҳ дар хоки тоҷикон даъват мекарданд.

Аз соли 1994 рӯзномаи «Ҷумҳурият» баъди танаффуси начандон тулонӣ (бинобар мушкилоти молиявӣ) ба нашр шуруъ кард, ки таъсиси он аз моҳи марти соли 1925 оғоз ёфтааст. Шумораи якуми рӯзнома зери унвони «Иди тоҷик» нашр шуда буд. Ин рӯзнома солҳои шуравӣ ба унвони нашрияи асосии ҷумҳурӣ шинохтаву эътироф гардида буд. ««Ҷумҳурият» – нашрияи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо собиқаи беш аз 90-солаи фаъолият (шумораи нахустини он бо номи «Иди Тоҷик» 15 марти соли 1925 интишор ёфта, аз шумораи дуюм номи «Бедории тоҷик»-ро мегирад ва ҳамин тавр, замони шуравӣ се маротибаи дигар номи худро ба «Тоҷикистони сурх», «Тоҷикистони советӣ» ва «Тоҷикистони шӯравӣ» иваз мекунад, аз 9 сентябри соли 1991 бо номи «Ҷумҳурият» нашр мешавад» [106, с.112-113].

Зарурати таҳлили илмӣ ва фаҳми амиқи хусусиятҳои ташаккули матбуоти даврӣ дар Тоҷикистон пас аз пош хӯрдани Иттиҳоди Шуравӣ,

дар пайи тағйироти бунёдӣ дар ҳамаи соҳаҳои ҳаёти ҷомеа баъд аз ба даст овардани Истиқлоли давлатӣ дар соли 1991 ба миён омад. Ин давра бо гузариш аз модели тоталитарии ҷомеа ба самти демократӣ ва иқтисоди бозорӣ хос аст, ки бо дигаргуниҳои ҷиддӣ дар ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии кишвар ҳамроҳ гардид. Ин дигаргуниҳо бо иваз шудани парадигмаҳои кӯҳнаи идеологӣ ва ташаккули арзишҳои нави иҷтимоӣ-фарҳангӣ алоқаманданд.

Дар ин шароит нақши воситаҳои ахбори омма, бахусус, матбуоти даврӣ аҳаммияти хосса касб кард. Муҳаққиқ К. Расулзода, воқеан, дуруст қайд менамояд, ки дар шароити «мубориза҆ҳои геополитикӣ ва иттилоотӣ ҳамчун як рукни ҷаҳонишавӣ амал мекунанд, нақши воситаҳои ахбори омма дар ташаккули афкори омма барои муқовимат ба арзишҳои бегона, устуворӣ дар роҳи худшиносиву худогоҳӣ, ҳифзи фарҳанги миллӣ ба маротиб боло меравад» [80, с. 40].

Ин муҳаққиқ андешаашро идома дода, ишора менамояд, ки «Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар ифтитоҳи муассисаҳои давлатии телевизионии «Варзиш», «Синамо» ва Академияи воситаҳои ахбори омма (1-уми марти соли 2016) ба кормандони ВАО муроҷиат карда, вазифаҳои касбии журналистони тоҷикро дар замони мураккаби глобализатсия (ҷаҳонишавӣ – С.А.) дар инъикоси фарҳанги миллӣ, ҳувияти миллӣ, риояи меъёрҳои забони давлатӣ ва ҳифзи он, таъсиргузор будан ба афкори оммаро муҳим шуморидаанд» [80, с. 40].

Дар ҷараёни нашри ин ё он матолиб дар нашрияҳо манфиатҳои миллӣ ва меъёрҳои ахлоқӣ бояд пайваста дар мадди назар бошад. Иттилоот ва ахбори баёншаванда бояд дақиқ санҷида шаванд ва дар ҷараёни нашр ба вайрон нагардидани маъно ва роҳ надодан ба таҳрифкорӣ бояд дар мадди назар қарор бигиранд. Илова бар ин гуна андешаҳо профессор И. Усмонов чунин таъкид менамояд: «Гузоришҳо аз тафтишоти нотамом ва раванди давомдори судӣ бояд ҷабҳагирона набошад. ВАОТ чунин воқеаҳоро яктарафа иникос карда наметавонад.

То ҳукми суд ҳеҷ кас гунаҳгор эълон карда намешавад.

Аз инҳо бармеояд, муҳақиқон роҳҳои онро ҷустуҷӯ менамоянд, ки муайян кунанд, ки чи гуна вазифаи муҳими журналистиро иҷро кардан даркор аст, ки аз он ба ҷомеа манфиат расад, на зарар, чи гуна мардумро озор надода – ҳаққи шаҳрвандиашро поймол накарда, камбудиҳои ҷомеаро аз миён бурдан мумкин бошад. Яъне ҳадаф танқид не, ҳадаф ислоҳ бошад. Инҳо равандҳои душворанд...» [108, с. 41-42].

ВАО унсури муҳимми ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ гардида, метавонанд ҳамчун як институти меҳварии сиёсӣ арзёбӣ шаванд, ки рушди ислоҳоти демократиро дар тамоми фазои пасошуравӣ таъмин менамоянд. Омӯзиши ин падида дар шароити Тоҷикистон қисми муҳимми таҳқиқи табдили расонаҳо дар кишварҳои Осиёи Марказӣ маҳсуб меёбад. Равандҳои гузариш дар минтақа бо назардошти мушкилоти иҷтимоию иқтисодӣ ва сиёсӣ хусусияти махсусро касб карданд.

Ташаккули матбуоти мустақили тоҷик дар шароити ҷанги шаҳрвандӣ (1992-1997) ва буҳрони шадиди иҷтимоию иқтисодӣ сурат гирифт. Ин низоъ ба вайроншавии зерсохторҳои иқтисодӣ, муҳоҷирати оммавии аҳолӣ ва талафоти зиёди ҷонӣ оварда расонд.

Бо барқарор гардидани сохти конститутсионӣ ва сари қудрат омадани роҳбарияти нав дар охири соли 1992 фаъолияти як қатор нашрияҳо ва ҳаракатҳои ҷамъиятӣ, ки дар барафрӯхтани низоъ гунаҳгор дониста мешуданд, қатъ гардид. Вазорати фарҳанг иҷозатномаҳои фаъолияти шаш нашрияи мустақилро бекор намуд ва беш аз 30 нашрия бо сабаби мушкилоти молиявӣ аз фаъолият бозмонданд. Баъзе нашрияҳои мухолифин фаъолияти худро дар хориҷ аз кишвар аз нав оғоз намуданд.

Матбуот, ҳам давлатӣ ва ҳам мухолиф, дар раванди гуфтушунидҳои сулҳ миёни тарафҳои даргир нақши муҳим бозид. Нашрияҳо кӯшишҳои расидан ба оштии миллӣ ва муттаҳидсозии ҷомеаро фаъолона инъикос мекарданд. Дар солҳои баъдӣ масъалаҳои

таҳкими ваҳдат ва суботи миллӣ дар меҳвари таваҷҷуҳи матбуот қарор гирифтанд. Бо вуҷуди ин, матбуоти Тоҷикистон дар давраи пасошуравӣ то ҳол мавриди таҳқиқи амиқи илмӣ қарор нагирифтааст. Аксари таҳқиқоти илмӣ бештар ба матбуоти давраи пешазинқилобӣ ва шуравии охири асри XIX ва аввали асри XX бахшида шудаанд.

Дар замони Шуравӣ, муҳаққиқон З.Ш. Раджабов, А. Нуралиев, А. Саъдуллоев, И. Усмонов ва дигарон дар бораи таърихи журналистикаи тоҷик таҳқиқоти фарогир анҷом доданд. Китоби И. Усмонов ва Д. Давронов «Таърихи матбуоти тоҷик» (1997) аҳаммияти махсус дорад, зеро дар он равандҳои ташаккул ва рушди матбуоти тоҷик дар тули беш аз сад сол таҳлил шудаанд.

Бо вуҷуди пешрафтҳо, то имрӯз таҳқиқоти фарогир ва бунёдие, ки пурра ба давраи пасошуравии журналистикаи тоҷик бахшида шуда бошад, вуҷуд надорад. Дар солҳои охир як қатор тадқиқотҳо ба баъзе паҳлуҳои ин марҳила рӯшанӣ андохтаанд. Аз ҷумла, китоби О. Панфилов «Тоҷикистон: журналистон дар ҷанги шаҳрвандӣ (1992-1997)» бо маводди воқеӣ ва ҳуҷҷатӣ дар бораи вазъи расонаҳо ва рӯзноманигорон дар ин давра муҳим арзёбӣ мешавад.

Пажуҳиши диссертатсионии А. Абдуқодиров, ки ба нақши матбуоти русизабони Тоҷикистон дар инъикоси ҳаёти сиёсӣ ва иҷтимоии кишвар дар нимаи аввали солҳои 90-ум бахшида шудааст, арзиши назарраси илмӣ дорад.

Дар шароити коҳиши умумии теъдоди нашрияҳо ва набудани матбуоти ҳаррӯза нақши телевизион ва радио дар таъмини иттилооти омма хеле калон гардид. Бо вуҷуди дар сатҳи баланд қарор надоштани мундариҷаи иттилоотӣ барои бештари сокинон, бахусус, минтақаҳо ин ВАО ягона манбаи маълумот боқӣ монданд.

Суботи сиёсӣ баъд аз имзои Созишномаи сулҳ дар соли 1997 ба воридшавии технологияҳои нави иттилоотӣ, аз ҷумла рушди интернет мусоидат кард. Аммо дар муқоиса бо дигар ҷумҳуриҳои пасошуравӣ суръати рақамикунонии расонаҳо дар Тоҷикистон то ҳанӯз паст боқӣ

мондааст. ВАО-и онлайнӣ то ҳол мавқеи устувор пайдо накардаанд, ҳарчанд рушди сегменти тоҷикии интернет имкони ташаккули кластери пурраи расонаҳои рақамиро пешбинӣ мекунад.

Бо пош хӯрдани низоми амрию фармонравоӣ ва аз байн рафтани монополияи идеологии ҲК ИШ моҳият ва сохтори матбуоти Тоҷикистон ба таври ҷиддӣ дигар шуд. Ба ҷои сохтори амудӣ модели уфуқии идоракунӣ пайдо шуд; нашрияҳои мустақили тиҷоратӣ ташаккул ёфтанд; матбуот ба ду бахш – оммавӣ ва босифат тақсим шуд.

Аз рӯйи таснифи маъмул матбуоти Тоҷикистон ба сатҳҳои ҷумҳуриявӣ, вилоятӣ, шаҳрӣ, ноҳиявӣ ва маҳаллӣ ҷудо мешавад. Аммо дар сохтори матбуоти маҳаллӣ иерархияи идеологӣ аз байн рафт.

Моликият ба расонаҳо гуногун гардид: матбуоти давлатӣ, хусусӣ ва ҷамъиятӣ. Нашрияҳои давлатӣ бо маблағгузории давлатӣ таъмин мешаванд, дар ҳоле ки нашрияҳои хусусӣ ба манобеи худ такя мекунанд. Новобаста ба мушкилоти иқтисодӣ, рақобати бозорӣ ба рушди матбуоти мустақил ва афзоиши нуфузи он мусоидат кард.

Дар шароити муосир, ду самти асосӣ – матбуоти босифат ва оммавӣ мушоҳида мешавад. Ҳарчанд нашрияҳои оммавӣ ва таблиғотӣ теъдоди бештар доранд, нашрияҳои босифат бо суръати кам рушд мекунанд.

Қисме аз нашрияҳо хусусияти омехтаи иттилоотӣ ва таблиғотӣ доранд. Бесуботии сиёсиву иқтисодӣ ва фурӯпошии низоми обуна ва паҳнкунӣ боиси аз байн рафтани нашрияҳои ҳаррӯза гардид. Имрӯз танҳо якчанд нашрияи марказӣ ҳафтае ду маротиба ва аксарияти онҳо ҳафтаина ё моҳона интишор мешаванд.

Таҳлили матбуоти даврии Тоҷикистон дар солҳои 1991-2020 нишон медиҳад, ки дар баробари пешрафтҳо, як қатор мушкилот низ боқӣ мондаанд. Аз дастовардҳо метавон саҳми матбуотро дар тағйироти сиёсӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодии ҷомеа зикр кард. Он аз василаи таблиғоти ҳизби ҳоким ба як ниҳоди мустақили иҷтимоӣ табдил ёфт.

Бо вуҷуди ин, набудани бетарафӣ ва хидмат ба манфиатҳои

гурӯҳҳои сиёсӣ боиси коста гардидани эътимод ба матбуот шуд. Дар пасманзари афзоиши шумораи нашрияҳо, камбуди иттилооти воқеъбинона ва босифат эҳсос мегардад. Матбуоти зард, ки ба манфиати молиявӣ равона шудааст, ба як бахши асосии бозор табдил ёфтааст.

Дар ин давра телевизион мавқеи хоссро ишғол мекунад: ҳангоме ки ба ҳар 1000 нафар аҳолӣ ба ҳисоби миёна 65 нусхаи рӯзнома рост меояд, телевизион то 80% аҳолиро фаро мегирад. Тибқи назарсанҷиҳо, дар чаҳор шаҳри калони Тоҷикистон 81%-и аҳолӣ шабакаҳои телевизионии маҳаллиро манбаи асосии иттилоот мешуморанд. Матбуоти чопӣ ва радио мавқеи дуюм ва сеюмро ишғол мекунанд. Шабакаҳои телевизионии хориҷӣ, бахусус, Россия барои 87%-и аҳолӣ манбаи алтернативии маълумот ба ҳисоб меравад.

Нашрияҳои давлатӣ услуби шуравиро нигоҳ доштаанд. Гарчанде саҳифаҳо бо сифати баланд тарҳрезӣ шудаанд, аммо якрангӣ ва набудани визуализатсия ба хонандагон писанд нест. Нашрияҳои хусусӣ бо тарҳи қолиб мутобиқ ба завқи хонандагон фаъолият доранд, аммо сатҳи забонӣ ва услубии онҳо паст аст. Ғалатҳои имлоӣ ва грамматикӣ, инчунин, истифодаи зиёди вожаю ибораҳои арабӣ барои оммаи васеъ мушкилӣ эҷод мекунад.

Дар ҳама ҳолат набояд фаромӯш кард, ки «журналист дар эҷоди асар озод аст, вале озодии касбии эҷоди асари журналистӣ дараҷаи баланди масъулияти шахсӣ ва масъулияти ахлоқиро тақозо мекунад. Ба ибораи дигар, журналист ҳангоми эҷоди асари журналистӣ на танҳо дар назди ҷомеа ва аудиторияи худ, балки дар назди қаҳрамонони асараш, дар назди коллективи журналистие, ки бо ӯ кору фаъолият доранд ва ҳамчунин, дар назди худ низ масъул мебошад» [120, с. 101].

Аз ин андешаҳо бармеояд, ки дар радифи меъёрҳои ҳуқуқӣ донистану риоя кардани меъёрҳои ахлоқӣ низ барои журналист муҳимму зарур аст.

Хулоса, дар боби дуюми диссертатсия равандҳои ташаккул ва инкишофи амалии низоми нави матбуоти даврии Ҷумҳурии Тоҷикистон

дар давраи солҳои 1991-2020 мавриди таҳлил қарор гирифта, муайян карда шуд, ки ин марҳила бо дигаргунсозиҳои сифатӣ ва сохторӣ дар фаъолияти ВАО тавъам буда, матбуоти тоҷикро ба зинаи нави рушд ворид намудааст.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки ташаккули низоми нави матбуоти даврӣ дар Тоҷикистон дар заминаи барҳам хӯрдани модели мутамаркази шуравӣ ва гузариш ба шаклҳои гуногуни моликият, идоракунӣ ва фаъолият сурат гирифтааст. Дар ин марҳила, пайдоиши оҷонсиҳои иттилоотӣ, густариши нашрияҳои хусусӣ ва мустақил, инчунин, рушди матбуоти ҳизбӣ ва минтақавӣ ба рушди бештари фазои иттилоотии кишвар мусоидат намуд. Ин раванд яке аз нишонаҳои асосии ташаккули муҳити нисбатан озод ва бисёровозаи иттилоотӣ дар Тоҷикистон ба шумор меравад.

Маълум мешавад, ки оҷонсиҳои иттилоотӣ ҳамчун унсури нав ва муҳими низоми ВАО дар давраи Истиқлол нақши калидӣ доранд. Онҳо имкони паҳнсозии фаврии иттилоот, мутамарказ намудани ҷараёнҳои хабарӣ ва воридшавии Тоҷикистон ба фазои байналмилалии иттилоотиро фароҳам овардаанд. Ҳамзамон, ташаккули низоми нави матбуоти даврӣ дар шароити гуногунандешии сиёсӣ сурат гирифтааст.

Нашрияҳои даврӣ ба майдони мубоҳисаи сиёсӣ, иҷтимоӣ ва идеологӣ табдил ёфта, дар раванди ташаккули худогоҳии шаҳрвандӣ ва сулҳу суботи пойдор саҳми назаррас гузоштанд. Таҳқиқ нишон медиҳад, ки матбуоти даврии Тоҷикистон дар баробари рушду таҳаввул бо як қатор мушкилоти объективӣ, аз ҷумла маҳдудияти захираҳои молиявӣ, вобастагӣ аз бозори реклама, норасоии мутахассисон ва ғайра низ рӯ ба рӯ гардид. Дар боби мавриди назар собит карда шуд, ки дар солҳои 1991-2020 матбуоти даврии Тоҷикистон тадриҷан аз шаклу низоми сиёсишуда ба самти омехта, яъне шакли иттилоотию таҳлилӣ ва тиҷоратӣ ҳаракат намудааст.

# БОБИ III
# НАҚШ ВА МАҚОМИ ВАО ДАР РАВАНДИ ДЕМОКРАТИКУНОНИИ ҶОМЕА

## 3.1. Нақши ВАО дар таҳаввул ва таҳкими ҳаёти ҷомеа

ВАО дар ташаккули ҷомеаҳои демократии муосир нақши муҳим мебозанд. Онҳо воситаи асосии интиқоли иттилоот, мусоидат ба мубодилаи озоди афкор ва таъмини ҷомеа бо механизми санҷиши қудрат мебошанд. Дар ин зербоб нақши ВАО дар раванди демократикунонии ҷомеа ва мақоми он дар ин замина мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст.

Васоити ахбори омма дар низоми сиёсӣ – муассисаҳое, ки фаъолияташон ба пахн намудани иттилоот дар байни шаҳрвандон ва иштироки онҳо дар равандҳои сиёсӣ мусоидат менамояд, вазифаҳои гуногунро иҷро мекунанд. Муҳаққиқон андешаҳои гуногунро дар бораи ВАО ва фаъолияту вазифаҳои онҳо баён менамоянд. Аксари муҳаққиқон дар раванди демократикунонии ҷомеа вазифаҳои асосии воситаҳои ахбори оммаро дар нуктаҳои зерин мебинанд: интиқоли иттилоот (хабару рӯйдодҳо), ташаккули афкори умум, иҷрои нақши маърифатӣ ва иҷтимоӣ нисбат ба шаҳрвандон, амалӣ намудани назорати ҷамъиятӣ аз болои фаъолияти ҳокимият, ифодаи манфиатҳои табақаҳои гуногуни иҷтимоӣ ва ҳамзамон, фароҳам овардани заминаи ҳамгироӣ ва ҳамбастагии ҷомеаи шаҳрвандӣ.

Воситаҳои ахбори омма, ки матбуот, радио, телевизион, агентиҳои иттилоотӣ ва интернетро дар бар мегиранд, яке аз институтҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ мебошад, ки ниёзҳои ҷомеаро ба иттилоот қонеъ мекунанд. Онҳо дар сиёсати муосир нақши муҳим бозида, муоширати мустақими масъулинро бо аҳолӣ таъмин мекунанд ва ба равандҳои сиёсӣ ва афкори ҷамъиятӣ таъсир мерасонанд.

Аломатҳои фарқкунандаи воситаҳои ахбори омма инҳоянд:

• универсалӣ – ВАО маълумотро дар бораи ҳама мавзуъҳо ва

мушкилоти ҷолиби ҷомеа мерасонад;

• баён – тавассути образ, истифодаи акс ва навор, воситаҳои дидашаванда;

• дастрасӣ – иттилооти ВАО барои одамони дорои ҳама гуна сатҳи маърифат ва фарҳанги сиёсӣ фаҳмо ва дастрас аст;

• муназзам – ВАО василаи интиқоли иттилооти доимо навшаванда;

• ВАО василаи ба таври фаврӣ расонидани иттилоот;

• истифодаи воситаҳои махсуси техникӣ барои интиқолу расонидани иттилоот аз ҷониби ВАО;

• ВАО дорои доираи номаҳдуди истифодабарандагон аст;

• ҷараёни иттилоот дар як самт – аз ВАО ба самти аудитория (истифодабаранда) ҳаракат мекунад.

Вазифаҳои асосии ВАО инҳо мебошанд:

• иттилоотӣ – манбаест, ки ба гирифтани маълумоти нав, ки расмӣ нест, имкон медиҳад.

• Мониторинги фаъолияти воситаҳои ахбори омма (ВАО) дар раванди таҳаввулоти сиёсӣ ва иҷтимоӣ ҳамчун абзори муҳимми муайянсозии мушкилоти мавҷуда ва қабули қарорҳои оқилонаи идоракунӣ нақши калидӣ мебозад. Дар шароити гузариш аз низоми шуравии мутамарказ ба сохтори демократии ҳукуматдорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ВАО ба иҷрои як қатор вазифаҳои муҳимми иҷтимоӣ ва сиёсӣ оғоз намуданд:

• Функсияи иҷтимоикунанда – дар шомилсозии шаҳрвандон ба низоми арзишҳои сиёсӣ, меъёрҳои иҷтимоӣ ва намунаҳои рафторӣ, ҳамчунин дар ташаккули ҷаҳонбинӣ ва муносибати онҳо ба рӯйдодҳои муҳимми сиёсӣ ва ҷамъиятӣ ифода меёбад.

• Функсияи интиқодӣ – тавассути таҳлили танқидӣ ва назорати ҷомеа нисбати фаъолияти мақомот амалӣ мешавад. ВАО ба масъалаҳои дорои аҳаммияти баланди иҷтимоӣ, ки дахолати давлат ва ҷомеаро тақозо мекунанд, диққати хосса зоҳир менамоянд.

• Минбари баҳс – воситаҳои ахбори омма ба фазои озоди

мубоҳисаҳои сиёсӣ ва ибрози андешаҳои мухталиф, аз ҷумла андешаҳои намояндагони табақаҳои гуногуни иҷтимоӣ табдил меёбанд.

• Функсияи идеологӣ – дар ташаккули шуури сиёсӣ ва афкори умумӣ, қонунӣ гардонидани қарорҳои сиёсӣ ва таҳкими эътимоду садоқати ҷомеа ба ҳокимияти амалкунанда баён мегардад.

• Функсияи сафарбарсозӣ – иштирок ва иштироксозии шаҳрвандонро дар амалҳои сиёсӣ ҳадаф мегирад. Ҳокимият тавассути ВАО метавонад гурӯҳҳои иҷтимоиро барои муҳокима, ҳаллу фасли масъалаҳо ва қабули қарорҳои сиёсӣ сафарбар созад.

• Функсияи ҳамгироӣ – ба муттаҳидсозии ҷомеа атрофи ҳадафҳо ва арзишҳои умумӣ равона шудааст, ки ба таҳкими якпорчагии иҷтимоӣ мусоидат мекунад.

• Функсияи таълимӣ – баланд бардоштани сатҳи саводнокии сиёсӣ ва дониши шаҳрвандон дар бораи низоми ҳукуматдорӣ, ҳуқуқ ва масъулиятҳои онҳо тавассути ВАО амалӣ мегардад.

• Функсияи иртиботӣ – ВАО робитаи байни ҷомеа ва мақомотро таъмин менамояд. Илова бар ин, ВАО василаи интиқоли мавқеъгирии ҳокимият нисбати масоили мубрами рӯз буда, ба шаклгирии фазои сиёсӣ ва иқтисодии афкори омма таъсири назаррас мерасонанд.

Воситаҳои ахбори омма дар низоми сиёсӣ нақши муассир доранд. Бидуни фаъолияти ВАО фаъолияти сиёсиро тасаввур кардан ғайриимкон аст. ВАО дар низоми сиёсӣ нақш ва вазифаҳои зеринро иҷро менамоянд:

• институти сиёсии ҷамъиятӣ, ки робитаи иттилоотӣ ва мубодилаи иттилоотиро байни ҳамаи субъектҳои низоми сиёсӣ таъмин менамояд;

• тавассути ВАО сиёсати иттилоотии давлат амалӣ карда мешавад;

• ба раванди ташаккули афзалиятҳои сиёсӣ таъсир расонида, ташкилкунанда ва ҳамоҳангсози ҷараёни иттилоот мебошанд;

• муоширати умумимиллии шахсони алоҳидаву гурӯҳҳо ва баррасии ҷанбаҳои муҳимтарини ҳаёти ҷомеаро таъмин менамоянд;

• ба таври ғайримустақим ба рафтори сиёсии одамон таъсир расонида, инсони муосир иттилооти сиёсиро бештар тавассути ВАО

мегирад ва дар асоси он донишҳои худро ташаккул медиҳад, хулоса мебарорад;

• муоширати мустақими роҳбарону пешвоёни сиёсӣ бо аҳолӣ боиси зарурати иштироки ҳизбҳои сиёсӣ дар ин равандҳо мегардад;

Ба қавли муҳаққиқони хориҷӣ «имконияти таъсири ҳокимият ба тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷомеа, эҷоди воқеияти иҷтимоӣ-сиёсӣ, идоракунии оммавии шуури ҷамъиятӣ» [55, с. 28] тавассути расонаҳо ҳақиқати бебаҳс аст.

Профессор Ҷ. Муқим таъкид менамояд, ки «Давлатҳои абарқудрат барои амалӣ кардани ҳадафҳои геополитикии худ ба ҳар роҳу восита тарғибот мебаранд. Дар ин ҳол ВАО аз олотҳои асосии тарғибот маҳсуб мешавад» [61, с. 9]. Маълум мешавад, ки ВАО на танҳо дар расонидани иттилоот нақш доранд, балки яке аз василаҳои асосии тарғибот низ маҳсуб меёбад.

ВАО ба як навъи қудрат баробар карда мешавад, ки ҷиҳати таъсир расонидан ба шууру рафтори одамон имкониятҳои густарда дорад ва метавонад арзишҳоро низ ташаккул диҳад. Аз ин ҷост, ки ВАО-ро муҳаққиқони соҳа «ҳокимияти чорум» муаррифӣ намудаанд.

Барои тақвият бахшидан ба андешаҳои дар боло баёншуда ва ба ҳукми далел ба навиштаҳои зерини профессор А. Саъдуллоев таваҷҷуҳ зоҳир намудан бамаврид аст: «Феълан, мафҳуме дар доираҳои гуногун ба муҳокима гирифта ва мавриди баҳсҳои тулонӣ қарор мегирад, ки оё журналистика, ВАО чун ҳукмати чорум пазируфта мешавад ё не? Яке онро, воқеан, ҳам чунин менигорад ва ибораи ҳукумати чорумро аз нохунак раҳо медиҳад ва журналистикаро баъди неруи қонунбарору иҷроия ва додгустар як неруи пурқувват меҳисобад.

Гурӯҳи дигар тамасхуромез ханда мезанад ва маъни он писханд ин аст: вай чӣ гуна ҳукумат будааст, ки ҳар кас ҳар чӣ хоҳад мегӯяду касе ба гуфтааш эътиборе намедиҳад. Иддаи дигар дар журналистика воқеан ҳам қувваи азимеро мепазиранд, ки дар дигаргунсозии авзои ҷомеа корҳои бузургеро анҷом медиҳанд, аммо ҳамвора ба ин онро қувваи ҳалкунанда

намешуморанд» [92, с. 11].

Рисолати аслӣ ва меҳварии ВАО дастрас гардонидани иттилоот оид ба воқеияти ҷорӣ, қарору вазъи сиёсӣ, тағйирот дар ҳаёти иҷтимоиву фарҳангӣ ва дигар самтҳои муҳим мебошад. Ин ба шаҳрвандон имкон медиҳад, ки аз хабарҳои тоза огоҳ бошанд ва нисбат ба иттилооти гуногун қарорҳои оқилона қабул кунанд.

ВАО барои муҳокимаи масъалаҳо ва идеяҳои муҳим ба ҳайси минбари муҳокима фаъолият менамояд. Самтҳои гуногунии афкорро тарғиб мекунанд, ки ба рушди фарҳанги демократӣ мусоидат менамоянд. Барои он ки ВАО нақши худро дар ҷомеаи демократӣ иҷро кунад, муҳим аст, ки онҳо дорои мақоми муайян дар ҷомеа бошанд.

Кафолати озодии васоити ахбори омма унсури ҷудонопазири ҷомеаи демократӣ ба шумор меравад. Давлат вазифадор аст, ки истиқлоли расонаҳоро эҳтиром намуда, шароити ҳуқуқиву институтсионалиро барои фаъолияти онҳо бе сензура ва фишори сиёсӣ таъмин намояд. Ба қавли И. Ҳамидиён «Зимнан, агар мо дар бораи озодии баён суҳбат кунем, бешубҳа, дар расонаҳои корпоративӣ аксари маводи чопӣ ба сензура (сонсур) ё худсензура (худсонсур) дучор мешаванд, аммо масъалаи озодии эҷодӣ дигар мавзуъ аст. Рӯзноманигорон метавонанд дар ҳар мавзуъ дар доираи талаботи қонунгузорӣ ва сиёсати идоравӣ эҷод намоянд» [116, с. 168].

Рӯзноманигорон бояд аз таҳдид ва зӯроварӣ ҳифз карда шаванд, то тавонанд озодона кори худро анҷом диҳанд ва фасод ва сӯистифодаро таҳқиқ кунанд. Донистани он ки ВАО ба кӣ тааллуқ дорад, муҳим аст, то тамаркузи қудрат дар дасти чанд нафар ё созмонҳо пешгирӣ карда шавад.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи матбуоти даврӣ ва дигар воситаҳои ахбори омма», инчунин, қонунҳои дигар дар бораи ВАО асосҳои ҳуқуқию ахлоқии фаъолияти касбии журналистиро муқаррар намудаанд. Дар асоси муқаррароти ин қонунҳо метавон пай бурд, ки журналист барои ҷамъоварӣ, таҳлил ва пешниҳоди мардум

намудани маълумоту иттилоот ҳуқуқ дорад, ба шарте ки дигар меъёрҳои санаду қонунҳои дахлдорро вайрон накунад. Нуктаҳои мазкур дар моддаи 28-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи матбуоти даврӣ ва дигар воситаҳои ахбори омма» чунин баён шудаанд:

«1. Журналист ҳуқуҳ дорад:

- ахборро ҷустҷӯ, дастрас, таҳрир ва интишор намояд:
- вобаста ба иҷрои вазифаи журналистӣ бо шахсони масабдор ҳамсубат шавад;
- ҳама гуна далелро, аз ҷумла бо истифода аз воситаҳои техникии аудиовизуалӣ, асбобҳои кино ва аксбардорӣ сабт намояд, ғайр аз мавридҳое, ки қонун манъ кардааст;
- бо нишон додани шаҳодатномаи журналистӣ дар маҳаллҳои махсус муҳофизатшавандаи офатҳои табиӣ, садама, маҳалҳои бетартибӣ ва ҷойҳои ҷамъшавии шаҳрвандон, инчунин дар маҳлҳое, ки дар онҳо вазъи фавқулодда эълон шудааст, дар гирдиҳамоӣ ва роҳпаймоиҳо ҳузур дошта бошад;
- зимни санҷиши далелу ҳолатҳои вобаста ба маводди дастрасгардида ба мутахассисон муроҷиат намояд;
- аз навиштан мақолаи хилофи эътиқодаш даст кашад;
- иттилоот ва маводди омаданамудаашро бо номи худ ва ё номи шартӣ (тахаллус) интишор намояд;
- барои ройгон дастрас намудани иттилоот тавассути дархости журналистӣ вобаста ба иҷрои вазифаҳои касбӣ ба ҳуҷҷатҳои расмӣ дасрасӣ дошта бошад;
- аз зери ахборе, ки мазмуни он, ба фикри ӯ, дар рафти таҳрири редаксияи воситаҳои ахбори омма таҳриф шудааст, номашро гирад;
- оид ба нигоҳ доштани сирри муаллифӣ пешакӣ гуфтугӯ кунад» [129, с. 6].

Ҳуқуқҳои дар боло зикргардида, агар аз як тараф, асоси қонунии фаъолияти касбии журналистро ташкил диҳанд, аз ҷониби дигар, имконоти ҳамкории ӯро бо ниҳоду ташкилотҳои гуногун муқаррар

менамояд.

Дар баъзе мавридҳо манфиатҳои тиҷоратӣ метавонанд аз манфиатҳои ҷамъиятӣ бартарӣ пайдо кунанд. Моликияти мутамарказ метавонад гуногунии овозҳо ва ақидаҳоро маҳдуд кунад. Интернет бо мушкилот дар танзими мундариҷа ва ҳифзи додаҳо рӯ ба рӯ мешавад ва барои таъмини принсипҳои демократӣ равишҳои навро тақозо мекунад. Воситаҳои ахбори оммавӣ барои демократикунонии ҷамъият аҳаммияти калон доранд. Онҳо маълумот медиҳанд, қудратро назорат мекунанд ва ба баҳс дар бораи масъалаҳои асосӣ мусоидат мекунанд. Аммо барои он ки ин вазифаро ба ҷо оваранд, кафолати озодӣ, мустақилият ва шаффофият дар фаъолияти худ зарур аст. Ҳалли мушкилот, ба монанди маълумоти бардурӯғ ва тиҷоратӣ, таваҷҷуҳ ва талошҳои муштараки ҷомеа, ҳукуматҳо ва саноати иттилоотиро талаб мекунад.

Воситаҳои ахбори омма (ВАО) ҳамчун яке аз ниҳодҳои калидии ҷомеаи муосир шинохта мешаванд, ки дар инъикоси вазъияти дигар сохторҳои иҷтимоии давлат нақши муассир доранд. Рӯйдодҳои таърихии солҳои 90-ум тағйироти амиқи геополитикиро ба бор оварданд, ки ба воситаи фурӯпошии системаи сотсиалистӣ ва барҳам хӯрдани Иттиҳоди Шуравӣ ҳамчун як давлат бузург амалӣ гардид. Ин раванд боиси тағйирёбии сохтории сиёсӣ ва иҷтимоӣ дар қаламрави ҷумҳуриҳои собиқи шуравӣ, аз ҷумла Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Давраи гузариш дар Тоҷикистон бо бuҳронҳои амиқ, шикасти робитаҳои иттифоқӣ ва зарурати ташкили низоми нави сиёсӣ, иқтисодӣ ва иттилоотӣ ҳамроҳ буд. Хусусияти хосси вазъи Тоҷикистон дар он зоҳир мешуд, ки кишвари мо эҳё ва эҳтимоми нави давлатдорӣ, ташкили механизмҳои ҳокимияти соҳибихтиёр ва таъмини заминаҳои ҳуқуқии навро аз сифр оғоз намуд.

Дар ин заминаи нав низоми ВАО на танҳо объекти тағйирёбӣ, балки ҷузъи ҷудонашавандаи раванди ислоҳоти сиёсӣ гардид. ВАО натанҳо дар радифи инъикоси рӯйдодҳо ба унвони иштирокчиёни фаъоли ташаккули ҳувияти нави демократии кишвар баромад карданд.

Онҳо чун воситаи миёнарав байни ҳокимият ва ҷомеа амал намуда, мубодилаи иттилоот ва шаклгирии афкори ҷамъиятиро таъмин сохтанд.

Ба ғайр аз нуктаҳои баёншуда руҳияи демократикунонии ҷомеа ба ташаккули жанрҳои нав низ сабаб шуда метавонад. Дар ин хусус муҳаққиқони соҳаи рӯзноманигорӣ М. Муродӣ ва О. Салимзода қайд кардаанд, ки маҳз бо таъсири чунин омил ва равиш «табсира ва суҳбат ҳамчун жанри мустақил шинохта шуд. Дар нашрияҳои хусусӣ колонка ҳамчун сутуни муҳаррир маъмул гардид. Дар бораи жанри алоҳида будан ва набудани таҳқиқи журналистӣ ва токшоу-и телевизонӣ то ҳанӯз ақидаҳо мухталифанд. Муҳим он аст, ки дар рӯзноманигории амалӣ аз имкониятҳои ин жанрҳо фаровон истифода мебаранд» [64, с. 212].

Рушди давлатдории мустақил, ислоҳоти иҷтимоӣ ва иқтисодӣ, инчунин, ташаккули низоми ҳуқуқӣ дар асоси усулҳои демократӣ, бидуни ташаккули сиёсати иттилоотии давлатӣ имконпазир набуд. Дар шароити гузариш ба плюрализм ва болоравии сатҳи озодии сиёсӣ, нақши ВАО дар Тоҷикистон ба бознигарии амиқ ва таҳлили илмӣ ниёз дорад. Зарур аст, ки на танҳо мақоми иҷтимоиву сиёсӣ, балки сатҳи таъсиргузории онҳо дар ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ муайян карда шавад.

Ҳамчун воситаи паҳнкунии дониш ва иттилооти муҳимми иҷтимоӣ ВАО вобаста ба хусусиятҳои қабул аз ҷониби ҷомеа қобилияти таъсиргузории мухталиф доранд. Ба воситаи онҳо паҳншавии арзишҳои демократӣ ва ташаккули механизмҳои иштироки шаҳрвандон дар равандҳои сиёсӣ имконпазир мегардад. Бо вуҷуди ин, роҳи Тоҷикистон ба сӯйи демократия бо душвориҳои зиёде ҳамроҳ буда, аз ВАО талаб мекунад, ки ба модели нави фаъолият мутобиқ гарданд, моделе, ки ба фазои гузариши сиёсӣ мувофиқ бошад.

Таҳлили илмии нақши ВАО дар рушди сиёсати миллӣ аҳаммияти махсус пайдо мекунад. Ин раванд на танҳо як бахши сиёсати иттилоотист, балки соҳаи муҳимми таҳқиқоти илмии сиёсӣ ба шумор меравад, ки ба таҳлили механизмҳои таъсиргузории расонаҳои оммавӣ

ба сиёсат, ташаккули мубоҳисаҳои ҷамъиятӣ ва нақши онҳо дар танзими назорати иҷтимоӣ имконият медиҳад.

Фаъолияти ВАО дар асли худ нишондиҳандаи равандҳои амиқи иҷтимоӣ ва як фишанги полоишӣ барои тағйироти сохтории ҷомеа мебошад. Озодии сухан бо сатҳи рушди демократия бевосита иртибот дорад ва таъмини он яке аз унсурҳои калидии бунёди давлати демократӣ ба ҳисоб меравад.

Бо вуҷуди мавҷудияти як қатор таҳқиқоти байналмилалӣ ва минтақавӣ дар самти нақши ВАО дар сиёсат барои Тоҷикистон, махсусан, дар давраи Истиқлол ин самти илмӣ то охири солҳои 2000-ум камтар коркард шудааст. Аммо дар даҳсолаҳои охир як қатор асарҳои муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷӣ ба таҳлили назариявии ин падида ва таҳаввули он дар кишварҳои Осиёи Марказӣ бахшида шудаанд.

Шуруъ аз нимаи дуюми солҳои 80-ум файласуфон, сиёсатшиносон, ҷомеашиносон, таърихшиносон ва рӯзноманигорон ба баррасии ҷанбаҳои гуногуни фаъолияти ВАО дар шароити гузариш ба демократия пардохтанд. Ин вазъ аз мураккабии масъала ва зарурати таҳқиқи он дар чаҳорчӯби риштаҳои гуногуни илмӣ шаҳодат медиҳад. Дар солҳои охир ба масъалаи тайёр кардани кадрҳои касбӣ дар бахши журналистика, махсусан, дар кишварҳои Осиёи Марказӣ, таваҷҷуҳи бештар зоҳир мегардад, ки ин аз ниёзи ҷиддӣ ба ташаккули медиасектори устувори демократӣ дарак медиҳад.

Аз замони соҳибистиқлолии Тоҷикистон ВАО дар кишвар на танҳо манбаи иттилоот, балки иштирокчии фаъоли равандҳои иҷтимоӣ, сиёсӣ ва иқтисодӣ буд. Он дар ташаккули афкори умум, мафкураи сиёсӣ ва интизориҳои иҷтимоии мардум саҳми назаррас гузоштанд. ВАО ба унвони василаи назорати иҷтимоӣ, воситаи таҳкими шуури шаҳрвандӣ ва дар баъзе ҳолатҳо омили фаъолкунандаи муҳити эътирозӣ баромад карданд.

Танаввуи шаклҳо ва муҳтавои маҳсулоти расонаӣ дар бозори иттилоотии Тоҷикистон гувоҳи он аст, ки низоми нави плюралистии

расонаӣ тадриҷан шакл гирифта истодааст. Пайдоиши низоми ҳизбҳои сиёсӣ, фаъолияти субъектҳои хусусӣ ва ғайриҳукуматӣ, инчунин, табдили муносибатҳои байни давлат ва расонаҳо ба ташаккули қарордоди нави иҷтимоӣ байни давлат ва ҷомеаи шаҳрвандӣ замина фароҳам овардааст.

Дар ибтидои асри XXI ВАО вазифаи калидӣ доранд: онҳо воситаи асосии иртиботӣ байни давлат ва ҷомеа, манбаи иттилоот дар бораи фаъолияти мақомоти давлатӣ ва барномаи стратегияи онҳо, инчунин, воситаи шаклдиҳии андешаи ҷамъиятӣ мебошанд. Ба воситаи ВАО ҳам дастгирии сиёсати давлатӣ ва ҳам интиқоди он, ҳамбастагии иҷтимоӣ ва инчунин, нигарониҳои мардум ба вуҷуд меояд. Воқеан, ба қавли профессор А. Саъдуллоев «Ахбор мисли ғизо мисли обу ҳаво, мисли як воситаи рӯзгузаронӣ барои ҳар яки мо аз зарууртарин матолиботи ҳаётӣ гаштааст. Бахусус, дар замоне, ки саросари олам пур аз воқеоти ғайри мутарақиба асту сарнавишти худи инсон дар чорраҳаи мавҳуме номаълум меистад, ҳар як хабари сиёсӣ, иҷтимоӣ, фарҳангию илмӣ ҳассосона пазируфтаю аз ҷониби ҳар фард ба таври инфиродӣ таҳлил ва арзёбӣ мешавад. Ҳамзамон, бо ин воситаҳои ахбор ва маводди он низ падидаи синкретӣ қабул кардаанд, дар ҳар гуна иттилоъ таҷаммуи воситаҳои журналистӣ, техникӣ ба мушоҳида мерасад» [92, с. 5].

Рушди ҳамкории ВАО бо хадамоти робита бо ҷомеа дар шароити Тоҷикистон, ки дар марҳилаи ташаккул қарор дорад, ба таҳқиқоти амиқ ва бисёрҷабҳа ниёз дорад. Ин ҳамкорӣ имрӯз дар чорроҳаи чанд фан – журналистика, ҷомеашиносӣ, сиёсатшиносӣ ва забоншиносӣ қарор дорад ва ба сабаби хусусияти мураккаби он аҳаммияти тадқиқотии хосса пайдо кардааст.

Табиист, ки дар ин соҳа стратегияҳо ва механизмҳои таъсиргузорӣ пайваста тағйир меёбанд, ки дар шароити кишварҳои дорои низоми гузариш, аз ҷумла Тоҷикистон, бояд тавассути таҳқиқоти мукаммал арзёбӣ шаванд. Дар ҳамин замина, таҷрибаи миллии Тоҷикистон ҳамчун мисоли омӯзишӣ дорои аҳаммияти назаррас мебошад, зеро ташаккули медиасектори муассир ҳанӯз дар оғози роҳ қарор дорад ва ба

ҳассосиятҳои миллӣ, сиёсӣ ва фарҳангӣ такя мекунад.

Дар марҳилаи кунунии рушди Тоҷикистон тиҷорату соҳибкорӣ метавонад ҳамчун «рушди муносибатҳои ҷамъиятӣ» маънидод гардад, зеро ин мафҳум барои бозори ватанӣ комилан нав аст. Асоси муносибатҳои ҷамъиятиро, асосан, дар ширкатҳои калон ва дар мақомоти давлатӣ дар шакли хадамоти матбуот, маркази матбуот, котиб ва дигар шаклҳое, ки нақши муносибатҳои ҷамъиятиро мебозанд, ба вуҷуд меоранд. Дар фазои иттилоотӣ ин як соҳаи масъулияти умумии касбии журналистон ва мутахассисони робита бо ҷомеа мебошад. Ҳамзамон, мақомот дар ин ҷо ба тозагии экологии методология ва технологияи он масъул аст ва васоити ахбори омма мисли дигар ҳама гуна шаффофият ва ошкоро будани соҳаи муносибатҳои ҷамъиятӣ таъмин карда мешаванд.

Аз ин лиҳоз, таҳлили фаъолияти мақомоту ниҳодҳо дар васоити ахбори оммаи бо забони русӣ низ дар Тоҷикистон бениҳоят муҳим аст ва дар илм ва амал манфиати зиёд дорад. Ҳамчунин, аҳаммияти чунин бархурду муносибат аз он иборат аст, ки асосҳои назарии ташаккули вазифа ва таъйиноти нави муносибатҳои ВАО бо ҷомеа дар фазои пасошуравӣ таҳия карда мешаванд.

Иртибототи иҷтимоӣ ҳамчун падидаи иҷтимоию иқтисодӣ бо масъалаҳои ташаббуси соҳибкорӣ ва фаъолиятҳои маркетингӣ робитаи зич доранд. Аз ҳамин ҷиҳат, ин соҳа аксаран дар доираи назарияҳои ташкилу идоракунӣ мавриди таҳқиқ қарор мегирад. Бархе аз муҳаққиқон барои ифодаи ин самти таҳқиқотӣ истилоҳи «менеҷменти иртиботӣ»-ро ба кор мебаранд. Бо вуҷуди ин, доираи фаъолият мунтазам васеъ мешавад, ки ҷомеашиносии сиёсат ва коммуникатсияи иҷтимоӣ-оммавиро фаро мегирад.

Яке аз муносибатҳои асосии калидӣ дар ҷомеа ин муносибат бо ВАО мебошад. Барои сохторҳои тиҷоратӣ ва ҳукуматӣ, шарикӣ бо ВАО-и электронӣ ва чопӣ яке аз вазифаҳои муҳимтаринест, ки ташкилотҳо дар назди онҳо қарор медиҳанд. Дар ҳақиқат, барои фарогирии васеи

фаъолияти як ширкати мушаххас бояд эътимод ва эҳтироми намояндагони васоити ахбори оммаро ба даст овардан лозим аст. Барои ин, бояд мафҳуми муносибатҳои муассир бо васоити ахбори омма ва маҳорати ба роҳ мондани муносибатҳои кориро бо рӯзноманигорон донист.

Ба андешаи муҳаққиқон М. Муродӣ ва О. Салимзода «мушкилоте, ки дар раванди эҷод, бавижа, дар марҳалаи дасрасии иттилоот дар муҳити рӯзноманигории ватанӣ рух медиҳанд, на танҳо ба надонистани ҳуқуқ ё ҳуқуқҳояшонро истифода накардани журналистон, балки ба бепарвонву бемасъулиятӣ ва мустақил набудани баъзе роҳбарон ё ба мафҳуми журналистӣ «манбаъҳои ахбор» низ вобастагӣ дорад. Чун ҷониби «манбаъҳои ахбор» ба пешвози журналистон намебароянд, гузашта аз ин дар дастрасии иттилоот монеа мешаванд, раванди фаъолияти эҷодӣ халалдор мегардад ва дар фазои иттилоотӣ ҷойи ҳақиқати ҳолро тахмину фарзияҳо мегиранд» [64, с. 72-73].

Муносибатҳо бо васоити ахбори омма барои тарафайн муфиданд ва метавонанд ҳам аз ҷониби сохторҳои ҷамъиятӣ, тиҷоратӣ ва ҳукуматӣ ва ҳам журналистон барқарор шаванд. Муносибати васоити ахбори омма бо марказҳои матбуотӣ, оҷонсиҳои мухталиф ин муносибатест, ки бар эътимоди тарафайн асос ёфтааст, дар ин ҳолат, мубодилаи хидматҳо ва иттилоот нақши муҳим дорад. Фаҳмиши умумии мутахассисони ВАО ва журналистон, пеш аз ҳама, ба манфиати ҷомеа, ба манфиатҳои муштариён (барои журналистон) ва манфиатҳои гурӯҳи мақсаднок (барои мутахассис оид ба робита бо ҷомеа) равона шудааст.

Нукоти дигари муҳимме, ки ба таҳкими ҳаёти иҷтимоӣ мусоидат карда, ҳамзамон, барои рушду таҳаввули ВАО заминаи мусоид фароҳам меорад, масъалаҳои мурбат ба «ахбори оммавӣ» аст. Он ахбор ва ё иттилооте мебошад, ки на ба манфиату суди инсон ва ё доираи мушаххас хидмат мекунад, балки ба гурӯҳи одамон нигаронида шудааст. Воқеан, дуруст аст, ки вақте «Он барои худшиносӣ, рушд ва набзи ҷомеа даркор аст.... Чун ахбор ва ахбори оммавиро шинохтем, барои мо донистани

журналистика ҳамчун василаи фаъолияти оммавии ахборӣ осон мешавад. Барои он танҳо дарки муҳтавои воситаҳое зарур мешавад, ки ин ахбори оммавиро паҳн мекунанд» [108, с. 8].

Маълум аст, ки дар ҳар кадом ҷомеа ва кишвар ВАО хусусиятҳои фарқкунанда ва ба худ хос доранд. Ба андешаи профессор И. Усмонов «Ахбори умумӣ барои ҳама, яъне омма равона шудааст, барои афкори ин гурӯҳ мувофиқ меояд, мавқеи ягонаи онҳоро ба амал меорад, ё ба вуҷуд овардан мехоҳад, аз нигоҳи маъно ва арзиш (қиммат) ба гирандаҳо дасрас шудан, барои иштироки амалии ҳар кас имконпазир будан. Ин ва монанди ин соири хислатҳои воситаҳои ахбори омма рӯҳияи иҷтимои сиёсии онро пурқувват мекунанд» [108, с. 8-9].

Муносибатҳои ҷамъиятӣ бидуни васоити ахбори омма ҳамчун фаъолияти мустақил вуҷуд дошта наметавонанд. Маҳз ВАО фишанги асосии кори минбаъдаи дигар ниҳодҳо мебошанд. Васоити ахбори омма воситаҳои амалисозии барномаи равобити ҷамъиятӣ мебошанд. Аслан, равобит бо ВАО раванди дуҷониба аст. Аз як тараф, ташкилот иттилоот пешниҳод мекунад ва бо дархости ВАО барои онҳо шароити мусоид фароҳам меорад, аз ҷониби дигар, ВАО барои интишори шарҳу ахбор чораҳо меандешад. Эътимод ва эҳтироми мутақобила байни созмону ниҳодҳо ва васоити ахбори омма заминаи зарурӣ барои равобити хуб аст.

Масъалаи рушди фаъолияти ВАО дар Ҷумҳурии Тоҷикистон омилҳои зеринро фаро мегирад: бозори иқтисодии кишвари мо ташаккул ёфтааст ва ширкатҳои ватанӣ ба наздикӣ ба эҳтиёҷот ва аҳаммияти он шуруъ карданд. Вазъият дар мақомоти давлатӣ шабеҳи он аст. Дар муассисаҳои давлатии Тоҷикистон ягон шуъбаи робита бо расонаҳо вуҷуд надорад, ки масалан, бо обрӯйи давлат дар арсаи байналмилалӣ, тавре ки дар хориҷа таҷриба ҳаст, амал кунад. Ҳама вазоратҳои кишвар шуъбаҳои иттилоотӣ доранд, ки кори ВАО-ро дар ин ё он соҳа иҷро мекунанд.

Имрӯз, ҳанӯз ҳам шумораи ками мақомоти давлатӣ дар фикри

ташкили шуъбаи робита бо расонаҳо ҳастанд. Шояд ин бо сабабҳои зерин вобаста бошад: нобоварӣ ба хидматрасониҳои ВАО ба як ниҳоду сохтори ҷудогонае, ки хароҷоти иловагии молиявиро талаб мекунад; бисёре аз роҳбарони мақомоти давлатӣ чунин мешуморанд, ки ба роҳ мондани муносибатҳои ҷамъиятӣ салоҳияти шахсии онҳост, ки онҳо муваффақона ҳаллу фасл карда мешаванд ва истифодаи мутахассисони касбӣ ва салоҳиятдорро талаб намекунанд; тарс аз ҷалби диққати ҷамъиятӣ ба масъалаҳои баҳсталаб ва нодида гирифтани зарурати омӯзиши зиндагӣ ва кор дар низоми нави иҷтимоию фарҳангии муносибатҳои бозаргонӣ, ки дар он доираи таъсири афкори ҷамъиятӣ ва фаъолияти сохторҳои тиҷоратӣ ва ҷамъиятӣ ба таври назаррас тавсеа меёбад.

Барои муаррифии шоистаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҷомеаи ҷаҳонӣ аз тамоми имконоти кишвар бояд истифода кард: олимону муҳаққиқон, сиёсатмадорон, рассомон, варзишгарон ва дигар қишрҳои ҷомеа. Таъсиси кумитаҳо, баргузории ҳама гуна фестивалҳо, пешниҳоди дурусти маълумот ба васоити ахбори омма, беҳтар кардани барномаҳои телевизиони моҳвораии Тоҷикистон дар саросари ҷаҳон ва бисёр дигар роҳҳо барои баланд бардоштани нуфузу эътибори давлат лозим аст, аммо мо бояд дар хотир дошта бошем, ки ин кор заҳматҳои зиёди касбӣ, дастгирии молиявӣ ва натиҷаро талаб мекунад ва натиҷаҳо фавран эҳсос карда намешаванд.

Беҳтар намудани имиҷи кишвар муносибати муназзамро талаб мекунад, ки дар тамоми сатҳҳо – аз сиёсати давлатӣ ва барномаҳои миллӣ то соҳибкории миллӣ, дин, санъат, матбуот ва ғайра вобаста мебошад. Мо ба ин гуна барномаҳо ниёз дорем, ки метавонанд симои мусбати давлатро тавассути ВАО муаррифӣ кунанд. Масалан, таъсиси сохторе, ки масъулияти онҳо интишори маълумоти мусбат дар Интернет, посух додан ба нашрияҳои нисбати давлату Ҳукумати Тоҷикистон назари манфидошта, посухи расмӣ ё кӯшиши гирифтану рад кардани далелҳои нашрияҳои дорои маълумоти бардурӯғе, ки низомро бадном

мекунад ва ғайра.

Усулҳои афзоиши нуфузу обрӯи давлату миллат тавассути ВАО дар журналистика, ба сифати шеваю роҳи муҳим бояд баррасӣ ва арзёбӣ карда шаванд. Бо пахши иттилоъ ва ё ахбор дар ВАО таваҷҷуҳи қишрҳои гуногуни ҷамъият ба масъалаи мушаххас ҷалб мегардад. Дар ҳақиқат, ин омил боиси рангу сифати дигару хубтар гирифтани таъсири мутақобилаи ВАО ва ҷомеа мегардад. Ба қавли профессор А. Саъдуллоев «Ба ҳар як ахбор одамон аз диди инфиродии хеш,мувофиқи завқу салиқа ва дараҷаи маърифати худ баҳо медиҳанд. Аммо агар ба ниҳоду муҳтавои васоити ахбор, тарҳи коргузорӣ ва ҷонибдориҳои ин васоит амиқ  (мутаваҷҷеҳ – С.А.) шавем, зуд пай мебарем, ки куллияи онҳо аз манфиатҳои гурӯҳе, созмоне, аҳзобе, ҷомеае ҳифозат мекунанд ва ошкор набошад ҳам, бо роҳу воситаҳои гуногун ғоя, идеали ҳамақидаҳои худро талаққӣ медиҳанд» [92, с. 5].

Маводди бештари ВАО-и Тоҷикистон ба ҳамкориҳои ҳамаҷонибаи кишвар бо Россия бахшида шудаанд ва аз омӯзиши онҳо метавон чунин натиҷагирӣ кард: Мақолаҳо дар бораи саҳми Россия дар рушди иқтисоди Тоҷикистон бо суръати баланд интишор карда мешаванд. Ин мумкин аст, ки тамоми маводди имрӯзаи ҳамкориҳои иқтисодии дар Россия ва Тоҷикистон нашршуда ва истифодаи усулҳои гуногун дар онҳо як марҳилаи нав дар журналистикаи муосир гардиданд. Равшан аст, ки дар ҳар як ҳолати мушаххас мо метавонем дар бораи самараи симою нуфузсозӣ ё дар бораи самти журналистии мақолаҳо суҳбат кунем. Дар ниҳояти кор, ҳама чиз аз объектҳои инъикос, тарзу усулҳо, аз ҳама муҳим, аз мақсаду вазифаҳое, ки шунавандагон бояд иҷро кунанд, вобаста аст.

Дар Тоҷикистон усулҳои фаъоли ташвиқу тарғиби фаъолиятҳо дар вақтҳои охир ҳам дар матбуот ва ҳам дар васоити электронӣ ба кор бурда мешаванд. Дар робита ба ин, дар ҷанбаи ҳуқуқӣ, масъалаҳои ташвиқи фаъолиятҳо кушода боқӣ мемонанд. Ҳамин тавр, масалан, ҳуқуқи муаллифӣ дар ВАО хеле муҳим аст. Ҳангоми паҳн кардани ин ё

он маълумот муаллиф бояд барои ҳар як калима масъулиятро дарк кунад. Илова бар ин, ҳар як журналист ҷанбаҳои ҳуқуқии фаъолияти худро бояд хуб донад.

Донистани ҷанбаҳои ҳуқуқӣ ба журналистон имкон фароҳам меоварад, ки «дар раванди фаъолияти эҷодӣ аз манобеи зиёд истифода баранд, иттилооту маълумоти ҳосилшударо бо усулҳои гуногун истифода кунанд. Дар рӯзноманигории имрӯзи тоҷик яке аз манбаъҳои нисбатан маъмулу серистифодаи дасрасии ахбору маълумот инсон шудааст. Ба ин маънӣ, аксари рӯзноманигорон, хосса, журналистони ҷавон, аз усули пурсиш кор мегиранд. Рукни асосии усули пурсиш шинохт ва интихоби респондент, яъне нафаре, ки доир ба мавзуи барасишаванда огоҳӣ дорад, мебошад» [64, с. 74-75].

Шартномаи муаллифӣ дар бораи истифодаи мавод дар матбуоти даврӣ метавонад шифоҳӣ баста шавад. Ҳамин тариқ, пайомади шароите, ки дар он мавод нашр карда мешаванд, гузошта намешавад ва барои журналистика ин ҳолат мувофиқ аст, ки барои равобити ҷамъиятӣ манъ аст.

Дар шароити муосир равандҳои идоракунӣ ва танзими муносибатҳои иҷтимоӣ тадриҷан аз доираи шаклҳои анъанавии иртибот берун рафта, торафт бештар ба танзими каналҳои нави муошират, аз ҷумла равандҳои маркетингӣ равона мегарданд. Ин тағйирот ва табдили муҳтавои иртибот ва иттилоот на танҳо муносибатҳои классикиро фаро мегиранд, балки ба шаклҳои мураккабтари ҳамкорӣ миёни бахши давлатӣ, тиҷоратӣ ва ҷомеа низ таъсир мерасонанд.

Дар ҳамин замина, масъалаи ташаккули симои мусбати соҳибкории иттилоотӣ ва тиҷорати миллии тоҷик дар дохили кишвар то андозае аҳаммияти аввалияро аз даст медиҳад, зеро сатҳи эътимоди афзоянда аз сӯйи давлат ва ҷомеа ба фаъолияти бахши хусусӣ ба таври ғайримустақим таҳкими иқтисоди миллиро таъмин менамояд.

Таҳияи сиёсати самарабахши иттилоотӣ танҳо дар ҳолате муяссар мегардад, ки ҳамаи бозигарони калидии муҳити иттилоотии кишвар,

махсусан, соҳибон ва роҳбарони ширкатҳои пешсаф, ба муколама ва ҳамоҳангсозии манфиатҳо ҷалб шаванд. Ин шахсон, ки сиёсати дохилии иттилоотии ширкатҳои худро муайян менамоянд, ҳамзамон, дар ташаккули чеҳраи ҷамъиятии соҳибкории ватанӣ саҳми муҳим доранд.

Дар чунин ҳолат рушди симои касбии роҳбарони ширкатҳо бо дарназардошти таҷрибаи кишварҳои пешрафта аҳаммияти хосса пайдо мекунад. Ҷомеа ба намунаҳои муосири муваффақ ниёз дорад. Шахсоне, ки дар муҳити озоди иқтисодӣ ва сиёсӣ ба комёбӣ ноил шудаанд ва ҳамчун намунаи ибрат барои ҷавонон хизмат мекунанд. Агар дар замони шуравӣ қаҳрамонҳои миллӣ асосан ҳунармандон ва олимони фанҳои дақиқ ба шумор раванд, дар ҷомеаи демократӣ ва иқтисоди бозорӣ шахсиятҳои соҳибкор ва менеҷери муваффақ ба ҳайси намуна баромад мекунанд.

Таҷрибаи байналмилалӣ нишон медиҳад, ки роҳбарони ширкатҳо тавассути ташаккули бренди шахсӣ на танҳо дар муваффақияти тиҷорат, балки дар ташаккули имиҷи мусбати кишвар саҳм мегузоранд. Дар пайи чунин таҷриба, садҳо ҳазор ҷавонон дар саросари ҷаҳон аз роҳу равиши онҳо илҳом гирифта, тасмим мегиранд, ки кори шахсии худро оғоз кунанд ё роҳбари муассири ширкате гарданд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон низ ба шахсиятҳои аз ин ҳам зиёди соҳибкоре ниёз дорад, ки ҳамзамон, намунаи касбият, дурусткорӣ, навоварӣ ва шуҷоат бошанд. Қайд кардан зарур аст, ки дар кишвар аллакай баъзе таҷрибаҳои мусбат ҷой доранд, монанди таъсиси ширкатҳои нави мобилӣ, ки тавассути сифати хизматрасониҳояшон имиҷи хуби соҳибкориро эҷод карданд. Бо вуҷуди ин, дар сатҳи умумии афкори ҷамъиятӣ муносибати эҳтиёткорона ба соҳибкории калон ҳанӯз побарҷост. Шумораи зиёди шаҳрвандон бо сабаби тарс аз мушкилоти эҳтимолӣ, аз оғози фаъолияти соҳибкорӣ худдорӣ менамоянд.

Дар ин замина, воситаҳои ахбори омма вазифадоранд ба ҷомеа нишон диҳанд, ки мудирияти соҳаи соҳибкории тоҷик дар дасти мутахассисони боэътимод ва масъул қарор дорад, нафароне, ки на танҳо

барои манфиати шахсӣ, балки барои рушду шукуфоии кишвар кӯшиш мекунанд. Намояндагони мақомоти давлатӣ низ дар ташаккули ин симо нақши муҳим мебозанд, зеро муносибати онҳо ба соҳибкорӣ тавассути ВАО-и дохилӣ ва хориҷӣ бозтоб меёбад ва ба тасмимҳои сармоягузорон таъсир мерасонад.

Айни ҳол таъсири сохторҳои давлатӣ ба имиҷи соҳибкории миллӣ назаррас боқӣ мондааст. Гузаронидани тадбирҳои зарурӣ нисбат ба баъзе ширкатҳо соҳибкоронро водор сохтааст, ки зарурати муколамаи пайваста бо мақомоти давлатӣ ва танзимгаронро таъкид кунанд. ВАО дар ин раванд нақши миёнарав ва муҳаррики муҳимми ташаккули симои соҳибкории миллиро доранд. Бо вуҷуди ин, фазои иттилоотии муосири Тоҷикистон то ҳол воқеиятҳои соҳаи соҳибкориро пурра ва ҳамаҷониба инъикос намекунад. Ин мушкилот бо чанд омил вобастагӣ дорад: на танҳо шумораи ками нашрияҳо ва воситаҳои ахбори оммаи махсусгардонидашуда барои бозори тиҷорат, балки мавҷуд набудани барномаҳои телевизионӣ ва расонаҳое, ки ба мавзуъҳои иқтисодӣ ва соҳибкорӣ тамаркуз дошта бошанд.

Ҳамин аст, ки бисёре аз ширкатҳо, ташкилотҳо ва бонкҳо маҷбур мешаванд маҷалла ё нашрияҳои корпоративии худро таъсис диҳанд. Ба андешаи И. Ҳамидиён «ВАО-и корпоративӣ барои ширкатҳо дар заминаи афзоиши динамикии ниёз ба ҷараёни иттилооти дохилӣ ва берунӣ заруранд. Ин намуди ВАО ба кормандон тасвири мукаммал, маълумоти боэътимод ва тасдиқшударо аз дохил пешкаш мекунад» [116, с. 152].

Барои пешниҳоди иттилооти босифат дар бораи равандҳои иқтисодӣ ва фаъолияти соҳибкорӣ рӯзноманигорони дорои дониш ва тахассуси мукаммал дар соҳаи иқтисод, ҳуқуқ ва менеҷмент заруранд. Дар сурати набудани чунин кадрҳо рушди журналистикаи соҳибкорӣ дар Тоҷикистон ба мушкил рӯбарӯ хоҳад шуд.

Ҳамин тариқ, имиҷи тиҷоратии ВАО тоҷик ва, умуман, соҳибкорию соҳибкорон як маҷмуи бо ҳам алоқаманд буда, мавзуъҳое,

ки дар он мубоҳисаҳои намояндагони гурӯҳҳои мухталиф сурат мегирад, метавонанд шавқовар бошанд. Ин гурӯҳ аз соҳибкорон, сиёсатмадорон, ходимони ҷамъиятӣ ва рӯзноманигорон иборат мебошанд.

Дар шароити муосир истифодаи васеи технологияҳои интернетӣ дар фаъолияти мақомоти давлатӣ ба як ҷузъи муҳимми равандҳои ислоҳоти иттилоотӣ табдил ёфтааст. Ин раванд, пеш аз ҳама, ба ташкили сомонаҳои расмии босифат, мутаассир ва фарогир равона шудааст, ки имкони робитаи самаранок бо шаҳрвандон, сохторҳои давлатӣ ва инчунин, субъектҳои бахши хусусиро фароҳам меорад.

Таваҷҷуҳи махсус ба сатҳи функсионалӣ ва дастрасии захираҳои интернетӣ ҳамчун унсури муҳимми сиёсати иттилоотии давлатӣ равона мешавад. Бо вуҷуди ин, сифати пасти сомонаҳои расмӣ метавонад ба тасаввуроти ҷомеа таъсири манфӣ расонад, ки дар натиҷа ҷараёни татбиқи стратегияи иттилоотии шаффоф ва самаранок душвор мегардад. Аз ин рӯ, ташкили инфрасохтори рақамии муназзам ва ҷавобгӯ ба талаботи замон, яке аз омилҳои муҳим дар таҳкими пойгоҳи иттилоотии давлат ва гузариш аз низоми анъанавӣ ба низоми демократии иттилоотӣ арзёбӣ мегардад.

Яке аз самтҳо муҳимми муносибатҳои ҷамъиятӣ ин муносибат бо ВАО мебошад. Ба роҳ мондани муносибатҳои самарабахш бо расонаҳои электронӣ ва чопӣ барои ҳама гуна ташкилотҳои тиҷорӣ ё давлатӣ аҳаммияти муҳим дорад. Аз ин бармеояд, ки мафҳуми муносибатҳои муассир бо васоити ахбори омма дар сиёсати муносибатҳои ҷамъиятӣ нақши муҳим дорад.

Дар Тоҷикистон имрӯзҳо тақрибан ҳар як мақомот дар шакли хадамоти матбуот, котиб ва дигар шахсоне, ки вазифаҳои мушаххасро иҷро мекунанд, хадамоти робитаи ҷамъиятии худро дорад. Ҳадафи хадамоти матбуотӣ таъмин намудани миқдори ниҳоии нашрияҳо ё пахши барномаҳои радио ва телевизионӣ мебошад, ки дар бораи ширкат, вазорат, ташкилот ва ғайра маълумоти дорои хусусияти тарғибию ташвиқӣ доранд, то ки дар бораи зуҳуроту равандҳо ва

гирифтани иттилооти зарурӣ маълумот дошта бошанд.

Ширкатҳои калон хадамоти матбуотӣ ё марказҳои матбуотии худро доранд. Аксар вақт онҳо воҳидҳои шуъба ва ё раёсате мебошанд ва шахси масъули иртибот бо матбуот ба сардори шуъба ё раёсат хабар медиҳад. Дар ташкилоти хурд ин вазифаро бо дигар вазифаҳои иҷрокунанда метавон якҷоя кард. Ба андешаи мо, муҳим он аст, ки чунин афрод маълумоти зарурира ҷамъ оварда, далелҳоро таҳлил намуда, воқеаро, қабл аз ҳама худашон дуруст дарк карда тавонанд.

Ҳақ бар ҷониби профессор И. Усмонов аст, ки дар ин маврид бардошту натиҷагириҳои қобили таваҷҷуҳ баён кардааст: «Чӣ гуна анҷом додани ин вазифа аз мавзуи баҳсҳое мебошад, ки солҳои сол байни назариётчиёни гуногунандешаи ВАО, ҳамчунин, ходимони матбуот ва соири васоили ахбор идома меёбад. Дар бисёр мамалакатҳо барои низоми ин корро ба вуҷуд овардан кодекси матбуотро таъсис доданд, ки он ҷое ҳуқуқи расмӣ барои тамоми воситаҳои ахбор дорад ва ҷое чун одобномаи ин ё он нашрия хизмат мекунад» [108, с. 41].

Пас аз таҳлили матбуоти байналмилалӣ ва ватанӣ ба хулосае омадан мумкин аст, ки ҳоло зарурати таъсиси оҷонсиҳои қавӣ ба миён омадааст ва онҳо бо ёрии васоити ахбори умум қолабҳои куҳнаи марбут ба кишвари моро дигаргун карда метавонанд. Масалан, натиҷаҳои таҳлили кору фаъолияти ширкатҳои мобилӣ собит карданд, ки дар маҷмуъ, дар бораи ҷашнҳо, тахфифҳо, озмунҳои дар ширкат гузаронидашуда, дар бораи ғолибони ҷоизаҳо, беҳтарин андозсупорандагон дар байни операторҳои мобилӣ ва чорабиниҳои хайриявӣ мавод нашр карда мешавад.

Дар муқоиса бо солҳои гузашта вазъ ба таври назаррас беҳтар шудааст. Таҳлили фаъолияти шуъбаҳои тарғиботию ташвиқотии ширкатҳои мобилӣ нишон дод, ки баъзе менеҷерон вазифаи худро танҳо ҳангоми омода кардани паёмҳо дар васоити ахбори омма дар бораи ҷамъбасти чорабиниҳо дар ширкат, натиҷаи ҳама гуна озмунҳо, тахфифҳо ва чорабиниҳо мебинанд. Бо вуҷуди ин, иҷрои чунин дастурҳо

набояд дар самти ташкили корҳои иттилоотӣ ва тарғиботӣ дар мадди аввал қарор гирад.

Ин паёмҳо танҳо майдони умумии иттилоотро дастгирӣ мекунанд, аммо дар айни замон на ҳама вақт кори таблиғотӣ мебаранд. И. Ҳамидиён дуруст қайд мекунад, ки «Гоҳе муассисаҳо тариқи роҳандозии маъракаҳои бонуфузи PR барои аудиторияи беруна ин ё он хабарро мерасонанд. Ширкатҳои мобилии муқими Тоҷикистон – «Megafon», «Tcell», «Babilon» ва «Zet-Mobile» ва дигарон мунтазам аз ин таҷриба фаъолона истифода мебаранд» [116, с. 66].

Ҳамин тариқ, мо метавонем бигӯем, ки ВАО дар мавриди ширкатҳои мобилӣ дар мавзуъҳои умумиву такрорӣ иттилоот манзур намуда, гуногунрангӣ дар онҳо камтар дида мешавад. Воситаҳои ахбори омма метавонанд ва бояд ба василаи муассири рушди иттилоот табдил ёбанд.

Вобаста ба такмил додани сиёсати иттилоотии ширкатҳои калони Тоҷикистон бо расонаҳо чунин тавсияҳоро манзур намудан мумкин аст:

– иттилоот бояд ба қадри имкон дастрас бошад, зеро ин соҳаи фаъолият ниҳоят хос аст. Зарур аст, ки пешгирии тафсири нодурусти маълумот, омода кардани китобчаҳо ва тақсимоти варақаҳо дар ВАО (хондан ва фаҳмо) ташкил карда шавад;
– пресс-релизҳоро саривақт фиристад ва маълумотро дар бораи дигаргуниҳо, рӯйдодҳои дар ширкат бавуқуъомада нав кунад;
– барои васоити ахбори омма бо мақсади баланд бардоштани огоҳӣ дар ин самт чорабиниҳои махсус баргузор намояд, масалан, гузаронидани «Рӯзҳои мутахассисони соҳа»;
– саҳмгузорӣ дар навсозӣ бо истифодаи усулҳои эҷодӣ, иншооти ғайритиҷоратӣ (китобхонаҳо, осорхонаҳо) барои инъикоси ВАО;
– пас аз пурра такмил додани маълумот ҳам дар вебсайт ва ҳам дар марказҳои пардохт, шуъбаҳои ноҳиявӣ, бюроҳои машваратии кушода;
– такмил додани низоми машваратҳои виртуалии on-line дар бораи

хидматрасонӣ ба аҳолӣ ва пардохт;
- маводро бо забони корбар ва баҳраварон дар сомона ва марказҳои хизматрасонӣ нашр кунанд;
- намоиш додани дастовардҳо дар соҳаи алоҳида барои мутахассисон, ҳамчунин, чорабиниҳо, озмунҳо барои донишгоҳҳои техникӣ (бо додани грант барои таҳсил) ва имконияти кор дар ширкат.

Мушкилоти асосии ВАО дар Тоҷикистон ин аст, ки таҳсилот дар ин соҳа дар сатҳи комилан фарогир қарор надорад. Масъалаи мутахассисон соҳаи рекламаро ба ташвиш меорад. Норасоии мутахассисон дар бозор ба зарурати пайдо кардани ин вазъ на танҳо аз ҷониби ширкатҳои алоҳида, балки аз тамоми таблиғот ва ҷомеа оварда мерасонад. Ба ин масъала муҳаққиқ И. Ҳамидиён мутаваҷҷеҳ гашта, навиштааст: «Имрӯз дар бозор мутахассисони боистеъдоди расонаҳои корпоративӣ хеле каманд. Таҷрибаи фаъолияти бевоситаи муаллифи диссертатсия дар матбуоти корпоративӣ маълум намуд, ки ширкатҳо рӯзноманигоронро сарфи назар аз тавсияҳои менеҷерони HR ва ё мутахассисони PR бояд «омӯзонанд»» [116, с. 59].

Дар мамлакати мо муасисаҳои таҳсилоти олии касбӣ мутахассисони махсуси ташвиқу тарғиб (PR) тайёр намекунанд, аммо дар дигар кишварҳои пешрафта мутахассисони PR дар бисёр донишкадаҳо таълим мегиранд. Имрӯз ин ихтисос яке аз касбҳои бонуфузи ҷаҳон аст. Дар мамлакати мо ин мавзуъро донишҷӯёне, ки дар риштаҳои журналистика таҳсил мекунанд, мавриди омӯзиш қарор медиҳанд. Аммо ин дониш барои дар оянда фаъолият кардан басанда аст ва ё нест, суоли такроршаванда аст.

Ба ғайр аз масъалаҳои баёншуда мушкилоти монеаи забон вуҷуд дорад. Адабиёт ба забони русӣ вуҷуд дорад, аммо адабиёт оид ба омӯзиши соҳаҳои зикршуда ба забони тоҷикӣ кам аст. Воқеан, хуб мебуд, ки таҳсилот дар тахассусҳои «робита бо ҷомеа»-и муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар робита бо фаъолияти марказҳои матбуотию иттилоотӣ

корҳои зерин сурат мегирифт;

- кушодани курсҳои махсус, тренингҳо оид ба самтҳои фаъолияти дар боло зикршуда;
- дар низоми нави иҷтимоию фарҳангии муносибатҳои бозаргонӣ кор карданро ёд гирифтан.

### 3.2. Марҳилабандии фазои иттилоотӣ ва матбуоти даврӣ

Фазои иттилоотии муосири Ҷумҳурии Тоҷикистон беш аз ҳарвақта ба фаъолияти рӯзномаҳо ва агентии иттилоотии мустақил такя дорад. Бартарии ин васоити ахбори омма, қабл аз ҳама, дар қобилияти онҳо ба пешниҳоди муҳтавои босифат ва серталаб барои ҷомеа нисбат ба дигар ВАО-и дохилии кишвар зоҳир мегардад. Аммо чунин ҳолат натиҷаи равандҳои таърихии тулонӣ ва таҷрибаи мураккаби гузариш аз низоми шуравӣ ба шаклҳои демократии журналистика буда, на ҳамеша хосси марҳилаи пасошуравӣ мебошад.

***Марҳилаи аввал: солҳои 1991-1997.*** Охири солҳои 80-уми асри XX, ки бо заифшавӣ ва фурӯпошии давлати шуравӣ дар заминаи сиёсати бозсозӣ (перестройка) тавсиф мешавад, оғози як марҳилаи куллан нав дар рушди журналистикаи тоҷик гардид. Дар ин давра, ки метавон онро даврони воқеии озодии баён номид, воситаҳои ахбори омма бори аввал баъд аз даҳсолаҳо имкони фаъолияти нисбатан мустақил ва шароити мусоиди рушдро пайдо намуданд [21].

Васоити ахбори омма тадриҷан худро ҳамчун як шакли қудрати иҷтимоӣ ва сиёсӣ муаррифӣ намуда, дар ташаккул ва таҳаввули раванди сиёсии кишвар нақши муҳиб мебозиданд. Журналистон ва муҳаррирони нашрияҳои пешсаф дар ин давра илова бар фаъолияти касбӣ, инчунин, ҳамчун фаъолони сиёсӣ ва шахсиятҳои таъсиргузори ҷомеа баромад мекарданд. Хусусан, дар солҳои 1988-1992 фаъолияти иттилоотӣ ба як воситаи муҳимми сафарбаркунии идеологӣ ва муборизаи иттилоотӣ баҳри ба даст овардани истиқлоли давлатӣ табдил ёфт [5].

Парадокс он буд, ки болоравии мустақилияти ВАО дар ин давра бо кумаки молиявии худи давлати шуравӣ таъмин мегардид. Яъне, заминаи моддии фаъолияти озодонаи ВАО, бар хилофи шикасти назорати сиёсӣ, аз ҳисоби буҷаи ҳукумати шуравӣ фароҳам оварда мешуд.

Бо шикасти ИҶШС дар фазои иттилоотии Тоҷикистон шакли нави матбуот зуҳур кард, ки дигар иртиботи идеологӣ ё сохторӣ бо модели матбуоти шуравиро надошт. Нашрияҳои нав бо мазмун, забон ва услуби пешниҳоди иттилоъ аз матбуоти ва сензураи сиёсӣ озод шуда, ба инъикоси рӯҳи замон, эҳсосот ва ниёзҳои ҷомеа, ки дар натиҷаи бедории сиёсӣ эҳё гардида буданд, таваҷҷуҳ зоҳир менамуданд. Ҳақ бар ҷониби А. Қутбиддинов (Б. Ҳошимзода) аст, ки навиштааст: «Матбуот дар таҳаввул ва ташаккули фарҳанги нав, ки ҳадафи он барҳам задани анъанаҳои фарсуда буд, нақши устувори худро мегузошт. Сиёсатҳои имрӯзаву гузашта собит намудаанд, ки фарҳанги башарӣ хеле зуд ба ҳадафи сиёсӣ табдил ёфта метавонад» [50, с. 28].

Матбуоти нав, ки бар пояи омезиши эҷодиёти иттилоотӣ ва соҳибкорӣ шакл гирифта буд, ба мушкилоти худмолиявӣ рӯ ба рӯ гашт. Бар хилофи низоми мутамаркази сармоягузории ВАО дар даврони шуравӣ ин гурӯҳҳо маҷбур буданд манобеи молии худро мустақилона пайдо кунанд. Ин ҳолат ҳам заминаи озодӣ ва ҳам манбаи осебпазирии онҳо гардид.

Таҳаввулоти иқтисодиву сиёсие, ки гузариши ҷомеаро ҳамроҳӣ мекард, боиси тақсими дубораи захираҳо дар дохили кишвар гардид. Дар шароити бухрони низоми идораи мутамарказ, нақши роҳбарони мақомоти дорои дастрасӣ ба таври назаррас боло рафт. Баъзе аз онҳо ин захираҳоро барои ҳимояг аз манфиатҳои сиёсии шахсӣ истифода мебурданд, аз ҷумла тавассути таъсиси расонаҳои тобеи худ [106].

Ин гурӯҳҳои нав, ки ба манобеи низом ва идеяҳои ислоҳот ва эҳёи миллӣ такя мекарданд, бо мақсади таҳкими нуфузи сиёсӣ вориди фазои рақобат гардиданд. Бо вуҷуди он ки аксарияти онҳо аз муҳити шуравӣ ба фаъолият шуруъ карда буданд, ба ҳимояти принсипҳои демократӣ ва

зарурати ислоҳи низоми сиёсии кишвар даъват мекарданд.

Ниёз ба пуштибонии иттилоотӣ барои ин гурӯҳҳо омили калидӣ гардид. Дар ҳамин замина зарурати таъсиси ВАО-и хусусӣ ва вобаста ба афроди мушаххас ба вуҷуд омад. Намунаи барҷастаи ин раванд нашрияи «Ҳафтганҷ» ба шумор меравад, ки бо шахсияти маъруфи он замон – Сайфиддин Тӯраев, соҳибкор, президенти контсерни «Хизмат» ва вакили парлумон, иртиботи мустақим дошт.

Яке аз роҳҳои муҳимми ҳузури иттилоотӣ дар шароити гузариш ба низоми нав, истифодаи шаклҳои нави нашрияҳо буд, ки асосан бар пояи сохторҳои иттилоотии мавҷуда ташкил ёфта буданд. Барои бархе аз васоити ахбори омма масъалаҳои мавқеи сиёсӣ, принсипҳои идеологӣ ва ҳадафҳои стратегӣ аҳаммияти ҳалкунанда надоштанд. Бо вуҷуди ин, он расонаҳое, ки тавонистанд ба маъруфият бирасанд, умдатан бо соҳибоне ҳамкорӣ мекарданд, ки дорои ангезаҳои равшани сиёсӣ буданд. Мавқеи сиёсӣ ва ҳадафҳои идеологии онҳо ба самтгирии сиёсии моликон мувофиқат доштанд ва ҳамин чиз дастгирии молиявӣ ва манобеи лозимаро таъмин менамуд [77].

Пас аз барҳам хурдани низоми шуравӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон ба марҳилаи шадиди муборизаи сиёсӣ миёни элитаҳои минтақавӣ ворид гардид. Дар ҳамин марҳилаи сарнавиштсоз ВАО фаъол гаштанд ва дар ибтидо тавонистанд истиқлоли худро ҳифз кунанд. Аммо, баробари ҷомеа муҳити иттилоотӣ низ тақсимбандии минтақавӣ пайдо карда, ҳамгироии миллии худро аз даст дод. Аз охири соли 1992 дар пасманзари харобии ҷанги шаҳрвандӣ, равандҳои ташаккули давлати миллии тоҷикон оғоз гардиданд.

Бо тадриҷан ба вуҷуд омадани фазои воҳиди сиёсӣ ва ҳуқуқӣ дар қаламравҳои таҳти назорати ҳукумат ва мухолифин матбуоти мустақил мақоми худро ҳамчун ниҳоди сиёсӣ аз даст дод. Ба қавли Н. Ҳамроқулова «Он, дар воқеият, дигар наметавонист ҳамчун воҳиди мустақили иҷтимоӣ амал намояд ва шароити объективӣ барои фаъолияти озоди ВАО вуҷуд надошт. Аз соли 1993 ба ин сӯ, матбуоти

чопии кишвар ба бухрони амиқ гирифтор шуд» [117, с. 59].

Воқеан, аз даст рафтани доираи васеи хонандагон, коҳиши қобилияти харидории аҳолӣ, шароити вазнини иқтисодӣ ва пастрафти сатҳи зиндагӣ боис гардиданд, ки шумораи нашрияҳо коҳиш ёбад ва бисёре аз онҳо фаъолияти худро қатъ намоянд.

Профессор М. Муродӣ вазъи матбуоти ин давраро ба таҳлилу баррасӣ гирифта, ба чунин натиҷа расидааст: «Фурӯпошии умумии зерсохторҳо ва паёмадҳои шадиди низоъ иқтисоди кишварро фалаҷ сохтанд. Давлати навтаъсиси тоҷикон наметавонист сармоягузории кофӣ барои дастгирии матбуотро таъмин кунад» [65, с. 65]. Дар баробари ин, сохторҳои соҳибкорӣ, ки ҳанӯз ба механизми иқтисоди бозорӣ мутобиқ нашуда буданд, ба таблиғот эҳтиёҷи ҷиддие надоштанд. Дар натиҷа, шумораи бештари рӯзномаву маҷаллаҳо аз ҳафта ба моҳ баромадан гирифтанд ва танҳо дар пойтахт ва шаҳрҳои бузург мавҷуд буданд. Дар маҳалҳо бошад, нашрияҳо ё ба таъхир мебаромаданд ё тамоман баста мешуданд.

Дар чунин вазъ рӯзномаи русизабони «Бизнес и политика» истисно ба назар мерасид. Бо роҳбарии муҳаррири фаъол ва матинироди он Н.М. Пак, ки шахсияти касбии босалоҳият ва соҳиби эҳтироми ҳам мақомоти давлатӣ ва ҳам мухолифин буд, рӯзнома тавонист ҷойгоҳи махсуси худро дар фазои иттилоотии кишвар пайдо кунад. Н.М. Пак ба усули бетарафӣ пойбанд буд ва намояндагони ҳарду ҷониби низоъро чун шаҳрвандони комилҳуқуқ муаррифӣ менамуд. Вай барои ҳарду ҷониб имкони ибрози назар дар саҳифаҳои рӯзномаро фароҳам сохт. Бо вуҷуди мушкилоти молиявӣ, ки доиман рӯзномаро ҳамроҳӣ мекарданд, Пак бо шеваи кордонӣ кумак мепурсид ва аксаран рад намешуд. Нашрия бо роҳандозии лоиҳаҳои донорӣ ва чопи маводди пулакӣ тавонист идома ёбад.

Бо вуҷуди он ки рӯзномаи «Бизнес и политика» дар солҳои 1993-1996 нуфузи муайян ба даст овард, манбаъҳои асосии иттилоотиро

ҳамоно шабакаҳои телевизион ва радиои давлатӣ, ҳамчунин, радиостансияҳои хориҷӣ ташкил медоданд [14].

Маълум мешавад, ки дар солҳои 1993-1994 телевизиони миллӣ ва парлумон нақши марказиро дар таъмини иттилооти рӯзмарра бозиданд. Парлумон, ки қобилияти амалиётиашро дар шароити шикасти ҳокимияти иҷроия ҳифз карда буд, манбаи асосии легитимият ва шохаи фаъолтарини ҳокимият гардид. Бо мақсади таъмини шаффофият, кори он мунтазам тавассути телевизион ва аксар вақт дар реҷаи мустақим пахш мегардид.

***Марҳилаи дуюм: қавӣ гардидани ҳокимияти иҷроия ва коҳиши фазои умумии иттилоот (1997-2010).*** Қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таърихи 6-уми ноябри соли 1994 ҳодисаи муҳимми таърихӣ буда, гузариш ба низоми президентиро расман ба тасвиб расонд. Қабули Конститутсия бар он боис гардид, ки нақши шохаи иҷроияи ҳокимият ба таври назаррас вусъат ёфта, сохтори нави сиёсӣ марҳила ба марҳила шакл бигирад.

Барои ҳокимияти нав фазои умумии иттилоотӣ аҳаммияти муҳим дошт, вале телевизион тадриҷан вазифаҳои хоссаи иттилоотӣ ва танқидии худро аз даст дод. Гарчанде дар нимаи дуюми солҳои 90-ум баҳсҳо ва ихтилофот идома доштанд, эътимод ба телевизион ҳамчун манбаи иттилоотии боэътимод коҳиш ёфт.

Дар чунин шароит таъсири расонаҳои хориҷӣ, аз ҷумла Радиои Озодӣ, Би-Би-Си ва «Садои Хуросон» афзоиш ёфт. Ин шабакаҳои радиоӣ, ки бо рӯзноманигорони шинохтаи тоҷик ҳамкорӣ доштанд, иттилооти мутавозин ва ҷойгузин пешниҳод мекарданд. Онҳо мекӯшиданд, ки назари ҳарду ҷонибро инъикос кунанд, мавқеи коршиносони бетарафро ба назар гиранд ва тавассути шабакаи васеи мухбиронашон фарогирии ҷуғрофиро таъмин кунанд.

Мулоқоти сарнавиштсози моҳи декабри соли 1996 дар шаҳри Ҳусдеҳи Афғонистон миёни Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва роҳбари ИНОТ Сайид Абдулло Нурӣ оғози

марҳилаи нави сулҳи сиёсиро гузошт. Имзои Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар таърихи 27-уми июни соли 1997 дар шаҳри Москва ба низои мусаллаҳона поён бахшид ва шароити навро барои эҳёи матбуоти озод фароҳам овард.

Дар баробари равандҳои сулҳофаринӣ талошҳои фаъоли Миссияи нозирони СММ дар Тоҷикистон (UNMOT), ки соли 1994 таъсис ёфта буд, аҳаммияти махсус дошт. Аз соли 1997 то соли 2002 таҳти роҳбарии Меҳралӣ Тошмуҳаммадов гурӯҳи иттилоотии UNMOT ҷамъоварӣ, таҳлил ва паҳнсозии иттилоотро ба роҳ мондааст. Бюллетенҳои таҳияшуда дар доираи васеи мақомоти давлатӣ, сафоратҳо, созмонҳои байналмилалӣ ва ниҳодҳои низомӣ паҳн мегардиданд [8].

Ин бюллетенҳо ба як самту воситаи муҳимми мубодилаи иттилоот табдил ёфтанд. Онҳо на танҳо аз ҷониби рӯзноманигорон, балки аз ҷониби намояндагони сохторҳои гуногун низ мутолиа мешуданд. Сифати баланди таҳлил ва дастрасии иттилоот ба UNMOT имкони иҷрои самараноки вазифаҳои сулҳофариниро дода, барои шаффофияти бештар дар муҳити иттилоотии кишвар замина гузошт.

Яке аз дастовардҳои муҳим дар марҳилаи пас аз ҷанги шаҳрвандӣ, коҳиши парокандагии ҷомеаи рӯзноманигорӣ ба шумор меравад. Чунонки дар дигар кишварҳои Осиёи Марказӣ мушоҳида мешуд, дар ибтидои солҳои 90-ум муҳити рӯзноманигории Тоҷикистон низ ба ду гурӯҳ – кормандони расонаҳои давлатӣ ва намояндагони васоити ахбори хориҷӣ ҷудо шуда буд. Дар солҳои 1993-1997 рӯзноманигорон аксаран дар ду тарафи муқобили ҷабҳаҳои сиёсию идеологӣ қарор доштанд. Бо имзои Созишномаи умумии сулҳ ва ризоияти миллӣ дар соли 1997 чунин ихтилофҳо коҳиш ёфтанд ва то имрӯз, ихтилофҳои ҷиддӣ миёни рӯзноманигорони мустақили дохилӣ ва ҳамкорони онҳо дар хориҷ мушоҳида намешавад. Воқеан, «Ҳодисаҳои ҷудогонае, ки баъзан ба вуҷуд меоянд, бештар тасдиқи равандҳои умумии наздикшавии касбӣ мебошанд» [126, с. 38].

Дар давраи Истиқлол рӯзноманигории тоҷик ҳамчун падидаи

дуқутба рушд ёфта, гурӯҳе аз рӯзноманигорон дар дохили кишвар ва қисми дигар бошанд, дар хориҷа фаъолият мекунанд. Вале ҳарду гурӯҳро ормони умумӣ – дидани Тоҷикистон ҳамчун кишвари мустақил, шукуфон ва ором муттаҳид месозад. Онҳое, ки дар дохили кишвар фаъолият доранд, воқеиятҳои иҷтимоиву сиёсиро беҳтар дарк менамоянд ва ба эҳтиёҷу нигарониҳои мардум бо дақиқӣ посух медиҳанд. Дар баробари ин, рӯзноманигорони хориҷӣ, бахусус, онҳое ки дар расонаҳои тоҷикизабони кишварҳои ғарбӣ кор мекунанд, таҷрибаи амиқи фаҳмиши низомҳои демократиро соҳибанд. Тафсири онҳо аз вазъи Тоҷикистон дар асоси таҳлили муқоисавӣ сурат мегирад, ки ин амал саҳнаи иттилоотии кишварро ғанӣ месозад. Ин донишҳо ба таври густарда паҳн гардида, шароити ҳамгирой бо меъёрҳои байналмилалии рӯзноманигорӣ ва расонаҳоро фароҳам месозанд.

Натиҷаи мусбати хатми ҷанги шаҳрвандӣ на танҳо ба соҳаҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ, балки ба рушди ВАО низ таъсири амиқ расонд. Фаъолияти ниҳодҳои молиявии байналмилалӣ, аз ҷумла Сандуқи байналмилалии асъор, Бонки ҷаҳонӣ, Бонки Осиёии рушд, Бонки исломии рушд ва Бонки аврупоии бозсозӣ ва рушд вусъат ёфт. Воқеан, «Охири солҳои 90-ум ва ибтидои солҳои 2000-ум вазъи иҷтимоиву иқтисодии кишвар рӯ ба беҳбудӣ овард. Соҳибкорон оҳиста-оҳиста ба сармоягузорӣ дар рушди ҷомеа саҳм мегузоштанд. Созмонҳои байналмилалӣ ҳам барои рушди соҳаҳои кишвар, хусусан матбуот, маблағгузорӣ карданд. Маҳз ҳамин гуна шароит барои ба миён омадани радиоҳои хусусӣ замина гузошт. Танҳо пас аз 10 соли Истиқлол аввалин радиои мустақил дар Тоҷикистон арзи ҳастӣ кард» [112, с. 24].

Дар баробари ворид гардидани нахустин сармоягузорони хориҷӣ ба кишвар, ташкилотҳои ғайриҳукуматии байналмилалӣ низ вориди фазои дохилӣ шуданд. Ҳамаи ин омилҳо дар шароите, ки фазои иттилоотӣ ҳанӯз ба афзоиши гардиши пулӣ ва талаботи рӯзафзуни ҷомеа ба иттилоъ маҳдуд буд, мусоидат намуданд [72].

***Марҳилаи сеюм: раванди ташаккули муҳити нави иттилоотӣ (2010-2020).*** Ин марҳила бо воридшавии Тоҷикистон ба фазои иттилоотии ҷаҳонӣ ва густариши технологияҳои нав тавсиф мешавад. Дар ин давра интернет, сомонаҳои хабарӣ ва шабакаҳои иҷтимоӣ ба муҳити иттилоотии миллӣ ворид шуда, онро ба куллӣ тағйир доданд. Агар дар марҳилаҳои гузашта рӯзномаҳо ва телевизион манбаи асосии иттилоъ буданд, дар ин марҳила расонаҳои электронӣ ва онлайн ҷойгоҳи хос гирифтанд.

Ин раванд имкониятҳои нав фароҳам овард: дастрасии зуд ба хабарҳо, гуногунандешии бештар ва ҳамгироӣ бо расонаҳои байналмилалӣ. Аммо дар баробари ин, таҳдидҳои нав низ ба миён омаданд – паҳншавии иттилооти носанҷида, афзоиши маводи таблиғотӣ ва таъсири манбаъҳои беруна ба афкори ҷомеа.

Саҳми шахсиятҳои барҷастае чун Акбаралӣ Саттор, Шариф Ҳамдампур ва Умед Бобохонов дар ташаккули низоми нави расонаии кишвар назаррас аст. Инҳо рӯзноманигорони собиқи даврони шуравӣ буда, дар оғози Истиқлол фаъолияти худро ба муҳити нави сиёсӣ, иқтисодӣ ва ҳуқуқӣ мутобиқ намуданд.

Акбаралӣ Саттор бо истифода аз малакаҳои соҳибкорӣ шабакаи расонаии «Чархи гардун»-ро ташкил дод, ки дар баробари нашрияҳои нав, расонаҳои қаблан мавҷудбударо низ дар бар мегирифт.

Шариф Ҳамдампур, ки фаъолияти худро ҳамчун сухангӯйи Хадамоти гумрук оғоз карда буд, бо гузашти вақт холдинги расонаии «Оила – Тоҷикистон»-ро бунёд намуд.

Умед Бобохонов бо кумаки гранти байналмилалӣ нахустин бюллетени мустақили иттилоотию таҳлилӣ таъсис дод, ки дар оянда ба гурӯҳи васеи расонаҳои «Азия-Плюс» табдил ёфт. Ин холдинг нашрия, шабакаи радиоӣ, сомонаи иттилоотӣ ва маҷаллаи «VIP-Zone»-ро муттаҳид кардааст.

Дар доираи фаъолияти «Азия-Плюс», инчунин, «Мактаби рӯзноманигории мустақил – Тоҷикистон асри XXI» фаъол буд. Гарчанде

лоиҳаи таъсиси шабакаи телевизионӣ амалӣ нагардид, роҳбарони ин гурӯҳҳо тавонистанд муҳимтарин мушкилот – таъмини суботи молиявиро ҳал кунанд. Онҳо ба зудӣ ВАО-ро ба воқеияти иҷтимоиву сиёсие, ки дар нимаи дуюми солҳои 90-уми XX ва дар оғози даҳсолаи аввали асри XXI ҳукмфармо буд, мутобиқ карданд. Ин раванд боиси афзоиши талабот ба маҳсулоти онҳо ва афзоиши ҷаззобияти онҳо барои таблиғгарон гардид.

То поёни солҳои 90-уми асри гузашта рӯзномаи «Тоҷикистон» таҳти роҳбарии Шариф Ҳамдампур ба яке аз нашрияҳои серхонанда ва муассири кишвар мубаддал гардид. Он ба ташаккули рӯйкарди таҳлилӣ ва фарогирии ҳамаҷонибаи воқеаҳо мусоидат кард ва арзишҳои миллӣ, иттиҳоди миллӣ, ислоҳоти демократӣ ва таҳкими ҳувияти фарҳангиву сиёсиро тарғиб менамуд.

Пайдоиши оҷонсиҳои мустақили иттилоотӣ, ба мисли «Азия-Плюс», «Авеста» ва «TajNews» (ҳоло фаъол нест) ва инчунин, ба вуҷуд омадани рӯзномаи ҳаррӯзаи «Имрӯз-News» дар соли 2010 боз як гоми муҳимми ташаккули муҳити нави иттилоотӣ маҳсуб меёбад.

Дар марҳилаи нав, матбуоти мустақили Тоҷикистон аз мақоми воситаи иттилоотӣ ба неруи мустақили иҷтимоӣ-сиёсӣ табдил ёфт. Он ҳамчун минбари муколамаи миллӣ баромад мекунад ва имкон медиҳад, ки намояндагони афкору ақидаҳои мухталиф, ақаллиятҳои миллӣ ва гурӯҳҳои иҷтимоии гуногун дар он садо баланд кунанд. Ин шаффофият ва муносибати фаъол бо хонандагон нақши матбуотро ҳамчун василаи иртибот байни ҷомеаи шаҳрвандӣ ва сохторҳои давлатӣ таъйид менамояд, ки дар навбати худ, ба ҳифзи суботи ҷомеа мусоидат мекунад.

Нақши занон дар таҳкими матбуоти демократӣ хеле барҷаста аст. Намоди вижаи он Буринисо Бердиева мебошад, ки аз соли 1960 то соли 1983 роҳбари нашрияи «Маориф ва маданият» буд ва онро ба як маркази эҳёи фикрии миллӣ мубаддал сохт.

Дар замони Истиқлол занон роҳбарии фаъолтарин ва муассиртарин ташкилотҳои ғайриҳукуматӣ, аз ҷумла ташкилотҳои

ҳуқуқи башарро ба уҳда доранд. Инчунин, занҳо дар рушди рӯзноманигории мустақил нақши муҳим бозиданд. Ирода, тахассус ва фидокориашон ба рушди расонаҳои миллӣ мусоидат кард.

Дар ин марҳила шабакаҳои телевизиони давлатӣ низ зери таъсири дигаргуниҳои даврон қарор гирифтанд. Аз оғози фаъолияташ ТВ «Сафина» аз ҷумлаи шабакаҳои умедбахш ба шумор мерафту меравад. Бо ибтикори Ҳукмати Тоҷикистон шабакаи кӯдаконаи «Баҳористон» таъсис ёфт, ки то имрӯз ягона телевизиони таҳсилотию фароғатӣ барои кӯдакон маҳсуб мешавад ва маҳбубияти хоссе дорад.

Марҳилаи минбаъда бо хатарҳои эҳтимолии аз даст рафтани ҳувияти касбии матбуот, ҳамзамон, бо афзоиши нақши иҷтимоию сиёсӣ мушаххас мегардад. Танишҳо миёни расонаҳои мустақил ва сохторҳои расмӣ падидаи маъмуланд ва ин хислати давраи гузаришро инъикос мекунад. Аммо матбуоти мустақил қобилияти баланд бардоштани сатҳи ҳамраъии иҷтимоиро ҳифз намудааст, зеро метавонад мустақиман ба ҷомеа муроҷиат намояд.

Хулоса, матбуоти мустақили Тоҷикистон имрӯз на танҳо василаи паҳнсозии иттилоъ, балки унсури муҳимми равандҳои демократӣ ва ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ мебошад. Муҳаққиқ С. Ғоибов дар ҷараёни таҳқиқи вазъи матбуоти маҳаллӣ ба нақши матбуоти даврӣ дар пайдоишу ташаккули воситаҳои ахбори дигар таваҷҷуҳ зоҳир карда, бар ин назар аст: «Рушди воситаҳои электронии ахбор, аз ҷумла дар шароити муосир Интернет, аз як тараф, доманаи матбуоти давриро нисбатан маҳдуд намуд, аз сӯйи дигар, табиат ва таъиноти онро то андозае дигаргун кард. Аз тарафи дигар, бо шарофати пешрафти техника ва технологияи замонавӣ радиову телевизион, ҳамчунин, шабакаҳои Интернет афзалият пайдо карда, фазои матбуоти давриро тадриҷан маҳдуд мегардонад. Бо вуҷуди ин, замони муосирро, ки «асри иртибот» ном гирифтааст, бе воситаҳои ахбори омма, хоса матбуоти даврӣ наметавон тасаввур кард» [31, с. 3].

Воситаҳои ахбори оммаи Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти худро дар шароити тағйирёбии амиқи иҷтимоиву сиёсӣ ва гузариши системавӣ ба низоми демократӣ ва иқтисоди бозорӣ ба роҳ мондаанд. Дар ин марҳила, онҳо бо истифода аз тамоми захираҳои мавҷудаи иттилоотӣ, ташкилӣ ва ҳуқуқӣ, саъй менамоянд, то манфиатҳои умумии касбӣ ва хусусиро дар чаҳорчӯби қонунгузории миллӣ ва муқаррароти созишномаҳои байналмилалӣ, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон ба онҳо пайвастааст, ҳимоя кунанд.

Бо вуҷуди ин, бояд ба ин воқеият таваҷҷуҳ кард, ки мақомоти давлатӣ низ ҳуқуқ доранд манфиатҳои худро ҳифз намоянд ва сатҳи ҳамкории онҳо бо ВАО мустақиман ба он вобаста аст, ки то кадом андоза воситаҳои ахбори омма вазифаи иҷтимоии худро дар асоси қонун ва бо эҳтироми муқаррароти ҳуқуқӣ анҷом медиҳанд. Дар ҳақиқат, «Дар ҷомеаи иттилоотии муосир, ки аҳолӣ воситаҳои муоширати онлайнро васеъ истифода мебаранд, ҳар як қадам ва иқдоми ширкат, соҳибони он ва менеҷерон муҳим буда, таҳти назорати шабакаҳои иҷтимоӣ қарор мегиранд. Дар сурати ба ниёзҳои ҷамъиятӣ ҷавобгӯ набудани амали онҳо дарҳол дар шабакаҳои иҷтимоӣ, фейсбук, форумҳои интернетӣ ва ё саҳифаҳои блогерон муҳокимаи ҷамъиятии рафтори ин ё он соҳибкор оғоз гардида, иттилоъ ба моликияти васеъ табдил меёбанд» [116, с. 189].

Раванди ташаккули муҳити демократӣ дар кишвар бар хилофи интизориҳои бархе аз намояндагони ҷомеа ва ҳатто худи журналистон на дар шакли зуд ва сареъ, балки тадриҷан ва тавассути ҷараёнҳои мураккаби ҳуқуқӣ сурат гирифт. Таърихан пайдоиши баҳсҳо ва мунoқишаҳо миёни ВАО ва мақомот, инчунин, баррасии онҳо дар додгоҳ ба унвони ҷузъи ногузири ин раванд баромад мекунанд. Маҳз дар ҷараёни ҳалли ҳуқуқии чунин мунoқишаҳо пояҳои муносибатҳои устувори демократӣ миёни давлат ва расонаҳо гузошта шуданд.

Дар марҳилаи кунунӣ матбуоти мустақили Тоҷикистон зери таъсири қонунҳои бозори озод фаъолият мебарад. Бештари нашрияҳои ғайридавлатӣ ҳоло ба сифати лоиҳаҳои тиҷоратӣ арзи ҳастӣ менамоянд

ва муваффақияти онҳо бештар ба сатҳи менеҷменти касбӣ вобастагӣ дорад. Дар сурати ки идоракунӣ дуруст ва босифат, бизнеси иттилоотӣ низ рушди устувор пайдо мекунад.

Муҳаққиқи соҳа Д. Яқубова мисоли равшани чунин таҷрибаро фаъолияти оҷонсии иттилоотии «Азия-Плюс» ҳисобида, онро ҳамчун намунаи табдил ёфтани лоиҳаи ибтидоии иттилоотӣ ба сохтори устувори бозорӣ муаррифӣ карда, ба чунин натиҷа расидааст: «Як омилҳои асосии муваффақияти ин гуна лоиҳаҳо қобилияти роҳбарон дар интихоби мутахассисони огоҳ, коршиносон ва кормандони масъулиятшинос мебошад, ки на танҳо қобилияти касбӣ, балки неруи омӯхтан ва пешрафтро низ доро мебошанд» [126, с. 39].

Дар сурати набудани менеҷменти босалоҳият, ҳатто беҳтарин тарҳи журналистӣ ба норасоии молиявӣ ва хавфи басташавӣ дучор мешавад. Бинобар ин, рушди матбуоти мустақил дар Тоҷикистон ба таври мустақим аз сатҳи умумии рушди иқтисоди миллӣ вобаста аст. Дастгирии расонаҳои мустақил бояд як бахши муҳимми сиёсати давлатӣ бошад, ки ба рушди соҳибкории хурду миёна равона шудааст.

Дар шароити Тоҷикистон сарчашмаҳои асосии маблағгузории расонаҳои мустақилро ташкилотҳои байналмилалӣ ва ширкатҳои хориҷӣ ташкил медиҳанд [104]. Ин ҳолат аҳаммияти матбуоти мустақилро ҳамчун воситаи ҳамкории байналмилалӣ ва дипломатияи ҷамъиятӣ равшан месозад.

Фаъолияти ҳуқуқии ВАО дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси маҷмуи меъёрҳои байналмилалӣ ва миллӣ роҳандозӣ гардидааст. Аз ҷумла:

- Конвенсияи Аврупоӣ оид ба ҳуқуқи инсон, ки дар кишвар дорои мақоми қонуни конститутсионӣ мебошад ва ҳаракати озоди иттилоотро давлат кафолат медиҳад;
- Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки озодии сухан, ҳуқуқ ба иттилоот ва манъи сензураро таъмин менамояд.

Илова бар ин санадҳои бунёдӣ, муносибати ҳуқуқӣ бо воситаҳои

ахбор бо як қатор қонунҳои соҳаи махсус танзим мегардад:

- Қонунҳо оид ба ҳифзи мероси фарҳангӣ;
- Қонун «Дар бораи дастрасӣ ба иттилоот»;
- Қонун «Дар бораи ҳуқуқи муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста», ки ҳуқуқи зеҳнии рӯзноманигоронро ҳимоя мекунад;
- Қонун «Дар бораи реклама», ки меъёрҳои ахлоқӣ ва ҳуқуқиро дар фаъолияти таблиғотӣ танзим менамояд.

Қонуни асосии соҳавӣ – Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи матбуоти даврӣ ва дигар воситаҳои ахбори омма» дар замони соҳибистиқлолӣ қабул гардида, фаъолияти рӯзноманигорон ва нашрияҳоро бидуни шакли ҳуқуқии онҳо танзим менамояд. Он ба рӯзноманигорон ҳуқуқ медиҳад, ки:

- иттилоотро аз мақомоти давлатӣ ва муассисаҳои дигар дарёфт намоянд;
- онро тавассути воситаҳои ахбор паҳн кунанд.

Ҳамзамон, онҳо уҳдадоранд, ки масъулияти ҳуқуқӣ барои мазмуни нашрияро бар дӯш гиранд ва махфияти манбаъҳои иттилоотиро ҳифз намоянд.

Инчунин, қонуни мазкур ҳуқуқи раддия, посух ва тавзеҳотро, ҳатто аз ҷониби мақомоти давлатӣ, пешбинӣ мекунад, агар маълумоти нашршуда, ҳатто дуруст ва воқеӣ бошад, ба обрӯ ва манфиатҳои онҳо таъсир расонад. Ҳарчанд ки қонунгузорӣ то ҳол мавриди баҳсу такмил қарор дорад, заминаи асосии ҳуқуқии фаъолияти расонаҳо аллакай фароҳам оварда шудааст.

Гузариш ба модели расонаии мустақил ва демократӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор тағйироти асосиро ба бор овард:

- табдили матбуот аз абзори идеологӣ ба институти иҷтимоӣ;
- аз миён рафтани монополияи давлатӣ дар соҳаи ВАО;
- ташаккули расонаҳои хусусӣ ва ҷамъиятӣ дар баробари нашрияҳои давлатӣ;

- афзоиши шумораи расонаҳои гуногунсамт ва гуногуншакл, ки бозгӯйи манфиатҳо ва ниёзҳои иҷтимоӣ мебошанд.

Таҳаввулоти фазои иттилоотии кишварро метавон дар заминаи равандҳои ҷомеашиносӣ ва шароити таърихию сиёсӣ баррасӣ намуд. Тағйирот танҳо ба сатҳи сохтору шакли фаъолият маҳдуд намешавад, балки вазифа ва самтгирии иҷтимоии ВАО низ тағйир ёфта, аз модели тоталитарӣ ба модели плюралистӣ, аз паҳнкунии иттилооти ягона ба бозтоби фикрҳои гуногун гузаштааст.

Дар раванди фаъолияти рӯзноманигорӣ дар радифи фароҳам омадани имконоти хуби техникӣ ва рушд ёфтани фазои иттилоотӣ таъсири омилҳои беруна, хусусан, манобеи ахбор низ ба мушоҳида мерасад. Муҳаққиқон М. Муродӣ ва О. Салимзода сарчашмаи маводди матбуоти даврӣ, хусусан, нашрияҳои хусусиро муқоиса карда, ба чунин натиҷа расидаанд: «Албатта, аз манобеи гуногун истифода кардан мамнуъ нест. Аммо дар истифода аз онҳо бояд ба эътибор гирифт, ки ахбори истифодашаванда ба зиндагии мо чӣ иртибот дорад. Ҳамчунин, дар истифодаи маводди ВАО-и дигар бархе аз нашрияҳои даврӣ, мутаассифона, ба тақлид роҳ медиҳанд. Масалан, пайваста истифода бурдани маводди радиои «Озодӣ» гоҳо бе ишора ба манбаъ, дар баъзе нашрияҳо ба ҳукми одат даромадааст» [64, с. 76].

Бо вуҷуди пойбарҷо будани демократия ва иқтисоди бозорӣ ВАО ҳамоно зери таъсири ду неруи асосӣ – сармоя (тавассути моликон ва реклама) ва давлат (тавассути иттилооти расмӣ) қарор доранд. Ба ин нигоҳ накарда, расонаҳо мақоми устувор касб кардаанд ва нақши муҳимми худро дар ташаккули афкори умумӣ, рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ иҷро менамоянд.

**Хулоса,** солҳои 1991-2020 ҳамчун марҳилаи гузариш аз низоми марказонидашуда ва идеологишудаи расонаӣ ба низоми боз, плюралистӣ ва касбии ВАО арзёбӣ мешавад, ки дар он ташаккули арзишҳои миллӣ, асосҳои ҳуқуқӣ, тиҷоратӣ ва касбӣ ба вуқуъ пайвастааст. Ин раванд ҳам дастовардҳои муҳим ва ҳам мушкилоти ҷиддиро ба бор овард, ки

таҳлили амиқи назариявӣ ва такмили ҳуқуқиро тақозо менамояд.

Дар умум, дар ин боб нақш, мақом ва самтҳои асосии таъсири воситаҳои ахбори омма, бахусус, матбуоти даврӣ ба раванди демократикунонии ҷомеаи Тоҷикистон мавриди таҳлил қарор гирифт. Маълум гардид, ки ВАО дар замони Истиқлол на танҳо инъикосгари равандҳои иҷтимоӣ-сиёсӣ будааст, балки яке аз омилҳои фаъоли ташаккул ва таҳаввули шуури ҷамъиятӣ низ мебошад. Таҳқиқ собит намуд, ки дар роҳи демократикунонии фазои иттилоотӣ як қатор мушкилоти нав пеш омада бошад ҳам, ВАО дар Тоҷикистон дар баробари иҷрои вазифаҳои иттилоотӣ, ба ташаккули ҳувияти миллӣ, таҳкими сулҳу ваҳдат ва ҳифзи суботи иҷтимоӣ низ нақши назаррас гузоштаанд.

# ХУЛОСА

1. Оғози таҳаввулоти куллии ҷаҳон дар охири солҳои 80 ва ибтидои солҳои 90-уми асри XX бо равандҳои дохилии Иттиҳоди Шуравӣ иртибот дошт. Дар шароити шиддатёбии рақобати иқтисодӣ, сиёсӣ ва иттилоотӣ миёни кишварҳои пешрафтаи капиталистӣ ва давлатҳои сотсиалистӣ шаклгирии муносибатҳои нави байналмилалӣ оғоз гардид. Ин равобит аксаран хусусияти дуҷониба доштанд, зеро бар пояи муносиботи печидаи рақобат ва ҳамзистии иҷбории ду абарқудрати ҷаҳонӣ – Иёлоти Муттаҳидаи Амрико ва Иттиҳоди Шуравӣ бунёд ёфта буданд. Маҳз дар чунин замина зарурати бознигарии нақш ва вазифаи воситаҳои ахбори омма ҳамчун абзори таъсири идеологӣ ва ҷузъи муҳимми муборизаи геополитикӣ ба миён омад [2-М].

2. Аз ибтидои соли 1991 низоми матбуоти даврии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба марҳилаи нави тағйироти сохторӣ ворид гардид, ки дар он гузариш аз модели шуравии идоракунӣ ба низоми мутамарказ дар шакли нави он сурат гирифт. Ҳарчанд шиорҳои демократия ва озодии матбуот ба таври расмӣ садо медоданд, аммо усулҳои маъмурӣ ва фармондеҳии пешина то ҳол дар муайянсозии сохтору низоми асосии фаъолияти нашрияҳо ва муқоисаи онҳо нақши асосӣ мебозиданд.

Дар ин давра, рӯзномаҳо ва маҷаллаҳо ба таври номӣ ба ҳайатҳои эҷодӣ тааллуқ доштанд, вале бинобар набудани захираҳои молиявии кофӣ маҷбур буданд, ки барои таъмини идомаи фаъолияташон сармоягузоронро ҳам дар дохили кишвар ва ҳам дар хориҷ ҷустуҷӯ намоянд.

Гузариши моликияти нашрияҳои мустақил ба дасти сармоягузорони дохилӣ ва хориҷӣ оғози марҳилаи тиҷоратикунонии воситаҳои ахбори умум дар Тоҷикистонро ифода менамуд. Бо вуҷуди ин, дар муқоиса бо дигар кишварҳои пасошуравӣ ин раванд дар дохили ҷумҳурӣ бо суръати суст ва бо монеаҳои ҷиддии иқтисодӣ рӯ ба рӯ гардид [1-М; 5-М].

3. Дар солҳои 1992-1997, сарфи назар аз бекор гардидани маҳдудиятҳои идеологӣ дар сатҳи расмӣ, аксари нашрияҳои чопии тоҷикӣ ҳамоно дар чорчӯби идеологияи қаблии шуравӣ ва ё худ «советизм» фаъолият доштанд. Гарчанде бархе аз ин васоити ахбори умум расман аз фаъолият боздошта шуданд ё марҳилаи дубораи бақайдгириро паси сар накарданд, онҳо равиши маъмул ва мафҳумҳои устувори худро дар инъикоси равандҳои ислоҳоти иқтисодӣ нигоҳ медоштанд ва назари мустақили худро доир ба суръат ва шаклҳои ин ислоҳот баён менамуданд. Яке аз мавзуъҳои марказии баҳсҳои иҷтимоӣ ва сиёсии он давра интихоби самти минбаъдаи рушди Тоҷикистон ҳамчун як давлати мустақил ва миллати ягона буд. Маҳз дар ҳамин замина на афзоиши нашрияҳои хусусии тиҷоратӣ, балки таҳкими босуръати матбуоти ҳизбӣ ва миллӣ, инчунин, сиёсикунонии амиқи матбуоти суннатӣ ба мушоҳида мерасад [1-М; 6-М].

4. Пас аз ба даст овардани Истиқлол Ҷумҳурии Тоҷикистон дар раванди ташаккули низоми нави давлатдорӣ ба шароити мураккаби муқовимати сиёсӣ рӯ ба рӯ гардид. Ин омилҳо монеаи ҷиддии татбиқи ислоҳоти иқтисодӣ шуданд, ки дар шароити мазкур бо сустӣ ва бетаҳаммулӣ ҷараён мегирифтанд. Дар дохили кишвар, бархе аз нашрияҳои чопӣ ба маблағгузории маҳдуд дастрасӣ доштанд, аммо ин дастгирии молиявӣ натавонист шароити ҷалби сармоягузории ҷиддиро ба соҳаи воситаҳои ахбори омма фароҳам оварад. Дар натиҷа, рушди институтсионалии ВАО ва раванди демократисозии фазои иттилоотӣ ба таври назаррас боздошта шуданд [3-М; 7-М].

5. Имзои созишномаи сулҳ миёни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Иттиҳоди мухолифини тоҷик дар соли 1997 ҳамчун як марҳилаи муҳимми таърихӣ дар равандҳои ташаккул ва рушди воситаҳои ахбори оммаи кишвар, бахусус, матбуоти чопӣ арзёбӣ мегардад. Ин гардиши сиёсӣ оғози таҳаввулоти пайдарпайро дар самти сиёсати дохилӣ ба миён овард, ки ин раванд ба низоми иттилоотӣ ва фазои расонаии мамлакат низ таъсири амиқ гузошт. Дар асоси шароити нав, заминаи қонунгузории

нав тахия гардид, ки дар он ҳадафи Тоҷикистон ба воридшавӣ ба созмонҳои байналмилалӣ ва мутобиқсозии меъёрҳои миллӣ ба стандартҳои байналмилалӣ ба инобат гирифта шуд. Ворид кардани тағйиру иловаҳо ба санадҳои ҳуқуқӣ боиси коҳиш ёфтани хавфҳои сармоягузорӣ гардид ва имконият фароҳам овард, ки матбуот ҷиҳати иқтисодисозӣ ва тиҷоратикунонии фаъолиятҳои худ қадамҳои устувор гузорад. Дар натиҷа, равандҳои гузариши расонаҳои миллӣ ба муносибатҳои бозорӣ ва муҳити нисбатан озоди иттилоотӣ ба таври воқеӣ оғоз гардиданд [6-М; 7-М].

6. Дар марҳилаи гузариш ба иқтисоди бозорӣ ва демократӣ гардидани сохторҳои иҷтимоӣ-сиёсӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар фазои матбуоти миллӣ зина ба зина бахшҳои нави расонаҳои босифат ташаккул ёфтанд, ки пештар дар доираи низоми журналистикаи шуравӣ ва умуман, сотсиалистӣ вуҷуд надоштанд. Бо мақсади бақои иқтисодӣ ва рақобатпазирӣ дар бозори ВАО-и чопӣ, аксари рӯзномаву маҷаллаҳо маҷбур шуданд самти фаъолияти худро тағйир диҳанд ва аз муҳтавои хосси сиёсӣ ба мундариҷаи универсаливу гуногунсоҳа гузаранд.

Яке аз шартҳои асосии нигоҳ доштани аудиторияи хонандагон ворид намудани маводди фароғатӣ ва ғайрисиёсӣ дар ҳаҷми назаррас гардид. Ҳарчанд маҷаллаҳои молиявию иқтисодӣ ва иҷтимоию сиёсӣ кӯшиш мекарданд сатҳи таҳлилӣ ва меъёрҳои баланди журналистикиро нигоҳ доранд, бо вуҷуди он ба буҳрони амиқ дучор гардиданд. Дар ҳамин ҳол, расонаҳое, ки шакл ва мазмуни сабук ва оммавӣ доштанд, рушду тавсеаи устуворро таҷриба мекарданд.

Аз ҷумла, бахшҳое чун барномаҳои нақлиётӣ ва телевизионӣ, маҷаллаҳои махсуси занона, нашрияҳое, ки ба тарзи ҳаёти солим, беҳбуди зиндагии хонаводагӣ ва истеъмолоти рӯзмарра бахшида шудаанд, ҷаззобияти бештар барои таблиғгарон пайдо карданд ва аз лиҳози молиявӣ устувор гардиданд. Ин равандҳо нишон медиҳанд, ки матбуоти Тоҷикистон дар давраи пасошуравӣ на танҳо ба равандҳои бозорсозӣ ва тиҷоратӣ ворид шуд, балки тағйироти қобили мулоҳизаи

талаботи аудиторияро низ таҷассум менамояд [3-М; 4-М].

7. Бо вуҷуди шумораи зиёди чопхонаҳои хурд нашрияҳои калони миллӣ низ буданд, ки дар ташаккули амсилаи (модели) муосири тиҷорати ВАО-и чопии Тоҷикистон нақши ҳалкунанда доштанд. Воридшавӣ ба бозори нашрияҳои калони хориҷӣ, ки ба истеҳсоли нашрияҳои даврии таблиғӣ тахассус доранд, роҳи рушди минбаъдаи васоити ахбори оммаи тоҷикро муайян кард. Ҳафтаномаҳои нави пайдошуда дар асоси амсилаи аврупоӣ сохта, ба талаботи бозори ВАО-и Тоҷикистон мутобиқ карда шудаанд [3-М; 6-М].

8. Дар айни замон, раванди тамаркузи васоити ахбори омма дар дасти нашрияҳои калони маҷмуӣ идома дорад. Хоҳиши кам кардани хароҷоти нашрияҳои даврӣ барои минтақаҳо аз ҷониби ин нашриёт низоми шабакаи ВАО-и минтақавиро ба вуҷуд овард [1-М; 5-М].

9. Паст шудани шумораи хонандагон маҷаллаҳои калонро маҷбур мекунад, ки на танҳо рақибони заифро аз бозор берун бароранд, балки сегментҳои нави бозорро аз худ кунанд. Дар солҳои охир равандҳои мутамарказсозии васоити ахбори омма вусъат меёбанд, ки бештар дар шакли муттаҳидсозии рубрикаҳо ва нашрияҳои даврӣ мутобиқ ба манфиатҳои гурӯҳҳои муайяни иҷтимоӣ ва ҳадафманд сурат мегирад. Бештар шабакаҳои бузурги иттилоотӣ ба нашри рӯзномаву маҷаллаҳои махсусгардонидашуда иқдом мекунанд, ки дар гузашта таҳти сарпарастии иттиҳодияҳои касбӣ ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ фаъолият менамуданд. Ин раванд на танҳо тамоюли афзояндаи муҳтавои мақсаднокро ифода мекунад, балки нишон медиҳад, ки дар шароити гузариш ба модели бозорӣ, масъулиятҳои таҳририя ва ташкилии ВАО низ таҷдид ва бозтақсим мешаванд. Бо мақсади тавсеаи доираи хонандагон шумораи бештари нашрияҳо ба рушди рӯзномаву маҷаллаҳои электронӣ ё нусхаҳои онҳо дар Интернет талош мекунанд [1-М; 4-М].

10. Вазъи ҳозираи матбуоти тоҷик, асосан, аз он вобаста аст, ки дар шароити иқтисоди бозаргонӣ нашри маҷаллаҳо ва рӯзномаҳо яке аз намудҳои соҳибкорӣ барои гирифтани фоидаю даромад гардидааст. Пайдо шудан дар бозори матбуоти чопии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз байн рафтани баъзе намудҳои матбуоти даврӣ, асосан, ба фаъолияти тиҷоратии ноширон вобаста аст [2-М; 4-М].

11. Таҳқиқи соҳаи ҳуқуқии фаъолияти ВАО-и Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи таҳаввулоту гузаришҳо ба хулосае меорад, ки он бештар ба сохтани амсилаи ғарбӣ нигаронида шудааст, ки аз як тараф, зарурати мутобиқ намудани қонунгузории дохилӣ бо талаботи умумиҷаҳонӣ ва аз тарафи дигар, зарурати таъмини самаранокии фаъолияти ВАО дар фазою муҳити иқтисоди бозорӣ тақозо мекунад [3-М; 7-М].

12. Хулосаҳои асосии омӯзиши рушди матбуоти даврӣ дар Тоҷикистонро барои солҳои давраи соҳибихтиёрию мустақилият чунин муқаррар намудан мумкин аст:

а) Пайдоиши нашрияҳои хусусӣ ва давлатӣ, ки дар баробари васоити анъанавии ахбори умум фаъолият мекарданд, оғози як марҳилаи нави ташаккули фазои иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар даврони пасошуравӣ маҳсуб меёбад. Ин раванд ба ифодаи тағйироти сохторӣ дар низоми расонаӣ ишора мекунад, ки бо эҳтиёҷоти замони нав ва ҷараёни демократикунонии ҷомеа алоқаманд аст.

б) Афзоиши шумораи рӯзномаву маҷаллаҳо бо самтгириҳо ва шаклҳои гуногуни ташкилии ҳуқуқӣ, ҳамчун нишонаи равшани рӯ овардан ба плюрализм расонаӣ ва ифодаи эҳсосу манфиатҳои гуногуни қишрҳои ҷомеа баромад мекунад. Ин тамоюл бозтоби равандҳои ислоҳотии иттилоотӣ ва озодсозии сухан дар шароити таҳаввулоти сиёсӣ ва иҷтимоии кишвар арзёбӣ мегардад [3-М; 5-М].

13. Раванди тағйирёбии сохтори матбуоти даврӣ дар даврони пасошуравии Тоҷикистон бо мушкилиҳои ҷиддӣ дучор гардид. Ҷараёни тағйироти шаклию сохторӣ дар шароити мураккаби сиёсӣ ва буҳрони

амиқи иқтисодӣ ба амал омад, ки Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар солҳои аввали Истиқлол фаро гирифта буданд. Омилҳои зикршуда таъсири амиқ ба фаъолияти нашрияҳо ва дигар воситаҳои ахбори омма расонида, имкониятҳои рушди устувор ва мустақилияти таҳририяи онҳоро ба таври қобили мулоҳиза маҳдуд сохтанд [2-М].

14. Бо дарназардошти таҳлили анҷомёфта ҷиҳати муайянсозии марҳилаҳо ва тамоюлҳои рушди матбуоти даврӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар даврони пасошуравӣ се марҳилаи асосиро дар таърихи муосири воситаҳои ахбори оммаи кишвар муайян намудан мумкин аст: солҳои 1991-1997, 1997-2010 ва 2010-2020 [1-М; 6-М; 7-М].

# ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚ

Натиҷаҳои таҳқиқи диссертатсиониро дар самтҳои зерин мавриди истифода қарор додан имконпазир аст:

**1. Фаъолияти қонунгузорӣ ва сиёсати давлатӣ.** Хулоса ва тавсияҳои пешниҳодшуда метавонанд ҳамчун асос барои такмили қонунгузории миллӣ дар соҳаи матбуот ва васоити ахбори омма истифода шаванд. Ин натиҷаҳо ба таҳияи консепсияҳо ва барномаҳои давлатӣ оид ба сиёсати иттилоотӣ ва ташаккули фазои ягонаи ахбории кишвар мусоидат мекунанд.

**2. Амалиёти журналистӣ ва фаъолияти расонаҳо.** Таҳлилу натиҷаҳои илмӣ имкон медиҳанд, ки рӯзноманигорон ва муассисаҳои иттилоотӣ фаъолияти худро бо дарназардошти талаботи замони муосир ва меъёрҳои ҳуқуқии миллию байналмилалӣ ба роҳ монанд. Инчунин, тавсияҳо барои баланд бардоштани сатҳи масъулияти касбӣ ва фарҳанги иттилоотӣ нақши муҳим гузошта метавонанд.

**3. Омӯзиш ва таълим.** Маводди рисола метавонад дар раванди таълими фанҳои махсуси «Таърихи журналистикаи тоҷик», «Асосҳои ҳуқуқии фаъолияти ВАО», «Назария ва амалияи журналистика» дар донишгоҳҳои олии кишвар истифода шавад. Инчунин, аз натиҷаҳои пажуҳиш дар таҳияи дастурҳои таълимӣ, китобҳои дарсӣ ва гузаронидани курсҳои такмили ихтисос барои рӯзноманигорон метавон истифода бурд.

**4. Фаъолияти таҳқиқотӣ ва илмӣ.** Натиҷаҳои таҳқиқ ҳамчун замина барои корҳои минбаъдаи илмӣ дар самти омӯзиши рушду таҳаввули матбуоти тоҷик, нақши ВАО дар рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ ва таъсири ҷаҳонишавӣ ба фазои иттилоотии миллӣ хизмат карда метавонанд.

**5. Фаъолияти амалӣ ва ҷамъиятӣ.** Хулоса ва натиҷаҳои рисола метавонанд, ки фаъолияти созмонҳои ҷамъиятӣ ва иттиҳодияҳои журналистиро тақвият бахшида, ба баланд бардоштани дониши ҳуқуқии ҷомеа дар соҳаи ахбору иттилоот мусоидат намоянд.

# РӮЙХАТИ АДАБИЁТ

## А) РӮЙХАТИ АДАБИЁТИ ИСТИФОДАШУДА

### I. Адабиёт бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ:


1. Абдукадыров, А.А. Освещение общественно-политической жизни Таджикистана на страницах русскоязычной прессы: АКД [Текст] / А.А. Абдукадыров. – Душанбе, 1997. – 24 с.
2. Абдуллаев, К. Гражданская война в Таджикистане [Текст] / К. Абдуллаев // Мир и политика. – 1994. – №1. – С. 17-19.
3. Абдуллаев, М.А. К вопросу о применении теории журналистики (публицистики) в научных исследованиях [Текст] / М.А. Абдуллаев // Проблемы и перспективы развития теории и практики СМИ в Таджикистане. – Душанбе: РТСУ, 2017. – С.16-19.
4. Абдуллозода, М.А. Этапы развития периодической печати Таджикистана в период государственной независимости / М.А. Абдуллозода, А.А. Рахимов // Вестник Педагогического университета. – Душанбе, 2020. – №1 (84). – С. 114-119.
5. Азимов, А. Очеркҳо аз таърихи матбуоти тоҷик [Матн] / А. Азимов. – Душанбе: Адиб, 1998. – 99 с.
6. Азимов, А. Воқеияти зиндагӣ ва матбуоти тоҷик [Матн] / А. Азимов. – Душанбе: Сино, 2000. – 186 с.
7. Азимов, О. Омилҳои ҳуқуқии дастрас намудани ахбор. Дастур ба кумаки журналист [Матн] / О. Азимов. – Душанбе, 2003. – 46 с.
8. Азимов, А. Публитсистика ва замони муосир [Матн] / А. Азимов. – Душанбе: Шарқи озод, 2004. – 138 с.
9. Акопов, А.И. Методика типологического исследования периодических изданий [Текст] / А.И. Акопов. – Иркутск: Изд-во Иркутского университета, 1985. – 96 с.
10. Акопов, А.И. Периодические издания [Текст] / А.И. Акопов. – Ростов н/Д.: Изд-во Ростовского университета, 1995. – С. 42-59.

11. Актуальные вопросы журналистики [Текст]. – Душанбе, 2012. – С. 100-112.
12. Асрори, В. Печать Советского Таджикистана [Текст] / В. Асрори // Многонациональная советская журналистика. – М.: МГУ, 1975. – С. 127-130.
13. Ашуров, Д. Фарҳанги рӯзнома ва маҷаллаҳои Тоҷикистон [Матн] / Д. Ашуров. – Душанбе, 1999. – 134 с.
14. Бабаханов, У. СМИ Таджикистана и власть: от конфронтации к диалогу [Текст] / У. Бабаханов //Asia-Plus. – 2004. – 11 марта.
15. Бобохонов, М. Аз таърихи матбуоти даврии Туркистон [Матн] / М. Бобохонов. – Душанбе, 1987. – 280 с.
16. Бокиева, Л.Ф. Формирование общественного мнения в русскоязычных СМИ в Интернет-ресурсах Республики Таджикистан: АКД [Текст] / Л.Ф. Бокиева. – Душанбе, 2015. – 26 с.
17. Бочаров, А.Г. Типология журналов переходного периода [Текст] / А.Г. Бочаров. – М., 1996. – 48 с.
18. Вартанова, Е.Л. Теория СМИ: Актуальные вопросы [Текст] / Е.Л. Вартанова. – М.: МедиаМир, 2009. – 488 с.
19. Вартанова, Е.Л. Типология информационных агентств [Текст] / Е.Л. Вартанова, Г.В. Вирен, Т.И. Фролова // Вестник Московского университета. Серия 10. Журналистика. – 2013. – № 3. – С. 6-30.
20. Воробьев, В.В. Пресса и рынок [Текст] / В.В. Воробьев. – Душанбе, 1995.
21. Воробьев, В. Перестройка. Печать Таджикистана в зеркале перестройки [Текст] / В. Воробьев // Таджикистан. – 1991. – №5. – С. 11-12.
22. Ворошилов, В.В. Типология журналистики [Текст] / В.В. Ворошилов. – СПб., 1998. – 315 с.
23. Ворошилов, В.В. Современная пресс-служба [Текст] / В.В. Ворошилов. – СПб.: Изд-во Михайлова В.А., 2005. – 254 с.
24. Воҳидов, А. Нақши интернет дар дастрасӣ ба иттилоот [Матн] / А.

Воҳидов, Н. Мӯъминҷонов, Н. Раҳмонбердиева. – Душанбе: ҶДММ «Сармад-Компания», 2010. – 68 с.
25. Воҳидов, А. Назокати сиёсии сухан дар матбуоти Тоҷикистон [Матн] / А. Воҳидов, И. Иноятов, Н. Қаршибоев, Н. Раҳмонбердиева. – Душанбе: ҶДММ «Сармад-Компания», 2011. – 80 с.
26. Гулов, С. Истиқлолият ва журналистикаи тоҷик [Матн] / С. Гулов. – Душанбе: Маориф, 2025. – 168 с.
27. Гулмуродзода, П. Публитсистика ва замон [Матн] / П. Гулмуродзода. – Душанбе, 2002.
28. Гулмуродзода, П. Биё биншину бишнав рози тоҷик [Матн] / П. Гулмуродзода. – Душанбе: Эҷод, 2007. – 64 с.
29. Гуревич, С.М. Газета и рынок [Текст] / С.М. Гуревич. – М., 1998. – 240 с.
30. Ғаффоров, У. Айнӣ ва матбуот [Матн] / У. Ғаффоров // Тоҷикистони советӣ. – 1978. – 5 май.
31. Ғоибов, С.Ш. Ташаккул ва инкишофи матбуоти даврии ноҳиявӣ дар Тоҷикистон (дар мисоли нашрияҳои даврии водии Зарафшон). Дисс. номз. илм. фил. [Матн] / С.Ш. Ғоибов. – Душанбе, 2020. – 194 с.
32. Давронов, Д. Нақши матбуоти Тоҷикистон дар рушди иҷтимоию иқтисодӣ ва фарҳангии ҷумҳурӣ: АКД [Матн] / Д. Давронов. – Душанбе, 1984. – 26 с.
33. Закирова, Н. Доступ к информации в Таджикистане: закон и практика [Текст] / Н. Закирова // Центрально-азиатский Медиа-Бюллетень. – 2002. – Август. – С. 9-12.
34. Засурский, Я.И. Закономерности и тенденции развития журналистики в переходный период [Текст] / Я.И. Засурский // Журналистика в переходный период: проблемы и перспективы. – М., 1998. – С. 78-84.
35. Засурский, Я.Н. Журналистика и мир на рубеже тысячелетий. От

книги до Интернета [Текст] / Я.Н. Засурский, Е.Л. Вартанова. – М.: Изд-во МГУ, 2000. – 256 с.
36. Засурский, Я.Н. Информационное общество, интернет и новые средства массовой информации [Текст] / Я.Н. Засурский // Информационное общество. – М., 2001. – № 2. – С. 24-27.
37. Ибодов, Д. Основы правовых знаний для журналистов Таджикистана [Текст] / Д. Ибодов. – Душанбе, 2004. – 368 с.
38. Ибрагимов, А.Х. Типологическая и политико-экономическая трансформация СМИ стран Центральной и Восточной Европы [Текст] / А.Х. Ибрагимов // Зарубежная журналистика. – М., 2010. – С. 92-108.
39. Имомзода, М. Усули таҳқиқ [Матн] / М. Имомзода, С. Маҳдӣ, Б. Қутбиддин. – Душанбе, 2019. – 200 с.
40. Имомзода, М.С., Саъдуллоев, Ҷ.М. Роҳнамои ҷомеаи иттилоотӣ [Матн] / М.С. Имомзода, Ҷ.М. Саъдуллоев. – Душанбе, 2021. – 80 с.
41. Имомов, А. Конституционно-правовые проблемы развития Республики Таджикистан (1992- 1998) [Текст] / А. Имомов. – Душанбе, 1998.
42. Кадыров, А. Из истории создания советской периодической печати в Таджикистане (1924-1929 гг.) [Текст] / А. Кадыров // Из истории культурного строительства в Таджикистане. – Душанбе: Ирфон, 1968. – Вып. 1. – С. 157-173.
43. Кин, Дж. Демократия и средства массовой информации [Текст] / Дж. Кин // Новый взгляд на демократию. – М., 1991. – №2.
44. Колацкая, А.Н. Социокультурное влияние СМИ на возрождение национального самосознания: АКД [Текст] / А.Н. Колицкая. – М., 1999.
45. Комилов, К.И. Место самостоятельных агентств «ASIA-Plus» и «Фергана» в информационном пространстве Таджикистана: АКД [Текст] / К.И. Комилов. – Душанбе, 2015. – 25 с.
46. Корконосенко, С.Г. Основы журналистики: учебник для вузов

[Текст] / С.Г. Корконосенко. – М.: Аспект Пресс, 2001. – 287 с.
47. Кулакова, М.М. Интернет в системе СМИ в Таджикистане: АКД [Текст] / В.В. Кулакова. – Душанбе, 2007. – 26 с.
48. Қутбиддинов, А.Ҳ. Матбуот – ҳамқадами замон [Матн] / А.Ҳ. Қутбиддинов. – Душанбе: Аржанг, 2020. – 192 с.
49. Қутбиддинов, А. Нақши идеологии нашрияҳои маҳаллӣ [Матн] / А. Қутбиддинов // Матбуоти даврии маҳаллии Тоҷикистон: дирӯз ва имрӯз. Ҷилди 1. Мураттиб: М. Муродов. – Душанбе: Аржанг, 2020. – С. 51-61.
50. Қутбиддинов, А.Ҳ. Уфуқҳои публитсистика дар матбуоти маҳаллӣ [Матн] / А.Ҳ. Қутбиддинов. – Душанбе: Аржанг, 2022. – 320 с.
51. Летопись печати Республики Таджикистан. 1-2/1993 [Текст]. – Душанбе, 1993. – 206 с.
52. Лукина, М.М. Интернет-журналистика: Теория и практика [Текст] / М.М. Лукина. – М.: Аспект-Пресс, 2010. – 348 с.
53. Матбуот – оинаи ҳаёт [Матн] // Тоҷикистони советӣ. – 1990. – 5 май.
54. Маҳмадов, А.Н., Асадуллоев, И. Манфиатҳои миллии Тоҷикистон [Матн] / А.Н. Маҳмадов, И. Асадуллоев. – Душанбе: ҶДММ «Авасто», 2009. – 92 с.
55. Мельников, М.Л. Средства массовой информации как фактор урегулирования социально-политического конфликта: АКД [Текст] / М.Л. Мельников. – М., 1992.
56. Мирзоали, С. Деятельность информационных иностранных агентств в Республике Таджикистан: АКД [Текст] / С. Мирзоали. – Душанбе, 2007. – 24 с.
57. Мирзоалӣ, С. Заминаҳои пайдоиши журналистикаи байналхалқӣ [Матн] / С. Мирзоалӣ // Паёми Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ. Бахши илмҳои таърих ва бостоншиносӣ, педагогика ва филология. – Кӯлоб, 2023. – №3 (32). – С. 28-38.
58. Могилевская, Э.В. Информационные агентства в Интернете [Текст] / Э.В. Могилевская // Вестник ВГУ. Серия: филология и

журналистика. – 2007. – №1. – С. 176-184.
59. Муқим, Ҷ. Мақоми жанрҳо дар радиои «Озодӣ» [Матн] / Ҷ. Муқим. – Душанбе, 2000. – 55 с.
60. Муқим, Ҷ. Оинаи хира [Матн] / Ҷ. Муқим // Неруи сухан. – 2004. – 11 март.
61. Муқим, Ҷ. Мавқеъгири журналистони Тоҷикистон дар инъикоси масоили байналхалқӣ [Матн] / Ҷ. Муқим // Журналистикаи байналхалқӣ – 2. – Душанбе, 2009. – С. 8-15.
62. Мулоқоти сарвари давлат Э. Раҳмон бо журналистон [Матн] // Паёми Душанбе. – 1993. – 12 август.
63. Муллоев, Ш.Б., Бабаевой, Ф.Б. Виртуальная коммуникация в рекламе [Текст] / Ш.Б. Муллоев, Ф.Б. Бабаевой // Вестник Университета (Российско-Таджикский (славянский) университет). – Душанбе, 2023. – №2 (80). – С. 140-151.
64. Муродӣ, М., Салимзода, О. Асосҳои эҷоди рӯзноманигорӣ [Матн] / М. Муродӣ, О. Салимзода. – Душанбе: Донишварон, 2022. – 360 с.
65. Муродов, М. Матбуот ва демократикунонии ҷомеа [Матн] / М. Муродов // Шоҳроҳи ваҳдат. – Душанбе, 2002. – №1. – С. 62-71.
66. Муродов, М. Асосҳои фаъолияти эҷодии журналист (Лексияи мухтасар). Қисми 1 [Матн] / М. Муродов. – Душанбе: «Эҷод», 2007. – 64 с.
67. Муродов, М. Донишномаи фарҳанги рӯзноманигорӣ [Матн] / М. Муродов. – Душанбе: Аржанг, 2016. – 480 с.
68. Муродов, М. Роҷеъ ба вазъи пажуҳишҳои илмӣ дар соҳаи ВАО [Матн] / М.Б. Муродов // Матбуоти даврии маҳаллии Тоҷикистон: дирӯз ва имрӯз. Ҷилди 1. Мураттиб: М. Муродов. – Душанбе: Аржанг, 2020. – С. 7-17.
69. Муродов, М. Матбуоти даврии маҳаллии Тоҷикистон ва зарурати пажуҳиши он [Матн] / М. Муродов // Матбуоти даврии маҳаллии Тоҷикистон: дирӯз ва имрӯз. Ҷилди 1. Мураттиб: М. Муродов. – Душанбе: Аржанг, 2020. – С. 18-30.

70. Муродов, М., Ғоибов, С. Аз ташаккул ва инкишофи нашриёҳои даврии водии Зарафшон [Матн] / М. Муродов, С. Ғоибов // Матбуоти даврии маҳаллии Тоҷикистон: дирӯз ва имрӯз. Ҷилди 1. Мураттиб: М. Муродов. – Душанбе: Аржанг, 2020. – С. 77-149.
71. Набавӣ, А. Нахустин рӯзномаи тоҷикӣ ва фарҳанги рӯзноманигорӣ [Матн] / А. Набавӣ. – Душанбе: Эҷод, 2007. – 61 с.
72. Набиев, Р. Роҳҳои таъмини сулҳу салоҳ, ваҳдати миллӣ ва мусолиҳаи шаҳрвандӣ дар ҷумҳурӣ [Матн] / Р. Набиев // Ҷумҳурият. – 1992. – 13 август.
73. Насриддинов, З. Набзи «Ховар» [Матн] / З. Насриддинов. – Душанбе: «Авесто», 2006. – 141 с.
74. Нуралиев, А. Журналистикаи советии тоҷик [Матн] / А. Нуралиев, А. Саъдуллоев, И. Усмонов, У. Гулмуродов. – Душанбе, 1989. – 172 с.
75. Нуралиев, А.Н. Асосҳои ҳуқуқии журналистика [Текст] / А.Н. Нуралиев. – Душанбе, 2005. – 64 с.
76. Нуралиев, А.Н. Проблемы свободы СМИ в условиях глобализации информационного процесса / А.Н. Нуралиев // Свобода СМИ: вопросы формирования современной медиополитики. Материалы республиканской научно-практической конференции. – Душанбе, 2007. – С. 6-8.
77. Панфилов, О. Таджикистан: журналисты на гражданской войне (1992-1997) [Текст] / О. Панфилов. – М.: Права человека, 2003. – 563 с.
78. Погорелый, Ю.А. Информационное агентство: стиль оперативных сообщений [Текст] / Ю.А. Погорелый. – М., 2000. – 145 с.
79. Прохоров, Е. П. Введение в теорию журналистики. 8-е изд., испр. [Текст] / Е.П. Прохоров. – М.: Аспект Пресс, 2011. – 351 с.
80. Расулзода, К.Б. Нақши матбуоти даврии маҳаллӣ дар тарғиби сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ (дар мисоли нашриёҳои даврии «Хатлон» ва «Сафо»). Дисс. ном. илм. фил. [Матн] / К.Б. Расулзода.

– Душанбе, 2024. – 173 с.
81. Раҳмон, Э. Тоҷикистон: дар роҳи демократия ва ҷомеаи мутамаддин [Матн] / Э. Раҳмон. – Душанбе: Ирфон, 1996. – 312 с.
82. Раҳмон, Э. Истиқлолият неъмати бебаҳост [Матн] / Э. Раҳмон. – Душанбе, 2001. – 94 с.
83. Раҳмон, Э. Суханронии Эмомалӣ Раҳмон, Асосгузори сулҳи ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар маросими ифтитоҳои муассисаҳои давлатии телевизиони «Варзиш», «Синамо» ва «Академияи воситаҳои ахбори оммаи Тоҷикистон», шаҳри Душанбе, 1 марти соли 2016 [Матн] / Э. Раҳмон // Ҷумҳурият. – 2016. – 2 март.
84. Руководство по мониторингу нарушений прав журналистов и СМИ [Текст]. – Душанбе, 2004.
85. Сабт аст бар ҷаридаи олам давоми мо (Маҷмуаи мақолаҳо роҷеъ ба дирӯзу имрӯзи матбуоти тоҷик) [Матн]. – Душанбе, 2003. – 120 с.
86. Сабуров, А. Роль средств массовой информации в освещении международной деятельности Республики Таджикистан (1991-1995гг): АКД [Текст] / А. Сабуров. – Душанбе, 1996. – 20 с.
87. Салимзода, О. Озодии матбуот – меъёри кишвари мутамаддин [Матн] / О. Салимзода // Посух. – 1995. – 14 апрел.
88. Салихов, Н. Проблемы подготовки журналистских кадров в ВУЗах Таджикистана [Текст] / Н. Салихов // Сборник статей по вопросам журналистского образования. – Душанбе: ООО «Азия-принт», 2008. – С. 26-32.
89. Садуллоев, А. Современность и проблемы развития таджикской советской публицистики: АКД [Текст] / А. Садуллоев. – Душанбе, 1978. – 27 с.
90. Садуллоев, А., Салихов, Н. Техника и технология средств массовой информации [Текст] / А. Садуллоев, Н. Салихов. – Душанбе: Ирфон, 2009. – 246 с.
91. Садуллоев, А. Горизонты публицистики [Текст] / А. Садуллоев. –

Душанбе, 2009. – 312 с.

92. Саъдуллоев, А. Наҷвои наҷотофарин. Маҷмуаи мақолаҳо [Матн] / А. Саъдуллоев. – Душанбе, 2008. – 112 с.
93. Саъдуллоев, А., Шоев, М. Асосҳои журналистикаи телевизион [Матн] / А. Саъдуллоев, М. Шоев. – Душанбе, 2010. – 112 с.
94. Саъдуллоев, А., Солеҳов, Н. Муаммои назарияи публитсистика [Матн] / А. Саъдуллоев, Н. Солеҳов. – Душанбе: «Дақиқӣ», 2015. – 184 с.
95. Сироҷзода, Н.Р. Асадулло Саъдуллоев – муҳаққиқи публитсистикаи муосири тоҷик. Дисс. номз. илм. фил. [Матн] / Н.Р. Сироҷзода. – Душанбе, 2025. – 167 с.
96. Структура общества и массовое сознание [Текст]/ Отв. Редактор: Козырева П.М. – М.: РАН, 1994. – 133 с.
97. Султанов, М. Периодическая печать независимого Таджикистана: учеб. пособие [Текст] / М. Султанов. – Душанбе, 2010. – 224 с.
98. Султонов, М.М. Периоды развития таджикской журналистики [Текст] / М.М. Султонов // Ломоносов-2004. Материалы научной конференции студентов, аспирантов и молодых ученых. Секция «Журналистика». – Часть I. – 2004. – С. 32-38.
99. Султонов, М.М. Таджикские СМИ в эмиграции [Текст] / М.М. Султонов // Медиальманах. – 2005. – №4. – С. 35-42.
100. Усмонов, И. Саҳифаи дурахшони матбуоти тоҷик [Матн] / И. Усмонов // Коммунисти Тоҷикистон. – 1976. – № 3. – С. 87-92.
101. Усмонов, И.К., Давронов, Д. Таърихи матбуоти тоҷик [Матн] / И.К. Усмонов, Д. Давронов. – Душанбе, 1997. – 158 с.
102. Усмонов, И.К. Воситаҳои ахбори омма ва сиёсати хориҷии Тоҷикистон [Матн] / И.К. Усмонов. – Душанбе, 2003. – С. 110-126.
103. Усмонов, И. Қонунҳои Тоҷикистон дар бораи васоити ахбори омма [Матн]/ И. Усмонов. – Душанбе, 2003.
104. Усмонов, И.К. Журналистика. Қ. 1 [Матн] / И.К. Усмонов. – Душанбе, 2005. – 478 с.

105. Усмонов, И.К. Журналистика. Қ. 2 [Матн] / И.К. Усмонов. – Душанбе, 2005. – 200 с.
106. Усмонов, И.К., Давронов, Д. Таърихи журналистикаи тоҷик [Матн] / И.К. Усмонов, Д. Давронов. – Душанбе, 2008. – 280 с.
107. Усмонов, И.К. Журналистика. Ҷ. 3 / И.К. Усмонов. – Душанбе, 2008. – 448 с.
108. Усмонов, И.К. Журналистика. Ҷ. 4 / И.К. Усмонов. – Душанбе, 2011. – 473 с.
109. Усмонов, И.К. Таъсири ВАО ба ташаккули фазои иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн]/ И.К. Усмонов // Масъалаҳои актуалии журналистика. – Душанбе, 2012. – С.100-112.
110. Усмон, Н. Роль таджикской печати в упрочении мира и единства / Усмон Назир [Текст] // Исторический опыт миротворчества в Таджикистане. – Душанбе, 2001. – С. 207-208.
111. Фарҳанги рӯзномаҳо ва маҷаллаҳои Тоҷикистон [Матн]. – Душанбе, 1999.
112. Холов, Ш.Я. Пайдоиш ва ташаккули радиоҳои иттилоотиву фароғатӣ дар Тоҷикистон (дар мисоли радиоҳои «Имрӯз» ва «Ховар»). Дисс. ном. илм. фил. [Матн] / Ш.Я. Холов. – Душанбе, 2023. – 193 с.
113. Хомидов, Д.Б. СМИ в контексте информационной безопасности Республики Таджикистан: АКД [Текст] / Д.Б. Хомидов. – Душанбе, 2013. – 26 с.
114. Хоҷазод, С. Таърихи радиои тоҷики Тоҷикистон. Қ. 1 [Матн] / С. Хоҷазод. – Душанбе: Деваштич, 2006. – 144 с.
115. Ҳайдаршо, Х. Дар сар задании ҷанги бародаркушӣ рӯзномаҳо саҳм доранд [Матн] / Х. Ҳайдаршо // Ҷумҳурият. – 1993. – 8-9 июн.
116. Ҳамидиён, И.И. Воситаҳои ахбори оммаи корпоративии Тоҷикистон: масъалаҳои пайдоиш, ҳолати имрӯза ва дурнамо. Дисс. док. илм. фил. [Матн] / И.И. Ҳамидиён. – Душанбе, 2024. – 381 с.

117. Ҳамрақулова, Н. Матбуот ва низои байни тоҷикон [Матн] / Н. Ҳамроқулов. – Душанбе, 2003. – 108 с.
118. Ҳасанова, А. ВАО ва муқовимати сиёсӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Ҳасанова. – Душанбе, 2011. – 53 с.
119. Цыганков, А.П. Современные политические режимы: структура, типология, динамика [Текст] / А.П. Цыганкова. – М.: Интерпракс, 1995. – 211с.
120. Ҷумъаев, М. Баъзе вижагиҳои таҳқиқот дар соҳаи фарҳанг [Матн] / М. Ҷумъаев. – Душанбе: Аржанг, 2020. – 208 с.
121. Ҷумъаев, М. Пайдоиш ва ташаккули рӯзномаҳо ҳамчун маҳсулоти табъу нашр [Матн] / М. Ҷумъаев // Матбуоти даврии маҳаллии Тоҷикистон: дирӯз ва имрӯз. Ҷилди 1. Мураттиб: М. Муродов. – Душанбе: Аржанг, 2020. – С. 62-76.
122. Шарипов, С.И. Мушкилоти омода намудани мутахассисони ВАО [Матн] / С.И. Шарипов // Паёми Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ. Бахши илмҳои таърих ва бостоншиносӣ, педагогика ва филология. – Кӯлоб, 2023. – №4-1 (33). – С. 52-57.
123. Шарифзода, К. Тенденции развития журналистики в современном Таджикистане [Текст] / К. Шарифзода // Сборник статей по вопросам журналистского образования. – Душанбе: «Азия-принт», 2008. – С. 69-74.
124. Шарифзода, Қ. Аввалин рӯзномаи тоҷикӣ [Матн] / Қ. Шарифзода. – Душанбе, 2006. – 72 с.
125. Энсиклопедияи советии тоҷик. Ҷ. 6. Матбуот, Радио. Телевизион [Матн]. – Душанбе, 1986. – 512 с.
126. Яқубова, Д.А. Иттилоъ ва махсусияти он [Матн] / Д.А. Яқубова. – Душанбе, 2017. – 44 с.

## II. Манобеи электронӣ:

127. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон [Манбаи электронӣ] //

Низоми дастрасӣ: https://mfa.tj/tg/main/tojikiston/konstitutsiya
128. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ» [Манбаи электронӣ] // Низоми дастрасӣ: https://mmk.tj/system/files/Legislation/508_tj.pdf
129. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи матбуоти даврӣ ва дигар воситаҳои ахбори омма» [Манбаи электронӣ] // Низоми дастрасӣ: https://mmih.tj/SEARCH/DocumentView?DocumentId=118862
130. Паймони аврупоӣ «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи инсон ва озодиҳои асосии ӯ» [Манбаи электронӣ] // Низоми дастрасӣ: https://amit.tj/tj/sanadkhoi-baynalmillali-va-milli-oid-ba-khifzi-khukuki
131. Паймони байналхалқӣ «Дар бораи ҳуқуқҳои фитрӣ ва сиёсӣ» [Манбаи электронӣ] // Низоми дастрасӣ: https://mfa.tj/uploads/main/2020/12/10-Paimoni-bainalkhalqi-oid-ba-huquqhoi-shahrvandi-va-siesi.pdf
132. Суханронии Эмомалӣ Раҳмон дар маҷлиси тантанавӣ бахшида ба 100-солагии матбуоти тоҷик [Манбаи электронӣ] // Низоми дастрасӣ: https://khovar.tj/2012/03/suhanronii-e-ra-1203-mon-dar-ma-1207-lisi-tantanav-1251-bahshida-ba-100-solagii-matbuoti-to-1207-ik/
133. Эъломияи ҷаҳонии ҳуқуқи башар [Манбаи электронӣ] // Низоми дастрасӣ: https://mfa.tj/uploads/main/2020/12/1-E-lomiyai-umumii-huquqi-bashar.pdf
134. Якубов, Дж.К. Глобализация и проблемы информационной безопасности [Электронный ресурс] // Режим доступа: http://tsulbp-journal.narod.ru /jurnal /matn_2/yakubov_ch_k.html

## Б) РӮЙХАТИ ИНТИШОРОТИ ИЛМИИ ДОВТАЛАБИ ДАРАҶАИ ИЛМӢ

**I. Таълифоти муаллиф дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон:**

[1-М]. Сафаралӣ, А. (Сафарализода, А.С.). Вижагиҳои мустақилгардии ВАО-и тоҷик [Матн] / Абдуҷаббори Сафаралӣ // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2018. – №8. Қисми II. – С. 254-257.

[2-М]. Сафаралӣ, А. Баъзе масъалаҳои таҳқиқи назариявии гузариши ВАО-и вобаста ба мустақил [Матн] / Абдуҷаббори Сафаралӣ // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2019. – №5. – С. 276-279.

[3-М]. Сафаралӣ, А. Заминаҳои сиёсӣ-ҳуқуқии ташаккули матбуоти даврӣ [Матн] / Абдуҷаббори Сафаралӣ // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2019. – №6. – С. 308-312.

[4-М]. Саъдуллоев, Ҷ.М., Сафаралӣ, А.. Ожонсиҳои иттилоотӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Ҷамшед Саъдуллоев, Абдуҷаббори Сафаралӣ // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2022. – №6. – С. 233-238.

**II. Мақолаҳои муаллиф дар маҷмуаҳо ва нашрияҳои дигари илмӣ:**

[5-М]. Сафарали, А. Информационная политика и СМИ в Республике Таджикистан [Текст] / Абдуджаббори Сафарали // Вестник Кулябского государственного университета имени Абуабдуллох Рудаки. Серия исторические и археологические, педагогические и филологические науки. – Куляб, 2019. – №2 (23). – С. 123-128.

[6-М]. Сафаралӣ, А. Терроризм – доғи рӯз (андешаҳо дар асоси маводди матбуоти даврӣ) [Матн] / Абдуҷаббори Сафаралӣ // Маводди конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявии ҳайати профессорону омӯзгорон ва донишҷӯён оид ба натиҷагирии корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ дар соли 2019 бахшида ба солҳои 2020-2040 – «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ дақиқ

ва риёзӣ» (ш. Кӯлоб, 23-25 апрели соли 2020). – Кӯлоб, 2020. – С. 347-349.

[7-М]. Сафаралӣ, А. Нақши санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ дар ташаккул ва рушди матбуоти даврии тоҷик [Матн] / Абдуҷаббори Сафаралӣ // Маводди конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ дар мавзуи «Таъсири интернет ва расонаҳои рақамӣ дар мусоидат ба таърихи васоити ахбори омма ва омӯзиш дар замони муосир» (ш. Кӯлоб, 3-юми майи соли 2025). – Кӯлоб, 2025. – С. 41-44.